Ш. АБДУЛЛОЕВ, М. МУЗАФФАРӢ, Ғ. МИРЗОЕВ

# ТАЪРИХИ ДИН



9

**Ш. АБДУЛЛОЕВ, Ғ. МИРЗОЕВ, М. МУЗАФФАРӢ**

# ТАЪРИХИ ДИН

**Китоби дарсӣ барои синфи 9**

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия кардааст**

**ДУШАНБЕ**
**«МАОРИФ»**
**2015**

**ББК-28. 6 Я 72+74. 262. 86**
**М-67**

**М-67**. Ш. Абдуллоев, Ғ. Мирзоев, М. Музаффарӣ. **Таърихи дин.** Китоби дарсӣ барои синфи 9. – Душанбе, «Маориф», 2015, 176 саҳ.

**Хонандаи азиз!**

**Китоб сарвати бебаҳо, сарчашмаи дониш ва манбаи маърифат аст. Кӯшиш кун, сифату вазъи онро хуб нигоҳ дошта, ба дасти наслҳои оянда бирасон, то мавриди истифодаву баҳрагирии онҳо низ қарор гирад.**

**Истифодаи иҷоравии китоб**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали соли таҳсил | Охири соли таҳсил |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**Нашри китоби мазкур яке аз кӯшишҳои аввалин дар самти омӯзиши таърихи дин барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошад. Хоҳишмандем, фикру мулоҳизаҳои худро ба нишонии 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад 45, ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол кунед, то дар нашрҳои минбаъда ба инобат гирифта шаванд.**

**ISBN 978-99947-1-000-0** **© «Маориф», 2015.**

# МУҚАДДИМА

Дин чун рукни фарҳанг то ба имрӯз дар ҷомеа таъсир ва нақши муайяне дорад. Он дар тарбияи ахлоқии ҷомеа ва шаклгирии ахлоқи шахс бевосита саҳм мегирад.

Дониши мукаммал дар бораи дин ҷаҳонбинии инсонро васеъ намуда, таҳаммулпазирии ӯро қавӣ месозад ва дар омӯзиши таърихи фарҳанг кумак мерасонад. Аз ин лиҳоз ва бо мақсади фаҳмиши тамоми унсурҳои шуури ҷомеа таълими таърихи дин барои хонандагон муҳим ва зарур аст.

Дар китоби пешниҳодшуда ба қадри имкон дар бораи тамоми динҳои бостонӣ ва муосир маълумот оварда шудааст. Сохтори китоб мутобиқи усули таснифи таърихии динҳо ва аз рӯйи умумияти фарҳангиву тамаддунӣ тартиб дода шудааст. Чунин усул барои таҳқиқот ва шинохти динҳои гуногун муфид аст. Мувофиқи таснифи таърихӣ, аввал динҳои табиӣ ва қадима, баъдан динҳои муосир баррасӣ шудааст. Дар навбати худ динҳои муосир аз рӯйи ҳавзаҳои тамаддунӣ ба се гурӯҳ: динҳои ҳиндуориёӣ, динҳои чинӣ ва Ховари Дур ва динҳои сомӣ тақсим шудаанд.

Дар қисмати охири китоб дар бораи дину мазҳабҳои маъруфтарини ғайрисуннатӣ маълумот оварда шудааст. Инчунин, дар ин китоб бо назардошти нуфузи дини ислом ва динҳои қадимаи ориёӣ дар фарҳанги миллии мардуми тоҷик ва умуман тамоми мардуми ориёитабор ва дигар қавму миллатҳои маскуни минтақаи Осиёи Марказӣ маълумоти муфассалтаре ба хонандагон пешкаш шудааст.

Фанни таърихи дин пайдоиш, таҳаввулу пешрафти динҳои мухталиф ва шохаву равияҳои ақидатӣ, инчунин маросимҳои онҳоро меомӯзад. Маълумоти муфассал дар бораи пайдоиш, инкишоф ва вобастагии онҳо бо ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ, барои пайдо намудани тасаввуроти

равшан дар бораи динҳо хеле муҳим аст. Ҳамчунин, таърихи дин робитаи ғоявии таълимоти гуногуни ақидатӣ ва ахлоқии халқҳоро меомӯзад. Ин таърих собит месозад, ки фарҳангҳои қавму халқиятҳои гуногун умумияти байниҳамдигарӣ дошта, аз ҳамдигар меомӯзанд ва илҳом мегиранд. Имрӯз низ ин умумиятҳо бояд дар ҷомеаи башарӣ барои бунёди як фазои таҳаммулпарвар мавриди истифода қарор гиранд.






## §1. ФАННИ «ТАЪРИХИ ДИН» ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

Таърихи дин ҳамчун фанни таълимӣ шароит ва заминаҳои таърихии пайдоиш ва таҳаввулу пешрафти динҳои мухталиф ва равияҳову маросимҳои онҳоро дар тӯли таърихи инсоният меомӯзад. Маълумот дар бораи пайдоиш, рушд ва вобастагии онҳо бо воқеаҳои таърихӣ, барои пайдо намудани тасаввуроти пурра дар бораи динҳо хеле муҳим аст.

Ин фан динҳоро тибқи давраи пайдоиш, хусусияти гузаришашон аз як шакл ба шакли дигар ва зуҳуру азбайнравии онҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дар айни замон, фаҳмиши мавзӯъҳо ва масъалаҳои зиёде, ки дар бахши таърих, адабиёт, фарҳанг, ахлоқ ва ғайра омӯхта мешаванд, бе омӯзиши марҳалаҳои инкишофи таърихии дин душворӣ ба вуҷуд меоварад.

Дин ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ метавонад ҷавҳари ҷаҳонбинии диниро ташкил диҳад. Таърихи дин аз таърихи худи инсонҳо, ташаккули ҷаҳонбинии онҳо ва умуман ҷомеаи инсонӣ ҷудо нест ва он сарвату ғановати муайяни таърихиро дар иртибот бо дигар дастовардҳои фарҳанг меомӯзад. Аз ин нигоҳ, фанни «Таърихи дин» бо илми таърихи ҷомеа ва таърихи халқу миллатҳои гуногун робитаи қавӣ дорад ва як қисми таърихи фарҳанг ба ҳисоб меравад. Ин фан хусусияти таърихиву хронологӣ дорад, ки пайдоишу тағйири динҳоро бо тамоми гуногуншаклӣ ва хусусиятҳои давраӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медиҳад.

Фанни «Таърихи дин» ба донишҳое, ки муҳити маънавӣ ва шуури ҷамъиятиро таҳқиқ мекунанд, алоқаи зич дорад. Дин ва фалсафа ҳамчун дониши гуногунусул дар ташаккулёбии ҷаҳонбинии инсон нақши амиқ доранд, бинобар ин онҳо байни ҳамдигар ҳамчун дониши

ҷаҳонбиниофар дар иртибот ҳастанд. Дар таркиби шуури динӣ – ҳамчун шакли шуури ҷамъиятӣ маросимҳо, расму оинҳо, парастиш ва ғайра мавқеи муайян доранд, ки онҳо ба рӯҳияи мардум таъсир мерасонанд. Аз ин лиҳоз фанни «Таърихи дин» ба илми равоншиносӣ, ки вазъ ва ҳолати рӯҳию равонии инсонро меомӯзад, робита дорад. Аз сабаби он ки дин дар тӯли таърих идеологияи ҳоким ва шакли шуури бартаридоштаи ҷомеа буд, он ба дигар ҷузъиёти фарҳанг, аз қабили адабиёт, санъат, меъморӣ ва ғайраҳо таъсир расонида, мазмуну мундариҷа ва ғояи онҳоро муайян менамуд.

Бинобар ин ҳадафи фанни «Таърихи дин» шинос намудани хонандагон ба таърихи пайдоиш ва тағйирёбии динҳо, равияҳои онҳо, робитаву таъсири байниҳамдигарии динҳои гуногун мебошад. Фанни «Таърихи дин» чун шакли дониш аз рӯйи ҳадафу мазмуни худ ҳам аз атеизм, ки хусусияти инкорӣ дорад ва ҳам аз теология, ки хусусияти эътиқодӣ дорад, фарқ мекунад. Ин фарқ дар он аст, ки таърихи дин аз мавқеи идеологию сиёсии ба ягон ҳизбу ҳаракат ва назарияи инкорию эътиқодӣ ва таблиғӣ вобастагӣ надорад. Ҳадафи аслии «Таърихи дин» додани маълумоти кофӣ дар бораи пайдоиш ва таҳаввулоти динҳои гуногун мебошад.

Таърихи ҷамъият нишон медиҳад, ки агарчи дин дар ташаккули фарҳанги башарӣ, дар тарбияи ахлоқиву маънавӣ ва инчунин дар муттаҳидсозии инсонҳо нақши мусбӣ дорад, вале мавридҳое мешавад, ки гурӯҳҳои иртиҷоӣ онро ба мақсадҳои ғаразноки худ истифода мебаранд. Дар зери шиори дин ҷангҳои хунину кушторҳои зиёде ба анҷом расидаанд. Намояндагони илму маърифатро бо баҳонаи ширку бидъат ва кофирию бединӣ таъқибу куштор кардаанд. Ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии ин равишро дар тамоми тӯли таърих мушоҳида кардан мумкин аст. Яъне муайян намудани ҷойгоҳи воқеии дин дар робита бо

ҳама унсурҳои иҷтимоию фарҳангияш ва ба сӯи созандагӣ ва пешрафт равона кардани он яке аз ҳадафҳои дигари ин фан мебошад.

Ҳамчунин, маълум аст, ки омӯхтани паҳлуҳои алоҳидаи динҳо, махсусан таърихи онҳо, ҳанӯз аз замонҳои қадим ба ҳукми анъана даромада, дар доираҳои таълиму тарбия пиромуни онҳо баҳсу баррасиҳои зиёде шудааст. Чунин масъалаҳо пеш аз Аврупо дар кишварҳои Шарқ рӯйи кор омада буд. Бо ин мазмун асарҳои зиёдеро ном бурдан мумкин аст. Масъалаҳои дин ва диншиносӣ дар осори олимони маъруфи тоҷик Форобӣ, Ибни Сино, Берунӣ ва дигарон мавриди омӯзиш қарор доштааст.

Махсусан, нақшу мақоми донишманд ва мутафаккири номӣ Абӯрайҳони Берунӣ дар ин соҳа хеле бузург аст. Ӯ дар асари машҳури худ «Осор-ул-боқия» доир ба парастишу эътиқодҳои мазҳабии зардуштиён, собеиён, ҳаррониён, маздакиён, монавиён, буддоиён, масеҳиён ва ғайра маълумоти муҳиме додааст, ки то имрӯз аҳамияти илмиву амалии худро гум накардаанд. Дар баробари маълумоти диншиносӣ ӯ пиромуни тақвимҳо, маросимҳо ва ҷашну идҳои онҳо низ маълумоти фаровон додааст. Аз ин рӯ масоили таърихи дин ва диншиносӣ аз қадим мавриди таваҷҷуҳи аҳли илму адаб буда, омӯхтани он имрӯз ҳам барои ҷомеа аз аҳамият холӣ нест.

Савол ва супориш

1. Фанни «Таърихи дин» чиро меомӯзад?
2. Фанни «Таърихи дин» бо кадом фанҳо алоқаманд аст?
3. Хусусият ва мақсади ин фан аз чӣ иборат аст?
4. Омӯхтани фанни «Таърихи дин» барои замони мо чӣ аҳамият дорад?

## §2. ДИН ҲАМЧУН ПАДИДАИ ТАЪРИХИВУ ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГӢ

Дар масъалаи омӯзиши дин ва таърихи он пеш аз ҳама донистани чараёни пайдоиш ва таҳаввули динҳо муҳим мебошад, зеро масъалаи пайдоиш ва заминаи зуҳури дин яке аз масоили умдае барои фаҳмиши масъалаҳои илмию усулӣ хизмат мекунад. Дар масъалаи пайдоиши динҳо баҳсу мунозираҳои зиёде дар илмҳои таърих, диншиносӣ, фарҳангшиносӣ, фалсафа ва ғайра анҷом гирифтааст. Сабаби пайдоиши дин табиати биологии ҳаёти иҷтимоии худи инсон аст. Дар раванди омӯзиши таърихи дин саволҳои зиёде ба миён меоянд. Оғози дин дар ҷамъияти инсонӣ кай шурӯъ шудааст ва шаклҳои нахустини диндорӣ чӣ гуна будаанд? Агар дин талаботи табиати ҳаёти биологии инсон бошад, пас дар ибтидои пайдоишаш бо дигар шаклҳои шуур, аз қабили ахлоқу санъат чӣ робита ва таъсире доштааст, ки онҳоро омили рушди дин медонанд. Ё кадоме аз онҳо дар таҳаввули маънавиёти инсон аввалин ва муҳимтар будааст? Дар фарҳанги инсонӣ баробари дин устура (мифология) низ вуҷуд дошт, дин бо он чӣ умумият ва фарқ дошт? Инҳо саволҳое мебошанд, ки инсоният дер боз ба онҳо ҷавоб меҷӯяд.

Дар ибтидои таърихи инсоният давраҳое буданд, ки одамон эҳтиёҷ ба дин надоштаанд, шуури онҳо то ба фаҳмиши моҳияти ҳодисаҳои олами атроф инкишоф наёфта буд. Унсурҳои эътиқод дар байни онҳо вуҷуд надошт ва ин марҳаларо марҳалаи бединӣ номидаанд.

Мувофиқи маълумоти илмӣ, таърихи пайдоиши инсон дар рӯйи Замин наздик ба 2,5 то 3 миллион сол муайян шудаст, вале давраи диндории одамон як ҳиссаи ночизи ин таърихи тӯлониро ташкил мекунад. Олимон ба иттифоқи назар, аксарият, пайдоиши динҳоро ҳадди аксар ҳудуди 30-40 ҳазор сол пеш аз ин, дар давраи палеолити поёнӣ

(яъне асри сангии барвақт) муайян кардаанд. Пас маълум мешавад, ки зиёда аз 2 миллиону 960 ҳазор сол инсоният бе дин зиндагӣ кардааст. Яъне то ин давра ҳанӯз шароите барои аз имконият ба воқеият омадани фитрати динии инсон ба вуҷуд наомада буд. Таҳқиқоти нишемангоҳҳо ва қабрҳои қадимтарини одамон (архантропҳо)[1] ба олимон ҳеҷ гуна далелҳое, ки мустақим ё ғайри мустақим ба диндории онҳо далолат кунанд, то ҳол чизе надодааст. Дин ҳатто панҷсад ҳазор сол пеш аз ин, дар назди ҷонварони шабеҳи инсон аз қабили «питекантроп»-ҳо ва «синантроп»-ҳо низ вуҷуд надоштааст, зеро аз баррасии нишемангоҳҳо ва манзилҳои онҳо далеле, ки камтарин далолат ба диндории онҳо кунад, пайдо нашудааст.

Донишмандон, ба иттифоқи назар инсони неандерталро,[2] ки дар асри сангини боло зистааст, нахустодами диндор дар рӯйи замин мешуморанд, ки мобайни сад то бисту панҷ ҳазор сол пеш аз ин мезистааст. Кофтуковҳои археологӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ашёҳое аз қабили олатҳои сангин ва устухонҳои ҳайвонот, ки аз қабрҳои онҳо пайдо кардаанд, ба он далолат мекунад, ки дар эътиқодоти онҳо парастиши арвоҳ вуҷуд доштааст. Вале ин ақида низ вуҷуд дорад, ки одамони ин давра чунин мепиндоштанд, ки амвот (мурдаҳо) як навъ ҳаёти ҷисмонӣ ва номаълуме доштаанд. Баъзе ашё ва осоре, ки дар ҷойҳои зист ва қабрҳои ин одамон ёфт шудаанд, далолат аз навъи эътиқод ва боварҳои онҳо мекунанд.

[1] **Архантроп** – истилоҳест аз юнонӣ барои ифодаи навъҳои одамони қадим аз навъи питекантропҳо (юн. pithekos маймун+antropos одам) ва синантропҳо (Sina – Хитой +antropos одам – одами қадимае, ки боқимондааш дар Хитой, наздикии Пекин ёфт шудааст) .

[2] **Неандертал** (номи водии Неандертал дар Олмон – ҷойи аввалин бозёфти боқимондаи одамони қадим аст, ки соли 1856 кашф шуда) – навъи одамони ҳафриётии қадим мебошад, ки дар таҳаввули инсоният маҳалле байни питекантроп ва одамони ҳозираро ишғол мекардаанд.

Аз ҷумла дар қабрҳои мурдагони худ ғизову таом ва ҳамчунин асбоби ҷангу набард ва ғайраро дафн кардаанд, ки бо ин метавон тахмин кард, ки онҳо як навъ бовар ба зиндагии баъд аз марг доштаанд.

Чун аз ин марҳалаи таърихӣ бигзарем, ба олитарин сатҳи фарҳанги асри санг (палеолит) мерасем, ки ин давра замони ҳудуди 25-40 ҳазор сол ё 18-40 ҳазор сол пеш аз инро дар бар мегирад. Дар ин давра одамони шабеҳи мо, ки онҳоро кроманионҳо (Cro-Manions)[3] номидаанд, зиндагӣ мекарданд. Кроманионҳо одамони оқил (Homo Sapiens)-и дорои қобилияти тафаккури абстрактиро меноманд.

Кроманионҳо дарвоқеъ нажоде аз башари ҳақиқии камолёфта буданд, ки косахонаи сари онҳо як миқдор бузургтар назар ба косахонаи сари инсони имрӯза, баландқоматтарин ва танумандтарин нажоди инсонӣ ҳисобида мешаванд. Ба ақидаи баъзе антропологҳо, одамони ин давра ба одамони имрӯза монандӣ доштанд. Онон аз маҳалҳои худ кӯч баста, ба минтақаҳои беҳтар мерафтанд ва маскани асосии онҳо ғорҳо ва шуғли ягонаашон шикори ҳайвонот будааст.

Одамони давраи номбаршуда низ монанди гузаштагони худ мурдаҳои худро дар назди мағораҳо ва паноҳгоҳҳояшон бо аслиҳа ва хӯрок дафн мекарданд. Ҳангоми дафн як амали аҷиб анҷом медоданд, ки он бо ранги сурх оро додани бадани мурдагон буд. Воқеан, ин гурӯҳи одамони қадимаи биёбонӣ нисбат ба қавмҳои пешина пешрафтатар ба ҳисоб мерафтанд, ки дар сангҳои мағораҳои ҷойи зисти худ нақшу нигор ва кандакорӣ мекарданд. Мавзӯи нақшу нигори онон бештар ҳайвоноти шикорӣ, аз қабили аспҳо, говҳо, хирсҳои азимҷусса ва ғайра буданд. Сурати одамонро низ кандакорӣ мекарданд,

[3] **Кроманионҳо** (аз номи ғори Кро-Манион дар Фаронса, ки маҳалли аввалин бозёфти боқимондаҳои ҳафриётии одамон аст) – навъи одамони шабеҳи одамони муосир, ки дар Аврупо мезистаанд ва аз неандерталҳо хеле фарқ мекардаанд.

ки асосан дар камари кӯҳҳо дида мешуд.

Сабаби кандакорӣ шудани ин расму муҷассамаҳо ва сирру асрори дар онҳо нуҳуфта то дер замон барои олимон пӯшида буд. Вале аз рӯйи нишондоди имрӯза маълум мешавад, ки дар ин нақшҳои ҳайвонот як сеҳр нуҳуфта аст ва инсони он замона бо воситаи сеҳр он нақшро чизи зинда ҳисоб мекард ва дар навбати худ ғалаба ва пирӯзиашро бар ин ё он ҳайвони ваҳшӣ ифода менамуд. Одамони қадим пеш аз он ки ба шикори ҳайвонот бароянд, дар як гӯшае ҷамъ меомаданд ва бар рӯйи ин суратҳо ранг мекашиданд ва сипас ба умеди пирӯзӣ аз мағораҳо берун мебаромаданд.



Қабилаҳои ибтидоӣ чунин ақида доштанд, ки тамоми мавҷудот дорои рӯҳе ҳастанд, ки дар ботини онҳо пинҳон аст.

Одамон низ дорои чунин рӯҳ мебошанд, ки ҳангоми хоб дидан баданро муваққатан тарк мекунад. Инчунин чун марг фаро мерасад, рӯҳ баданро абадан тарк мекунад. Дар тасаввуроти одамони ҷомеаи ибтидоӣ, рӯҳҳо (арвоҳ) соҳиби сурат, шакл, эҳсосот, авотиф ва соҳиби қувваи иродаанд, яъне монанди одамони зинда онҳоро метавон раҳнамоӣ ва ё хушнуд кард. Дар сурате агар онҳо норозӣ

ва ғазабнок шаванд, пас метавонанд зарар бирасонанд.

Ҳамин тариқ, аз маълумоте ки то ин ҷо ба тарзи фишурда баён шуд, аён мегардад, ки дин дар ҷамъияти инсонӣ аз азал мавҷуд набуда, пайдоишаш чандин омилҳо ва решаҳо дорад, ки онҳоро яке аз қисматҳои дигари илми фанни диншиносӣ – фалсафаи дин таҳқиқ ва баррасӣ мекунад. Ин ҷо ҳаминро бояд таъкид кард, ки имконияти пайдоиши динҳо ҳамон вақт ба вуҷуд меояд, ки инсон қобилияти ҷудо кардани худ аз табиат пайдо кард ва ақлу тафаккури абстрактиро дар тинати худ ҳис намуд. Чунин имконият ва қобилият дар инсони таърихӣ танҳо дар давраи палеолит (25-100 ҳазор сол пеш) шурӯъ шуда, то давраи неолит (асри сангини нав 5-7 ҳазор сол пеш) ташаккул ёфтааст ва ҳамзамон пайдоиши аввалин тасаввуроти содаи динӣ дар ҳамин давра оғоз шудааст. Бояд тазаккур дод, ки инсон дар ин давра он чиро мепарастид, ки дар тасаввурот ва ҷаҳонбиниаш онро зинда ва фаъол мепиндошт. Ҳамчунин онро намоянда ва ё рамзи як қувваи фаъол ва махфии дигар медонист.

Ин давраро метавон давраи худшиносии инсон, давраи тазаккуру ёдоварии моҳияти хештан, давраи нашъунамои моҳияти фитрию зотии инсон номид. Ин раванди худшиносии инсон дар давраҳои баъдӣ низ то пайдоиши динҳои тавҳидӣ қатъ нашудааст.

Хусусияти диндории давраи неолит ҳанӯз чандон равшан нест. Танҳо ҳаминро метавон қайд кард, ки дар ин давра парастиши худо (олиҳа)-и зан, ки шояд олиҳаи ҳосилхезӣ ва ё парастиши моҳ бошад, вуҷуд доштааст. Аз мураккаб шудани маросими дафн маълум мешавад, ки тасаввуроти одамон дар бораи рӯҳ ва ҳаёти пасазмаргӣ инкишоф ёфта будааст. Баъдтар, дар давраи биринҷӣ парастиши офтоб ривоҷ пайдо мекунад.

Хулоса, метавон гуфт, ки аввалан, назарияи дар бораи азалӣ (аз оғози вуҷуд) диндору яктопараст (прамонотеист)

будани инсон асоси илмӣ надорад. Барои исботи ин назария ҳеҷ далели боварибахши илмӣ наметавон овард, агарчи таълифоти динӣ эътиқодро азалӣ дониста, онро ба масъалаи офариниши оламу одам пайваст кардаанд. Сониян, фанни диншиносӣ ҳодисаи ҷамъиятӣ будани дин ва вуҷуди давраи тӯлонии бединиро дар таърихи инсоният қабул дорад. Сеюм, ҳодисаи ҷамъиятӣ будани дин, маънии таъсир надоштани омили фитриву зотии инсонро надорад, балки маҷмӯи ин ду омил ва авомили дигар дар якҷоягӣ ба пайдоиши дин сабаб шудаанд. Дар сурати набудани яке аз ин омилҳо пайдоиши динҳо ғайри имкон мебуд.

Савол ва супориш

1. Оё динҳо ҳамеша вуҷуд доштаанд ё дар як марҳалаи муайян пайдо шудаанд?
2. Аввалин нишонаи динҳо дар кадом давра пайдо шудааст?
3. Сабаби пайдоиши эътиқодҳои динӣ дар чист?
4. Хусусияти диндории давраи палеолит дар чӣ ифода меёбад?

## §3. ДИНҲОИ ИБТИДОӢ

Динҳои ибтидоӣ аввалин марҳалаи зуҳури фитрии инсон ба диндорӣ, худоҷӯӣ ва парастиш мебошанд. Ҳатто дар динҳои ибтидоӣ, бо вуҷуди ҷойи асосиро ташкил намудани табиатпарастӣ ва ҳайвонпарастӣ нишонаҳое аз майли фитрии инсон ба яктопарастӣ дар шакли наздик ба динҳои камолотёфта, чун бовар ба ғайб, намирандагии рӯҳ, ибодат ва ғайраҳо ҷой доранд. Заминаи асосии пайдоиши динҳои ибтидоӣ вобастагии инсон дар назди табиат ва нотавонии ӯ дар назди қувваҳои он мебошад.

Инсони ибтидоӣ пойбанди ақида ва расму оини ҷомеаи худ буд, ки бо ҳар дигаргунӣ муқобилияти сахт нишон медод. Эътиқодот ва расму оини инсони ибтидоӣ ба ҳаёт ва эҳтиёҷоти ҷисмониву биологии ӯ, ба монанди

гуруснагӣ, тарс аз ранҷу беморӣ, марг, майл ба зӯрӣ, таҷовуз ва ғайра сахт алоқаманд буд.

Аз он ҷумла, бовар ва ақида ба коҳин ва ё табиб, ки дар ҷомеаи ибтидоӣ асосан одамони муассир буданд, мисол шуда метавонад. Дар сурате агар одами асри ибтидоӣ бемор мешуд, ӯ чунин мепиндошт, ки ба вай рӯҳи нопоке ҳамроҳ шудааст ва барои халосӣ ва наҷот аз он, ӯ бояд ба коҳин (шаман) ва ё табиб муроҷиат кунад. Ӯ чунин мепиндошт, ки мобайни коҳинон ва рӯҳҳои одамон робитае вуҷуд дорад ва танҳо коҳинон метавонанд сабаби халосии инсон аз беморӣ бишаванд. Ҳамин тариқ, ҷамъи ин равиши ақидаҳо фарҳанги ҷомеаи ибтидоиро ташкил дода, ифодакунандаи мароми одамони он замон буд.

Динҳои ибтидоӣ як маҷмӯи парастишҳои печидаву мураккабро ташкил мекунанд. Дар асл он истилоҳҳо ва номҳое, ки мо барои ташхиси ин динҳо (ба мисли: фетишизм, тотемизм, сеҳру ҷоду (магия), анимизм ва ғайра) ба кор мебарем, номи як дини муайяне набуда, балки ифодакунандаи маҷмӯи парастишҳо ва оинҳои ба ҳам наздик, шаклҳои умумии боварҳои ибтидоӣ ва то андозае хусусияти умумие дар динҳо мебошанд. Дигар ин ки динҳои ибтидоӣ ҳанӯз ба маънои имрӯзаи калима дини комил нестанд, яъне дар онҳо ҳанӯз идеяи Худо, охират, китобҳои муқаддас, паёмбарон ва ғ. вуҷуд надорад. Бо вуҷуди ин, дар онҳо ҳамаи унсури асосии дин – бовар ба вуҷуди ғайб – фавқуттабиат, маҷмӯи маросимҳои хосе барои таъсиррасонӣ ба қувваҳои табиат вуҷуд доштанд, ки баъдан ба ин ё он шакл дар динҳои камолёфта ворид шудаанд.

Ҳамин тариқ, яке аз парастишҳои қавмҳои пешини ҷомеаи ибтидоӣ ин ҷонварпарастӣ ё ибодат ба ҳайвонот аст. Дар парастиш ба ҳайвонот низ ақидаҳои гуногун вуҷуд доштанд. Масалан, чунин мепиндоштанд, ки инсоне, ки фавт мекунад, рӯҳи вай ба бадани ҳайвоне

медарояд ва ё баръакс. Парастиши шер дар Африқо, уқоб, хурӯс ва саги обӣ дар Америкаи шимолӣ, гови нар дар Юнон ва Миср ва гови мода дар Ҳиндустон ва Африқо, говмеш дар ҷануби Ҳиндустон ва кенгуру дар Австралия нишондиҳандаи онанд, ки ин ҳайвонот дар ин кишварҳо сазовори эҳтиром ва ибодат будаанд. Парастиши кабӯтар ва мор дар аксари қавмҳо дида мешавад.

**Тотемизм** (аз «тотема» – аз забони ҳиндувони амрикоӣ – «авлоди вай»), як навъ эътиқоду бовар ва маросимҳои динии одамони ибтидоӣ аст, ки бар пояи бовар ба робитаҳои авлодӣ ва хешовандӣ байни инсон ва ҳайвонот (ҳамчунин ҷонварони дигар ва рустаниҳо) устувор аст.

Тотемизм эътиқоду боварест, ки дар он нишонаҳои дин вуҷуд дорад. Барои одамони қадим ин падида як амри табиӣ будааст, ки бо ҳайвонҳои дар гирду атрофи худ буда, бо қаробат ва наздикӣ назар мекарданд. Онҳо чунин ақида доштанд, ки дар ҳамаи корҳо ин ҳайвон бо ӯ монандӣ дорад, ба монанди ғизо хӯрдан, ҷанг ва ғайра. Инчунин онҳо дар ин ақида буданд, ки яке аз ниёгони онҳо ба сурати ҳамин ҳайвон будааст ва ё бобоҳояшон яке будаанд. Ин омил дар миёни қабилаҳои гуногуни ҷаҳон бо ҳар навъ ва бо ҳар сурат вуҷуд доштааст. Аҳли авлод тотемаи наздики худро хеши наздики худ медонанд, мисоли падар, бародари калонӣ, дӯст, наздик ва ғайра. Ҳайвони мазкурро онҳо намекуштанд, одатан гӯшти онро истеъмол намекарданд. Минбаъд дар натиҷаи афзудани шумори авлод дар қабила, миқдор ва навъи тотемаҳо низ меафзояд.

Навъҳои тотемаҳо мухталифанд, масалан, randonчунон ки олимон мушоҳида кардаанд, тотемизм миёни мардуми бумии Австралия, Гвинеяи Нав ва ҳиндувони амрикоӣ роиҷ буда, ин мардум ба чандин қабила ва ҳар қабила дар навбати худ ба чандин авлод тақсим мешаванд ва ҳар авлод тотемаи худро дорад. Вобаста ба ин ё он минтақаҳо тотемаҳо хеле гуногунанд, аз ҷумла: кенгуру, кирми

абрешим, мор, зоғ, муши саҳрои̅, қурбоққа, шабпара, уқоби шикори̅, саги ваҳши̅ ва ғайра намунаҳои тотемаҳои онҳо мебошанд. Мувофиқи суннатҳои аборигенҳои ҷануби Австралия ҳар фард тотемаи худро аз дасти модари худ меситонад, чун шаҷара ё насабномаи авлодии ҳар касро аз тариқи модараш нигоҳ медоранд. Гурӯҳи авлодии тотеми̅ одатан номи тотемаи худро мегиранд.

**Фетишизм.** Шакли дигари парастишҳои ибтидоии одамон фетишизм аст. Фетишизм (фр. – fetichisme, порт. «фетико» – тумор, сохта, маснӯъ), ҳамчун парастиши дини̅, эътиқод ба хусусияти фавқуттабии̅ ё мавароуттабиии ашё, чизҳои моддиро ифода мекунад. Ба ибораи дигар, одамони ибтидои̅ нисбат ба ашёи хосе эҳтироми наздик ба муқаддасот қоил будаанд ва онҳоро дорои қувваи сеҳрнок мешуморидаанд, аз онҳо мададу ёри̅ мехостаанд. Фетиш метавонад сангреза, харсанги ғайриоди̅, сангҳои осмони̅ (кометаҳо), устухон, косахонаи сар, чӯбҳои аҷиб, шохи гову гавазн бошад. Унсурҳои фетишизм дар тамоми динҳои қадима ва ҳама минтақаҳои ҷаҳон мушоҳида шудаанд. Дар байни олимони диншиноси ғарб оид ба истилоҳи фетишизм ва ба шакли парастиши алоҳида ҷудо кардани он ихтилофи ақида вуҷуд дорад. Бисёриҳо онро яке аз хусусиятҳои умумии анимизм, яъне зинда ва дорои ҷон ва рӯҳ тасаввур кардани ҳама ашё, навъе аз боварҳои анимистии одамони ибтидои̅ мешуморанд.

Фетишизм на танҳо шакли махсуси дини ибтидои̅, балки унсурҳои фетиши̅сти̅ қариб дар ҳамаи динҳои дигар мавҷуданд. Фетиш бештар дар сохти қабилави̅ мавқеъ дошта, баробари парастиши аҷдоду авлоду қабила ҳамчун бути шахси̅ низ метавонад вуҷуд дошта бошад.

Дар ҳар сурат, бовар ба фетишҳо – ашёи дорои қувваи ғайби̅ ва фавқуттабии̅ ҳамчун яке аз шаклҳои эътиқоди динии ибтидои̅ маълум аст.



Дараҷаи нисбатан баланди парастиш ва муътақидоти одамони ибтидоӣ **анимизм** (аз лотинӣ anima, animus – рӯҳ ҷон) мебошад. Байни одамони ибтидоӣ, дар марҳалаҳои охири рушди ин ҷамъият, эътиқодҳои анимистӣ ривоҷ пайдо мекунанд, яъне онҳо бовар доштанд, ки тамоми мавҷудот, чи ҳаракаткунанда, чи сокин, мурда ё зинда дорои ҷон ва равон ҳастанд, ки даруни он пинҳон ва мастур мебошанд. Махсусан, онҳо бовар доштанд, ки ҳар як инсон дорои рӯҳе ҳаст, ки ҳангоми хоб ва руъё аз бадани ӯ муваққатан хориҷ мешавад ва ниҳоят дар лаҳзаи вопасин, ҳангоми марг баданро ба таври қатъӣ тарк мекунад.

Онҳо арвоҳро дорои ақлу сурат ва эҳсосоту авотиф, соҳиби қувваи ирода ва ният мешумориданд. Бовар доштанд, ки онҳоро мисли одами зинда метавон идора ва роҳнамоӣ кард ва агар онҳо ба хашму ғазаб оянд, метавонанд ниҳоят зиёновар шаванд, аз ин рӯ бояд ҳамвора ба ёди онҳо буд. Сабаби пайдоиши анимизмро олимон аксаран дар надонистани якчанд ҳодисаҳои равонӣ-психикии инсон мисли хоббинӣ, руъё, аз ҳуш рафтан ва марг медонанд.

Дарвоқеъ, дарки вуҷуди рӯҳ ва парастиши он яке аз

зинаҳои идроки фитрат, яъне оғози зуҳури майли зотӣ-табиии инсон ба намирандагӣ ва абадият аст.

**Сеҳр (магия)** низ яке аз сифатҳои динҳои ибтидоӣ ба шумор мерафт ва он амале буд, ки аз ҷониби одамони махсус ба анҷом мерасид, ки аз дамидан ва ё такрори баъзе калимот ва ё анҷом додани баъзе корҳо, ки гӯё қувваҳои фавқуттабиаро ба нафъи худ истифода мебурда бошанд, иборат буд.

Савол ва супориш

1. Заминаҳо ва сабабҳои пайдоиши динҳои ибтидоӣ ва табиӣ аз чӣ иборатанд?
2. Чаро ин динҳоро динҳои табиӣ ё ибтидоӣ ном ниҳодаанд?
3. Хусусияти асосии динҳои ибтидоӣ дар чӣ аст?
4. Тотемизм чист?
5. Фетишизм ва анимизм аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?

## §4. ПАРАСТИШҲОИ ҚАДИМАИ МАРДУМОНИ ЭРОНӢ.

## ОИНИ МЕҲРПАРАСТӢ (МИТРАИЗМ)

Халқҳои форсзабон дар ибтидо нерӯҳои табиӣ, монанди офтоб, моҳ, ситорагон, хок, оташ, об ва бодро мепарастидаанд. Дар ин маврид дар китоби "Авесто" маълумоти зиёде ҳаст. Моҳиятан динҳои ин давраро динҳои табиӣ ва аз назари иҷтимоӣ онҳоро қабилавӣ-авлодӣ номидан равост. Эътиқоди эрониён бисёрхудоӣ (политизм) ва гоҳе санавӣ (дуализм) будааст. Дар байни ориёиёни Эрони Бостон ва Осиёи Марказӣ ҳамчунин эътиқод ва парастиши Хуршед бо номи Меҳр (Митра) роиҷ будааст.

**Меҳр** – худои рӯшноӣ, худои ҳақиқат, танзимкунандаи корҳои олам, ҳомии мазлумон, худои ҷангу набардҳо будааст, ки тамоми қабилаҳо ва тоифаҳои ориёиҳои бостонӣ дар ҳар ҷо ва ҳар кишваре ӯро мешинохтанд ва

месутуданд. Яке аз сурудҳои «Яшт» дар «Хурд Авесто» Митраро монанди худое, ки подшоҳон қабл аз оғози ҷанг назди ӯ намоз мебурдаанд, ёд кардааст. Номи ин худо дар китоби муқаддаси ҳиндувон – «Ригведа» низ омадааст.



Оини меҳрпарастӣ (митраизм) таълимоти худро дар асоси фалсафаи наҷоти фардӣ ё инфиродӣ бунёд ниҳода буд. Яъне ҳар фард бояд дар фикри наҷоти худ аз тариқи тай намудани марҳалаҳои муайян бошад. Дар меҳрпарастӣ шахс бояд имтиҳони сахтеро мегузашт, ки он аз иҷро кардани якчанд маросим: 1) ғусли таъмид, 2) маросими пок кардани гуноҳҳо ба воситаи асал (дар маротиби олитар), 3) маросими масрафи об, нон ва шароби муқаддас, 4) маросими ниёиш, 5) риёзат, 6) пок кардани вуҷуди худ аз

гуноҳҳо ба воситаи қурбонӣ кардани гов – иборат буд.

Оини меҳрпарастӣ ҳанӯз пеш аз дини зардуштия ба вуҷуд омада буд ва баъд азислоҳи мазҳабии Зардушт низ таъсири зиёде дар Эрони бостон доштааст. Митра аз эзадони маъруфи Эрон буд. Халқҳои сомӣ низ дар Ғарб вайро бо номи «Шамас» мепарастиданд. Ӯ диҳандаи шукӯҳ ва азамат ба шоҳон буд, аз ин рӯ пас аз Аҳурамаздо олитарин мақомро дар дарбори шоҳони эронӣ доштааст.

Оини меҳрпарастӣ баъдан бо номи ведоии Митра – «митраизм» дар империяи Рим паҳн шуда, то ҳудуди асри IV милодӣ дар Осиёи Хурд, Африқо, Аврупо нуфузи зиёд пайдо карда буд. Вай ба оини гностикҳо, дини монавӣ ва насронӣ, тасаввуфи исломӣ таъсири зиёде расонда, умумияти зиёде дар дини ведоӣ доштааст.

Дар асрҳои нахустини милодӣ нуфузи оини меҳрпарастӣ дар ҳудуди империяи Рим хеле бузург буд, он пурзӯртарин рақиби дини насронӣ ба шумор мерафт. То замони ба дини ҳукмрон табдил ёфтани насроният, императорҳои Рим ба Митра ҳамчун ба як наҷотбахши башарият, мубаллиғ ва ҳидоятгари ҳаёти абадӣ эътиқод доштанд. Ба андешаи аксарияти муҳаққиқон, дини насронӣ аз ин оини эрониёни бостонӣ унсурҳои зиёдеро азхуд кардааст. Масалан, тибқи андешаи муҳаққиқи таърихи илми нуҷум Павел Глоба, анъанаи ҳар сол дар рӯзи 25-уми декабр ҷашн гирифтани мавлуди Исои Масеҳ дар заминаи пайравӣ ба анъанаи дар байни меҳрпарастонривоҷдоштаи ҷашни рӯзи мавлуди Митра ба вуҷуд омадааст. Аз ҷумлаи дигар эътиқодоти оини меҳрпарастӣ, ки дар ташаккулёбии низоми эътиқодоту боварҳои дини насронӣ накш гузоштаанд, устура дар бораи таваллуди Худо ва чӯпонҳое, ки ба таъзими ин худои навтавлид шитофтанд, пошидани оби муқаддас, ҳамчун рӯзи Худованд пос доштани рӯзи якшанбе, хӯронидани нону оби табаррукӣ ва дигар унсурҳоро зикр кардан мумкин

аст. Инчунин, ғояи намирандагии рӯҳ ва ҳаёти пас аз марг низ қабл аз динҳои тавҳидӣ дар оини меҳрпарастӣ вуҷуд дошт.

Умуман таъсири эътиқодоти меҳрпарастӣ ба ташаккули тасаввурот ва эътиқодоти динҳои яҳудиву насронӣ ва ислом хеле фаровон ба назар мерасад. Масалан, меҳрпарастон ба Митра ҳамчун ба худои рӯшноӣ ва наҷотбахши башарият эътиқод доштанд, насрониён чунин наҷотбахшро дар симои Исои Масеҳ мебинанд. Митра аз батни духтари бокира ба дунё омадааст, Исои Масеҳ низ, тибқи эътиқоди насрониён ва мусалмонон аз батни Марями бокира ба олам омадааст. Ҳам Митра ва ҳам Исои Масеҳ иродаи падархудоро дар рӯйи замин татбиқ менамоянд, фарқ фақат дар ҳамин аст, ки ин падархудо дар оини меҳрпарастӣ Аҳурамаздост, аммо дар динҳои яҳудӣ ва насронӣ Яҳво номида шудааст. Чӣ тавре аз ривоятҳои Таврот бармеояд, яҳудиёни қадим Яҳворо бо Аҳурамаздо монанд медонистанд. Тибқи як ривояти меҳрпарастӣ, Митра дар ғор таваллуд шуда ва нахуст чӯпонҳо аз ин воқеа огоҳ мешаванд ва ба зиёраташ мешитобанд. Ба ривояти дигар, аввалин шуда аз таваллуди Митра муғҳо огоҳӣ ёфта, ӯро зиёрат мекунанд ва барояш туҳфа меоранд. Ин ривоятҳо ба ривоятҳои насронӣ дар бораи тафсилоти таваллуди Исои Масеҳ хеле шабоҳат доранд. Ривояти меҳрпарастӣ дар бораи уруҷи Митра ба назди Аҳурамаздо пас аз анҷом ёфтани рисолаташ дар рӯйи замин низ бо таълимоти насронӣ дар бораи эҳёи Исои Масеҳ ва бозгашташ ба сӯи Падархудо хеле ҳамоҳанг аст.

Чунин унсурҳои ба ҳам монанд на танҳо дар ривоятҳо ва таълимоти оини меҳрпарастӣ ва дини насронӣ, балки дар миёни рамзҳо ва нишонаҳои онҳо низ зиёд дучор мешаванд. Масалан, яке аз рамзҳои насронӣ салиб мебошад. Дар байни рамзҳои оини меҳрпарастӣ низ чунин

салиб вуҷуд дорад, ки дар дохили доира қарор гирифтааст. Чунин салиби даврадор қадимтарин рамзи худои офтоб аст, ки на танҳо дар оини меҳрпарастӣ, балки дар бисёр дину оинҳои дигари бостонӣ низ мавриди истифода будааст. Дар ин рамз доира рамзи худи Митра ва салиб рамзи чор нуқтаи асосӣ мебошад, ки онҳоро офтоб дар давоми як сол тай мекунад: ду нуқтаи қиёми офтоб ва ду нуқтаи баробаршавии давомнокии шабу рӯз.

Яке аз муҳимтарин хизматҳое, ки Сосониён барои фарҳанг ва тамаддуни башарӣ анҷом додаанд, ҷамъоварӣ ва китобати «Авесто» мебошад, ки дар он на танҳо таълимоти дини зардуштӣ, балки маросиму эътиқодоти меҳрпарастӣ ва дигар дину оинҳои қадимаи мардуми эронитабор низ акс ёфта буданд. Эҳё ва рушди бесобиқаи фарҳанг ва дину оинҳои бостонии эрониён дар давраи ҳукмронии Сосониён дар ҳудуди империяи Рим низ мавҷи эронишавӣ ва эронигароиро ба вуҷуд оварад. Дар ин росто ягона роҳе, ки садди ҳуҷуми фарҳанги эронӣ шуда метавонист ба вуҷуд овардани як низоми нави динӣ –идеологие буд, ки он мебоист аз таъсири меҳрпарастӣ ва дигар унсурҳои фарҳанги эронӣ комилан озод бошад. Чунин низом дар шакли дини насронӣ тазоҳур кард.

Бо вуҷуди ин, нақши бузурги оини меҳрпарастӣ дар ташаккули фарҳанг ва тамаддуни аврупоӣ ва умуман фарҳанги умумибашарӣ муассир ва бузург мебошад. Тавассути ин оин мардуми Аврупо ва дигар минтақаҳои ҷаҳон бо як қатор ғояҳои муҳими динӣ-ахлоқии эронитаборони бостонӣ, мисли поквиҷдонӣ, вафо ба аҳд, хизмат ба ҳамкешону ҳамватанон, гуфтору пиндор ва рафтори нек ва ғайра аз наздик шинос шуда, аз онҳо дар ислоҳу тарвиҷи фарҳанги худ баҳравар шудаанд.

Савол ва супориш

1. Парастишҳои ибтидоии халқҳои форсизабон чӣ хусусият доштанд?

2. Меҳрпарастӣ ё митроия (митраизм) чӣ гуна дин аст?
3. Меҳрпарастӣ кай ва дар куҷо пайдо шудааст?
4. Ин оин баъдтар дар кадом минтақаҳо паҳн шуда буд?
5. **Таъсири байниҳамдигарии динҳоро дар мисоли меҳрпарастӣ шарҳ диҳед.**

## §5. ДИНИ МИСРИЁНИ ҚАДИМ

Нахустқавмҳо ва халқҳои пешрафтаи бостон пас аз он, ки мунтазам дар тӯли таърих аз зинаи ҳаёти қабилавию авлодӣ ва ғорнишинӣ ба сохти давлатию салтанатӣ ва ташкили ҳукумату давлатҳо расидаанд, дар тасаввуроти динию мазҳабии онҳо низ тағйироту таҳаввулоти ҷиддӣ ба вуҷуд омадааст. Тавре маълум шуд, таҳаввулот дар тасаввуроти динии инсоният, яъне гузаштан аз таҷассуми табиат ба парастиши худоёни зиёд; динҳои бисёрхудоӣ ва пайдоиши динҳои миллию давлатӣ – ҳамчун шакли нави таърихии динҳо ифода ёфтааст.

Аввалин тамаддунҳои бостонӣ, ки ин таҳаввулотро аз сар гузаронидаанд, тамаддунҳои мисрӣ, бобулӣ, юнонӣ, эронӣ, ҳиндуию чинӣ мебошанд.

Миср дар қисмати шимолу шарқии Африқо, дар канори Баҳри Миёназамин ва Баҳри Сурх, дар ду тарафи рӯдхонаи бузурги Нил ҷойгир аст. Дар қадим ин кишварро худи мардумаш Кемит, яъне «замини сиёҳ» меномиданд. Ин ном ба он сабаб гузошта шуда буд, ки ҳар сол бар асари обхезӣ дар саросари канори рӯдхонаи Нил лойқаи сиёҳранге дар заминҳои кишт боқӣ мемонд.

Миср яке аз қадимтарин гаҳвораи тамаддуни ҷаҳон аст. Пайдоиши тамаддун дар ин сарзамин бо пайдоиши фарҳанг: дин, илм, санъат, хат, адабиёт, шаҳрсозӣ, меъморӣ ва ташкилоти сиёсӣ вобаста буд. Зарурати кишту зироат, муайян кардани мавсими обхезӣ, меъморӣ ва тақвим барои иҷрои маросимҳои мазҳабӣ ба пайдоиши илмҳои

ҳайату ситорашиносӣ, риёзиёту ҳандаса, физика ва ғайра мусоидат ва кумак расонд. Пайдоиш ва таҳаввули динҳо низ дар ин кишвар бо таҳаввулоти иҷтимоии он вобаста буд.



Дар Мисри бостонӣ мо намунаи хеле рӯшани таҳаввули парастишҳо ва тасаввуроти мазҳабии табииро аз «фетишизм», «анимизм», «тотемизм» то ба дини бисёрхудоӣ – политеизм ва ҳатто гароишҳои тавҳидӣ мушоҳида мекунем.

Тақрибан ҳудуди 4000 то 3000 сол пеш аз милод дар соҳили рӯди Нил аввал қария ва рустоҳо ба як марказ, ки «нум» номида мешуданд, муттаҳид шуда, сипас ин нумҳо ба воситаи ҷанг ё дигар роҳҳо ба якдигар тобеъ гардида, дар натиҷа ду марказ, ду салтанат, яке дар қисмати саргаҳ – болооби рӯди Нил, дигаре дар поёноб – делтаи Нил ташаккул ёфтанд. Дар ҳудуди соли 2900 то милод подшоҳ Менес ин ҳардуро таҳти салтанати худ медарорад ва аввалин сохтори ҳукумати мутамарказі сулолаи Фиръавниёнро барпо мекунад. Пас аз ин 31 сулолаи Фиръавниён дар ин сарзамин ҳукмронӣ кардаанд.

Дар ин даврахо, чи аз назари санъату кишоварзӣ ва чи

фарҳангию сиёсӣ, Миср ба яке аз марказҳои тамаддуни бостон табдил ёфт.



Аммо дар мавриди эътиқодоти мисриён, бояд гуфт, ки он аз навъи эътиқодоти бисёрхудоӣ (политеистӣ) будааст. Дар ибтидо мисриён худоҳоеро, ки аз давраи тотемпарастӣ мерос монда буд, мепарастиданд. Ҳар як нум (ноҳия)-ро худои хосе, як муҳофизе аз навъи ҷонварон нигоҳбонӣ мекардааст.

Масалан, дар ноҳияҳои Абидус ва Тиниис шағолро, дар ноҳияи Фаюм тимсоҳ, дар ноҳияи Тебес худои Омунро ба сурати қӯчқор мепарастиданд. Шаҳри Мемфисро ду худои муҳофиз будааст, яке Сехмет ба сурати модашер ва дигаре Арис ба сурати гови нар (барзагов). Дар шаҳри Дандера мардум худои Хотурро, ки шакли модаговро доштааст, мепарастиданд. Дар шаҳри Эдфу шаҳбоз ба номи Беҳудет ё хурӯс мавриди ибодати мардум будааст. Ба ҳамин тартиб дар нуқоту ноҳияҳои дигар ҷонварони дигар, аз қабили маймун, аспи обӣ, лаклак, муш, мори афъӣ, гурба, қурбоққа ва ҷонварону ҳайвоноти дигар мавриди парастиш ва эътиқод будаанд.

Хусусияти дигари тасаввуроти мисриёни бостонӣ аз он

иборат аст, ки азбаски сифоти худоиро дар инсон ё ҳайвон ба зуҳур расида меҳисобиданд, аз ин рӯ худоёни худро бо тани инсон ва сари ҳайвон ё баръакс тасаввур мекарданд. Зеро дар ин шакл, ки таркибе аз одам ва ҷонвар ё ҳайвон аст, худоён бештар ва беҳтар ҷилвагар мешаванд.

Баъдан дар ҷараёни таҳаввули иҷтимоию сиёсӣ, дар натиҷаи бо ҳам наздикшавии ноҳияҳо аз тариқи ҷангҳо ва ғайра, худоёни бузургтаре аз таркибёбии якчанд худоён ба вуҷуд меоянд. Масалан, худоёни машҳур Атон Ра ё Патрах-Сукар ва ё Осирис аз таркиби ду худо ё се худо ба вуҷуд омадаанд.



Устурае, ки дар атрофи Изис ва Ҳорус дар байни мисриёни қадим маъруф аст, нишон медиҳад, ки мисриён зиндагии худоёнро мисли зиндагии одамон тасаввур мекарданд. Яъне онҳо чунин ақида доштанд, ки худоён зану фарзанд доранд, кинаву буғз мепарваранд, меҷанганд ва ғайра.

Мисриёни бостонро ақида будааст, ки Осирис (ё Озирус) аз Шом, ки дар он ҷо ҳамчун худои зироату кишт парастида мешуд, ба Миср омадааст. Вале дертар мисриён онро худои мустақил дониста, эътиқод доштаанд, ки

Осирис аз омезиши худои нарина Ҷеб бо олиҳаи замин (ё худои зан) Нут зоида шуд ва пас аз он Осирис бо олиҳа Изис издивоҷ кард. Изис, ки қаблан низ дар назди мисриён маъруф буда, дар ҳудуди 1500 сол қабл аз милод мавриди эҳтироми омма қарор мегирад, пеш аз шавҳараш Осирис мавриди парастиши ҳамагон шуд. Зиндагии бофароғати Изис ва Осирис вақте тира шуд, ки Осирис мавриди хашму ғазаби бародараш Сет қарор гирифт. Ӯ пас аз як силсила найрангҳо ва ҳилаҳо Осирисро мекушад ва ҷасадашро дар тобуте аз чӯб дар рӯди Нил меафканад. Занаш Изис ба ҷустуҷӯйи ҷасади шавҳараш мебарояд ва пас аз кӯшиши бисёр тобутро пайдо карда, ба Миср бозмегардонад.

Зани Осирис пас аз ба Миср овардани тобут, ҷасади шавҳарашро пинҳон мекунад. Дар ҳамин муддат аз вай писаре таваллуд мешавад, бо номи Ҳорус. Дар ин байн Сет бори дигар ҷасади бародараш Осирисро пайдо карда, онро аз рӯйи қаҳр ва ғазаб пора-пора карда, ҳар қитъаашро бо яке аз чаҳордаҳ қитъаи кишвари Миср пароканда намуд ва ҳар қитъаро дар яке аз навоҳии он кишвар ба хок супориданд. Мисриён аз ин ҷиҳат муътақид буданд, ки сабаби рӯйидани донаҳои ғаллаҷот аз хок ва борвар шудани онҳо дар асари ҳамин қитъаҳо мебошад.

Ҳамин ки фарзанди Осирис бузург шуд, ба талаби хуни падар ва интиқоми вай баромад ва бо амаки худ биҷангид ва дар як муҳориба ӯро мағлуб кард ва дастбаста назди модараш овард. Модараш аз хуни шавҳараш гузашт ва Сетро бахшид.

Пас аз ин Ҳорус дар фикри ҷамъ овардани қитъаҳои ҷасади падараш ва зинда кардани он мешавад, дар ин кор ба ӯ худои ҳикмат Тот (Thoth) кумак мекунад ва ӯ ба ин мақсадаш ноил мешавад. Аз қазо як чашми Ҳорус дар ҳангоми муҳориба бо Сет кӯр шуда буд. Падарашро, ки «зинда» сохт, падараш (яъне Осирис) ба ӯ бинои бахшид. Бовар ин аст, чун Ҳорис худои Офтоб аст, чашми ӯ равшан

шуд.

Ин ҷо мо аввалин мазҳари офтобпарастиро мебинем. Ибодати Офтоб дар Мисри бостонӣ хеле ривоҷ доштааст.

Савол ва супориш

1. Гузаштани динҳои ибтидоӣ-табиӣ то ба динҳои бисёрхудоӣ (политеистӣ)-ро дар Мисри Қадим шарҳ диҳед.
2. Динҳои бисёрхудоӣ (политеистӣ) чӣ гуна динҳоянд?
3. Хусусияти динҳои Мисри Қадим дар чӣ ифода меёбад?
5. Номи худоёни машҳури Мисри Қадимро номбар кунед.

## §6. ДИНИ БОБУЛИЁНИ ҚАДИМ

Байни солҳои 5300 то 4000-уми то милод дар водии Байнанаҳрайн (Mesopotamia – байни рӯдҳои бузурги Даҷла ва Фурот), дар сарзамини Ироқи имрӯза оҳиста-оҳиста марказҳои аҳолинишине ба вуҷуд омадаанд. Дар охирҳои ин давра қабилаҳои сомӣ ва охирҳои асри 38 пеш аз милод ба ин ҷо қабилаҳои эронӣ аз қисмати ҷануби Эрони кунунӣ ворид гардида, муқимӣ шуданд.

Дар ин сарзамини ҳосилхез дар як вақт ду тамаддуни бузург: шумерӣ ва аккодӣ ба вуҷуд омада буд. Шумер ноҳияи ҷанубӣ ё Байнаннаҳрайни поёниро дар ҳамсоягии халиҷи Форс ишғол карда буд. Ин қавм зиёда аз 3 ҳазор сол пеш аз милод дар он ноҳия сукунат доштаанд ва дорои тамаддуну фарҳанги куҳан будаанд. Дар натиҷаи кофтуковҳо – ҳафриёти бостоншиносон осори гаронбаҳое аз тамаддуни бостонии ин сарзамин ба даст омадааст. Ноҳияи Аккод дар шимоли Байнаннаҳрайн, водии Фурот воқеъ буда, зарфи якчанд садсолаи баъдӣ, дар он ҷо, махсусан дар поёноби Фурот 12 давлатшаҳр ба вуҷуд омадааст, ки байни якдигар равобити мустаҳками тиҷоратӣ, сиёсиву фарҳангӣ доштанд. Дар ҳамин замина дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ «маданияти шумерӣ» ба вуҷуд омад.



Бобул («Бобил») аз ду асли умумӣ дар забонҳои сомӣ: «боб»-дар ва «ил»-Худо ба маънии «дар ё дарвозаи Худост». Дар адабиёт он гоҳҳо ба шакли Бобил, Бобулистон, Вавилон ёд мешавад ва яке аз марказҳои тамаддуни бостонӣ ба шумор меравад. Дар Миср ва Бобулистон низ меъморӣ, алалхусус, сохтмони маъбадҳои азим ба миён омад. Бурҷи Бобул, ки дар Таврот ва Қуръон низ ёдоварӣ мешавад, инчунин қасру маъбадҳои маъруфи зиёде дар ин давра бунёд шуда буданд. Дар қиссаҳои исломӣ тамаддуни бобулӣ ва сохтани бурҷи номбурдаро бо шахсияти Намруд (Нимруд) марбут донистаанд.

Байнаннаҳрайн дар замони подшоҳии Ҳаммурапӣ (1792-1750 то милод) ба як кишвари ягонаи Бобулистон муттаҳид карда мешавад. Маъруфтарин ёдгории хаттии давраи ҳокимияти Ҳаммурапӣ «Маҷмӯи қонунҳо»-и ӯст. Аввалҳои асри XX бостоншиносон ҳангоми ҳафриёт сутуни сангие пайдо карданд, ки ин қонунҳо дар болои он навишта шуда буданд.

Аз таърихи тамаддун маълум аст, ки дар Шумеру Бобул илм ва фарҳанг дар ниҳояти рушд ва тараққӣ будааст. Шаҳрсозию меъморӣ, суратгарӣ, ҳайкалтарошӣ, таърихнигориву адабиёт, тибб, риёзиёту ҳандаса, маъданобкунӣ, сохтани дастгоҳҳои бофандагӣ, сохтани

испорҳо, чархаробаҳо, созҳои мусиқӣ дар Бобулистон тараққӣ карда буд. Дар соҳаи иқтисодӣ рушди кишоварзӣ ва тиҷорат, ба вуҷуд омадани унсурҳои муносибати сармоядорӣ аз муҳимтарин дастовардҳои ин тамаддун аст.

Бо вуҷуди ҳамаи ин пештозиҳо навъи парастиши шумерҳо ва бобулиён бисёрхудоӣ ба шумор мерафт, ки бар пояи маросимҳои обшинагӣ бунёд шуда буд. Нахустин маҷмуъ ё анҷуман (пантеон)-и худоёни зиёд дар тамаддуни шумерӣ ба вуҷуд омадаанд, ки ном ва шумораи он худоён афзун аз чаҳор ҳазор аст. Ҳар яке аз ин худоён намуде, мазҳаре, таҷассуми ҷузъие аз қувваҳои табиат буданд. Аз ҷумла:

1. **Ану** – парвардигори осмон, худои бузурги шаҳри Ерек буд.

2. **Ки** – худои замин.

3. **Энхил** (ё Энлил) – парвардигори фазо, ҳавои фавқонӣ ва худои ҷангҷӯву муборизи шаҳри Ниппур.

4. **Син** – худои моҳ.

**5**. **Нанну** (ё Зуена) – худои шаҳри Ур.

**6. Инанна** – худои муҳофизи шаҳри Урук (ҳазораи IV то милод), худои ишқ ва ҷанг.

7. **Боббар**, ки баъдан номи Шамас ҳосил кард – худои осмон ва офтоб дар шаҳри Ларса.

**8**. **Энки** (ба забони аккодӣ Эа) –худои Иштар, худои шаҳри Киш (баъзе гуфтаанд шаҳри Эреду).

Ин худоён чун дар дигар марказҳои тамаддуни қадим хусусияти антропоморфӣ дошта, бо ҳам мисли одамон муошират намуданд. Дар Бобул ҳеҷ худое ибодати худои дигарро манъ намефармудааст. Баъдан дар ин ҷо низ мисли он чи дар Миср буд, якчанд худо бо ҳам анбоз намуда, олами вуҷудро байни худ тақсим кардаанд. Масалан, замоне Ану, Энилл ва Эра ба тартиб салтанати осмон, замин ва обҳои зери заминро байни худ тақсим карда буданд. Ин навъ иттиҳоди

сегона (таслис) баъдан ҳангоми рушду такомули зироат ва кишоварзӣ дар суратҳои дигаре ҷой доштанд. Масалан, иттиҳод ё таркиби худои Шамас – худои Офтоб, Син – худои Моҳ ва Иштар – худои ҳосилхезӣ, бовар ва ғайра.



Дар ин марҳала дар байни худоён маъруфтарин худованд Иштар (олиҳаи модар) будааст. Ӯ тақрибан мавриди парастиши омму хос қарор гирифта буд. Ӯро «модари кулл» меномиданд ва дар табиат ӯро Узро ва дӯшиза мешинохтанд. Ақидае ҳаст, ки худои Аноҳита (Ноҳид)-и эронӣ шакли дигаршудаи Иштар ва нафси худи ҳамин худо аст. Барои Иштар дар шаҳри Урук маъбаде (шабеҳ ба маъбади ишқ) бунёд карда буданд.

Мардук (ё Мардух) бузургтарин худои Бобул буда, рақиби Иштар мебошад. Ин марҳалаи дувум, марҳалаи нави таркибёбии худоён аз бисёрхудоӣ ба сӯи яктопарастӣ буд, ҳарчанд онҳо то ба ин дараҷа нарасидаанд. Афзудани мавқеъ ва мақоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавию фарҳангии Бобул сабаби он гардид, ки Мардук ҳамчун худои пойтахт оҳиста-оҳиста ба мақом ва мартабаи аввал дар байни худоён баромада, бузургӣ ва қудрат касб кард. Рӯйи Мардук ин худои маҳаллии хурди қаторӣ ба тадриҷ худоёни шаҳрҳои дигар ва кишварҳои зери таъсири Бобулро, ки аз Фаластину Миср то Халиҷи Форс ва аз Шом то Байнаннаҳрайнро фаро мегирифт, зери таъсири

худ қарор дода, баъзеро дар худ мунҳал сохт. Оқибат Мардук чун худои Осмон ва Замин шинохта шуд. Мардук инчунин офарандаи ҷаҳон ва одамиён, нигоҳдорандаи назм ва оромиш ба шумор мерафт.




Асли ақоиди динии бобулиён дар ҳамосаҳо ва асотир мундариҷ шудааст. Дар ҳамосасароӣ ва асотирпардозӣ бобулиён воқеан маҳорати фавқулода доштаанд. Омӯхтани ин ҳамосаҳо ва асотир маводи зиёде аз назари фарҳангшиносӣ ва диншиносӣ ба мо медиҳад.

Савол ва супориш

1. Тамаддуни бобулӣ кай ва дар куҷо ташаккул ёфтааст?
2. Парастишҳои бобулиёни қадимро шарҳ диҳед.
3. Фарҳанги Бобул бо тамаддуни шумерӣ ва аккодӣ чӣ гуна иртибот дошт?
4. Худоёни бобулиёни қадим чӣ ном доштанд?

## §7. ДИНИ ЮНОНИЁНИ ҚАДИМ

Кишваре, ки шарқиён онро Юнон ва ғарбиён ба пайравии римиён Грек (Greece) ё Гретсия меноманд, вале мардумаш дар гузашта худро Ҳеленес ва сарзаминашонро Ҳеллас (Эллада) номидаанд. Дар Юнон то ҳуҷуми халқҳои

ориёӣ ва ташаккули тамаддуни ориёӣ осори тамаддуни куҳани "минову микенӣ" вуҷуд доштааст, ки намунаҳои он дар асари ҳафриёти бостоншиносон дар ҷазираи Крит кашф шудааст. Воридшавии мардуми ориёӣ-ҳеленҳо аз шимолу шарқи нимҷазираи Балкан дар ҳазораи дувуми то милод будааст. Ҳеленҳо бо аҷдоди ориёнии эрониён ва ҳинду аврупоӣ ҳама аз як решаву бун баромада, аз ҷумла номи чаҳор қабилаи ниёгони ориёнии юнониён дар ашъори Ҳомер зикр шудааст. Яке аз он чаҳор қабила Ашёнҳо (Achaeans), дувумин Ионианҳо (Ionians), севумин Дуриёҳо (Dorians) ва чаҳорумин Аеолиёнҳо (Aeolians) будаанд. Аз ин қабилаҳо яке ионианҳо аз нимҷазираи Балкан гузашта, дар соҳилҳои ғарбии Осиёи Хурд маскан гирифтанд ва шарқиён бо номи ҳамин қабила (Аюниён) ин сарзаминро баъдан Юнон ном гузоштаанд.

Сарчашмаҳо барои омӯхтани ақоиди динию мазҳабӣ ва маросимҳои Юнони бостон хеле фаровонанд. Бозёфтҳо ва ёдгориҳои археологӣ, боқимондаҳои маъбадҳо, қурбонгоҳҳо, тасвир ва муҷассамаи худоён аз ҷумлаи он сарчашмаҳо мебошанд. Дар баробари ин номгӯйи зиёде аз ёдгориҳои хаттӣ, таҳқиқоти таърихӣ, фалсафӣ ва асарҳои асотириву бадеии он давра то ба мо омада расидааст.



Ҳамин тавр, ақидаҳои динии юнониёни бостон бисёрхудоии навъи ориёӣ мебошад. Чунончи дар боло зикр шуд, дар мавриди ҳуҷум ва сукунат ихтиёр кардани қабилаҳои ориёӣ дар сарзамини Юнон ва таъсири онҳо ба тамаддун ва дину парастишҳои юнониён далелҳои зиёде мавҷуд аст. Системаи динию мазҳабии юнониён марҳалаи рушди динҳои табиӣ (фетишизм, тотемизм, анимизм)-ро пушти сар карда, як давраи рушди тӯлонии таърихро гузаштааст. Чун дигар халқҳои ориёӣ дар мавриди эътиқодҳои ибтидоӣ (табиӣ)-и юнониён нишонаи зиёде боқӣ намондааст. Чунки тасаввуроти динӣ ва асотирии нисбатан пешрафтаи ҷамъияти синфӣ, тасаввуроти мазҳабии қабилавию авлодиро тамоман аз байн набурда бошад ҳам, онҳоро камарзиш сохтаанд.

Дини юнониён бисёрхудоии ташаккулёфта дар шакли «анҷумани худоён» будааст. Ба ҳар сурат тасаввуроти динии классикии юнониён бо тасаввуроти дигар халқҳои ориёӣ, алалхусус, бо ҳинду эрониён қаробат дорад. Ҳамчунон ки дар динҳои ҳинду эронӣ парастиши Девпитер (ё Девпедер) – падари осмон ва Деметер – худои модар-замин машҳур будааст, юнониён низ Зевус (ҳамон Деваси ҳинду ориёӣ) ва Деметерро парастиш мекарданд. Дар байни юнониёни аҳди классикӣ инчунин одати дигари умумиориёӣ – нӯшидани нӯшобаи сархушкунанда пеш ва баъд аз маросими қурбонӣ ба ифтихори худоён вуҷуд доштааст. Яке аз нишонаҳои дигари алоқамандии эътиқоди юнониёни аҳди классик бо парастишҳои ориёӣ вуҷуди парастиши гов ё барзагов мебошад. Дар ин бора тасвирҳои зиёди барзагов ва саҳнаҳои ҷанги барзаговҳо шаҳодат медиҳанд.

Ғайр аз ин дар байни юнониёни қадим парастишҳои тотемистӣ: асотир оид ба алоқаи авлодӣ бо мӯрча, мор ва нишонаҳои тотемистӣ дар худоёни антропоморфӣ мушоҳида мешаванд. Юнониён инчунин маросимҳои

касбӣ, соҳириҳои музир (зарарнок) ва табобатӣ, нишонаҳои иттиҳодҳои мазҳабии маҳрамона, ба монанди маросимҳои соф мардона ва соф занона доштаанд.

Юнониён, асосан, баракси ориёиҳои ҳинду эронии қадим, мурдаҳои худро дар хок (ё бо тобут ё бе тобут) мегӯрониданд ва ба вуҷуди рӯҳи инсон пас аз марг дар зери замин – дар қаламрави Аида ва доварии аъмоли одамон дар он ҷо бовар доштанд. Барои юнониёни давраи классик мудҳиштарин гуноҳ бо обрӯ гӯр накардани мурда будааст. Ин яке аз нишонаҳои эҳтиром ва парастиши аҷдод ба шумор мерафт.

Инчунин дар байни юнониён парастиши қаҳрамонон, ба дараҷаи худоён қудсият пайдо кардани онҳо, парастишҳои маҳаллӣ дар симои қаҳрамон, худоёни авлодӣ, қабилавӣ ва дар ниҳоят, ҳомиёни шаҳр-давлат (полис)-ҳо ривоҷ доштанд.

Дар давраи ташаккул ёфтани худоёни ҳомии шаҳрдавлатҳо дини юнониён хусусияти динҳои миллию давлатиро касб мекунад. Динҳои давлатии юнонӣ ҳеҷ гуна озодфикриро таҳаммул надоштанд, шаҳрвандон маҷбур буданд қонуну қоида ва маросимҳои мазҳабии умумидавлатиро риоя кунанд, дар ҳолати акс, сахт ҷазо дода мешуданд. Мисоли он ба бединӣ муттаҳам кардани Суқрот ва қатли ӯ аз тариқи нӯшонидани ҷоми пурзаҳр мебошад.

**Зевс** – худои бузург, худои худоёни анҷумани худоёни юнонӣ. Крон аз тарси он ки писаронаш ҳокимиятро, чунон ки худи ӯ аз падараш Уран гирифта буд, ба занаш Рея (духтари Уран) фармуд, ки фарзандони таваллудшударо ба ӯ биоварад ва онҳоро бераҳмона фурӯ мебурд. Ҳамин тавр, ӯ панҷ фарзандаш: Гестия, Деметр, Геру, Аида (Гедас) ва Посейдонро фурӯ бурд.

Рея фарзанди охиринаш Зевсро дар ҷазираи Крит дар ғоре пинҳон кард ва ба ҷойи ӯ сангеро печонида, ба Крон

медиҳад ва ӯ нафаҳмида фурӯ мебарад.



Чунин аст қиссаи таваллуди Зевс, ки баъдан ӯ дар мубориза бо фарзандони азимҷусса ва ғӯлҳои Замин (титанҳо) ғалаба мекунад. Зевс – худои Осмон, фармондеҳи раъду барқ дар кӯҳи Олимп ба тахти тиллоии салтанат менишинад, дар атрофи ӯ худоёни дигар: Гера – хоҳар ва зани сеюми ӯ ( пас аз Метида ва Фемида) – олиҳаи ҳомии зоймон ва никоҳ паҳлӯяш нишаста. Духтараш Геба низ он ҷо ҳузур дорад. Хулоса, дар силсиламаротиби маъбади анҷумани худоёни Юнони бостон пас аз хонаводаи Зевс ду бародараш: Посейдон – худои баҳрҳо ва уқёнус ва Аид – худои салтанати рӯҳи мурдагон дар зери замин қарор доранд. Пас аз онҳо дар мартабаи сеюм худоён Аполлон – худои офтоб, ҳомии манзилгоҳҳо, шаҳрҳо ва рамаҳо; Артемида – духтари Зевс, худои моҳ, ҳосилхезӣ, ҳомии таваллуди кӯдакон ва табобат ва Афина – худои ҳомии шаҳрҳо қарор доранд. Дар зинаи поёнтар аз онҳо Гесеф – писари Зевс – худои оташ ва оҳангарӣ; Дионис – худои майкашӣ, Гермес – худои ҳомии мусофирон, қарор доранд. Ҳамчунин худоёни дигар: Арес – худои ҷанг, Афродита

– худои муҳаббату ишқ, Деметри – худои ҳосилхезӣ ва худоёни дигаре ба ин анҷуман дохиланд.



Зиндагӣ ва рафтору кирдор, сурату андоми худоёни юнонӣ ҳама шабеҳи одамонанд, онҳо на танҳо хислатҳои хуби инсон, балки хислатҳои баду разилаи онҳоро низ доранд.

Дар асотири юнонӣ мақоми қаҳрамонхудоён Прометей, Геракл ва дигарон низ хеле баланд аст. Алалхусус, нақши Прометей – рабояндаи оташ аз боргоҳи худоён барои одамон, оварандаи нуру рӯшноӣ ва дониш ба инсон дар тамаддуни юнонӣ ва ҷаҳонӣ бузург аст.

Савол ва супориш

1. Юнони қадим кадом кишвар ва мамлакатро дар бар мегирад?
2. Эътиқодҳои юнониёни бостон аз чӣ иборат буданд?
3. Анҷумани худоён чӣ рисолатеро иҷро мекард?
4. Исми худоёни машҳури Юнони қадимро номбар кунед.
5. Робитаи динҳои юнониёнро бо парастишҳои ориёӣ шарҳ диҳед.

## §8. ДИНИ РИМИЁНИ ҚАДИМ

Нимҷазирае дар ҷануби Аврупо, дар ғарби нимҷазираи Балкан қарор дорад, ки онро Апеннин меноманд ва

кишваре, ки дар он ҷойгир шудааст, ҳоло бо номи Италия маъруф аст. Юнониён дар гузашта, вақте ки ба як қисмати хурди ҷанубии ин нимҷазира, ки сарзамини сарсабзу серчорво буд, шинос шуданд, аз таҳайюр дар муқоиса бо сарзамини камалафи худ ин номро ба ин ноҳия гузоштанд. Баъдан дар ҳудуди асрҳои аввали милодӣ ин ном ба тамоми нимҷазира тааллуқ гирифт.

Аммо номи Рим дар ибтидо (ва имрӯз низ) номи шаҳрест, ки дар ҳафт теппаи соҳили поёноби дарёи Тибр дар асри VIII пеш аз милод ба вуҷуд омада буд. Дар яке аз теппаҳои ростбаромада қалъаи шаҳр – Капитолий бунёд шуда буд. Ҳангоми ҳуҷуми душманон мардум дар пушти деворҳои он паноҳ меёфтанд. Баъдҳо дар асри аввали милодӣ тамоми кишвар Рим ва ҳар шаҳрванди он дар куҷое таваллуд шавад, римӣ номида мешуд. Аҳолии ин шаҳрро лотинҳои патритсий ташкил мекарданд. Батадриҷ дар атрофи шаҳр аз ҷойҳои дигар одамон омада ҷойгир шуданд, ки онҳоро плебейҳо номиданд.



Римро шоҳ ва сенат (шӯрои мӯйсафедон) идора мекарданд. Ҳафт подшоҳ пайдарпай ба тахти салтанати

он такя заданд ва дар замони салтанати шоҳи охирин – Таркюин Ла Сопербе (534 пеш аз милод), ки марди золим ва ситампеша буд, мардуми он шаҳр ба исён хеста, давлати ҷумҳуриро барпо карданд. Пас аз ин батадриҷ шуҳрату нерӯйи ин шаҳр рӯ ба афзоиш ниҳод, то тамоми ин нимҷазира ба зери ҳокимияти он даромад. Подшоҳони Рим пас аз ин қадам берун аз хоки Рим гузошта, дар ҳудуди соли 200 то милод сипоҳи Рим ба сарзамини Шом дохил шуда, бо лашкари Антиюкуси селевкӣ ба ҷанг даромада ӯро шикаст дод ва сарзамини Шом ва Осиёи Хурд зери протекторат – ҳимояву назорати он даромад. Нимҷазираи Италия низ дар нимаи ҳазораи дуюми пеш аз милод, чун нимҷазираи Юнон мавриди ҳуҷуми қабилаҳои ориёӣ, махсусан селтҳо қарор мегирад. Онҳо аҳволи бумиёни ин сарзаминро танг намуда, пойдевори тамаддуни навро дарон сарзамин гузоштанд. Он қабилаҳои ориёӣ, ки нимҷазираи Италияро тасарруф карданд, лотин ном доштанд. Баъдан нимҷазира боз мавриди ҳуҷуми ду қабилаи дигар аз шарқу шимол гардид. Ҳамин лотинҳо дар асри VI қабл аз милод байни ду қувваи ҳуҷумкунанда: атрусканҳо аз шимол ва юнониҳо аз ҷануб қарор гирифтанд. Таҳаввули дини римӣ дар таъсири мутақобилаи ин се тоифа сурат мегирад. Сарчашмаҳои дини римиёни қадим ҳамон аст, ки дар боби дини юнониён зикр кардем. Дини римиёни бостон низ дини миллию давлатӣ ва эътиқодоташон бисёрхудоии навъи ориёӣ будааст.

Қадимтарин эътиқодҳои мазҳабии онҳо иборат аз як зумра боварҳои омехта ба хурофот, сеҳру ҷоду, фолбинӣ афсунҳо будааст. Онҳо барои арвоҳ ва худоёни худ ҳеҷ шаклу шамоил, робитаҳои оилавӣ ва ғайраро қоил набудаанд.

Римиёни қадим мазҳарҳои парастиши худро **нумино** «қувваҳои куллӣ ва ғайримушаххас» (шояд наздик бо истилоҳи «ғайб»-и исломӣ) меномидаанд. Дар асарҳои

тасвирию ҳунарӣ низ ҳеҷ нишонае аз чунин тасвирҳо ба даст наомадааст.

Ҳамаи тасаввуроти динии римиёнро ба се: оинҳои хонаводагӣ, саҳроӣ (кишоварзӣ) ва дину мазҳаби давлатӣ тақсим кардан мумкин аст. Дар кешу оини саҳроӣ бовар ба рӯҳи кишту донпошӣ – Сатурн, ба рӯҳи нашъунамои ғалла ва сабзиши тухмӣ – Серес, рӯҳи дарав – Конус ва ғайра мавҷуданд. Умуман ҳар як амали марбут ба зироаткорӣ ва ҳаёти деҳқонӣ арвоҳу худои худро доштанд.

Ҳамчунин дар хона ва хонавода низ римиён ба як силсила арвоҳ, масалан, ба арвоҳи дару дарвоза – Ҷонус, худои оташдон ва оташ – Весто ва арвоҳи ҳофизу нигоҳбони анбори озуқа – Пенотҳо бовару эҳтиром доштаанд.

Дини давлатии римиён худоёну ташрифоти мазҳабии хосе доштааст. Ҳанӯз дар замони сохтори салтанатии Рим подшоҳ худ бисёре аз ташрифоту маросимҳои диниро сарварӣ ва роҳбарӣ мекардааст ва пас аз ташаккул ёфтани империя ва густариши доманаи қаламрави императорӣ батадриҷ дини давлатӣ то он ҷо таҳаввул меёбад, ки аз замони Августин ва баъд императорон худо эълон карда мешаванд.

Вале худоёни маъруфе, ки анҷумани худоёни дини давлатии Рими бостонро ташкил мекардаанд, иборат аз худоёни зер будаанд:

**Юпитер** – худои худоён (ҳамтои юнонии он – Зевс).

**Юнона –** олиҳаи никоҳ, модар (зани Юпитер).

**Минерва –** яке аз олиҳаҳои асосии римӣ, ҳомии косибӣ, табобат ва санъат, дар қатори Юпитер ва Юнона таслиси анҷумани худоёни Капитолий ба шумор мерафт.

**Янус –** худои баромадгоҳу даромадгоҳи дарҳо, дар ибтидо худои нур ва офтоб, дарвозаи осмон буда.

**Марс** – худои ҷанг.

**Весто** – худои оташдони хона ва оташ (дар Юнон

– Геста).

**Нептун** – худои обҳо ва намӣ (юнонӣ – Посейдон).

**Вулкан** – худои оташи пок ва харобгар (юнонӣ – Гефес).

**Тсерера** – яке аз олиҳаҳои ҳосилот.

**Меркурий** – худои тиҷорат, фоида ва сарватмандӣ (ҳамтои юнониаш – Гермес).

**Диана** – олиҳаи наботот, таҷассуми моҳ.

Аз худоёни римӣ Юпитер (яъне падари осмонӣ), яке аз нишонаҳои умумияту алоқамандии дину мазҳаби римиён бо динҳои ориёӣ мебошад.

Чун дар Юнон дар империяи Рим низ худоён дорои мартабаю мақоми хосе буданд, худои худоён ё «падари худоён», ки таҷассуми ҳашамати он империя буд, Юпитер ба шумор мерафт. Пас аз ӯ Юнона ва Минерва қарор доштанд, ки ба ифтихори онҳо се ибодатхона дар Капитолий бунёд шуда буд.



Дар Рим, замони императории Августус, ҷиҳати берун овардани мардуми Рим аз бухрони мазҳабӣ ва муттаҳид намудани римиён дар зери як мафкура, ба парастиш ва муқаддас донистани императорон замина гузошта шуд. Аввалан, император Август падари худ Юлий Сезарро

ба мартабаи худоӣ бардошта, барои ӯ маъбаде дар Рим сохт ва пас аз он дигар императорон то Нерон худро ба мартабаи худоӣ нишондаанд.

Бо таъсири дину оини юнонӣ дар Рим парастиши Аполлон ва Артемида – Диана ривоҷ меёбад. Гузашта аз ин, дар натиҷаи бархӯрд бо Шарқ дар Рим парастиши худоёни Осиёи Хурд низ роиҷ гардид, аз ҷумла метавон парастиши модари худоён Кибали ва парастиши худои дини ҳинду эронӣ Митраро мисол овард. Дар асри якуми милодӣ, пас аз пайдоиши дини насронӣ муборизаи шадиди мазҳабие байни дини нав ва куҳани империя то асри чор, то давраи аз тарафи император Константин дини давлатӣ эълон шудани дини насронӣ идома дошт.

Савол ва супориш

1. Рими қадим кадом минтақаро дар бар мегирифт?
2. Хусусияти динҳои римиёни бостон аз чӣ иборат аст?
3. Чаро динҳои римиён ва юнониёнро динҳои миллию давлатӣ меноманд?
4. Худоёни маъруфи римиёни бостонро номбар кунед.
5. Дини римиёни қадим кай ва чӣ тавр аз байн рафт?

## §9. ДИНУ ОИНҲОИ БОСТОНИИ ЭРОНӢ-ОРИЁӢ

Тоҷикон дар аҳди бостон, ҳамроҳ бо дигар халқҳои форсизабони эронинажод аз назари фарҳанги динию мазҳабӣ дар таърихи тамаддуни ҷаҳон нақши арзандае гузоштаанд ва дорои дину оинҳои баркамолу ҷаҳонӣ будаанд.

Халқҳои эронӣ аз нигоҳи динофаринӣ ба зумраи нодиртарин халқиятҳои ҷаҳон тааллуқ доранд. Аз тамаддуни бостонӣ то имрӯз танҳо ду нажодест, ки дар динофаринӣ пештоз будаанд. Онҳо нажодҳои ҳиндуориёӣ ва сомӣ мебошанд. Дар ҳавзаи тамаддуни ҳиндуориёӣ тоҷикон ва эрониён дар таърихи тамаддуни башарӣ ҳадди ақал дину ҳаракатҳои мазҳабие аз қабили меҳрпарастӣ

(митраизм), зарвония, таълимоти маздоясно, зардуштия, монавия (манихейство), маздакия ва як дини нав дар асри XX – баҳоияро ба вуҷуд овардаанд. Аз ин динҳои эронӣ ду дин: меҳрпарастӣ ва монавия дар таърихи тамаддуни бостон ва баҳоия аз динҳои нав берун аз марзу буми Эрон интишор ёфтаанд ва аз ин нигоҳ динҳои ҷаҳонӣ ба шумор меравaнд. Гузашта аз ин, таъсири динҳои эронӣ ба динҳои ҳиндӣ, ки бо динҳои эронӣ аз як решаанд ва ба динҳои сомӣ, ки дар ҳамсоягии наздики ҷуғрофиёӣ ва додугирифту муносибатҳои наздики фарҳангиву сиёсӣ будаанд, хеле зиёд мебошад.



Дину оинҳои бостонии халқҳои эронӣ-тоҷикӣ бо шароити зиндагӣ, вазъияти иҷтимоию сиёсӣ ва маданию фарҳангии қавмҳои ориёӣ-эронӣ робитаи ногусастанӣ доранд.

Дар замонҳои хеле қадим, дар умқи таърих аҷдодони тоҷикон: суғдиҳо, хоразмиҳо, фарғониҳо, бохтариҳо, ҳайтолиҳо, тахориҳо, сакоиҳо бо халқиятҳои Эрони Ҷанубӣ, ҳиндуориёӣ ва ҳиндуаврупоиён куллан як гурӯҳи халқиятҳо ва нажоди ориёиро ташкил мекардаанд. Мувофиқи маъхазҳои таърихию бостоншиносӣ халқҳои ҳинду эронӣ ибтидо дар сарзамини васеъ, ки дар «Авесто» «Айрян Вайеҷаҳ» (ё Иранвейҷ) номида шуда, доманаи

он аз Ҳиндукуш то канораи рӯдхонаи Дон ва аз Урал то халиҷи Форс тӯлу арз дошт, зиндагӣ мекардаанд. Иранвейҷ, мувофиқи ахбори Вандидод (фар.1, банди 3) нахустин ва беҳтарин сарзаминҳои шонздаҳгонаи офаридаи Аҳурамаздост. Тақрибан дар охири ҳазораҳои сеюми пеш аз милод қабилаҳои ҳиндуориёӣ ба ғарб ва ҷанубу ғарб (дар Аврупо – германо-романҳо, дар Балкан – юнониҳо, франкоиҳо, дар Осиёи Хурд – хетҳо) ва ҷанубу шарқ ба Ҳиндустон (ҳиндуориёиҳо) интишор ёфтаанд.

Аз ин рӯ дар байни ҳиндуён ва эрониёни қадим ва халқҳои ҳиндуаврупоӣ ба ғайр аз қаробати забонӣ, аз ҷиҳати дину мазҳаб ва тасаввуроти ҳамосавию асотирӣ низ умумият ва шабоҳатҳои зиёде дида мешавад.



Дар аввалҳои ҳазорсолаи I то милод сарзамини Эрони Шарқию Ғарбӣ мушаххас шуда буд. Эрониёни шарқӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ ва Хуросон қисмате аз Эрону Афғонистони имрӯза, эрониёни ҷанубу ғарбӣ сарзамини имрӯзаи Эрон ва қисмати Ироқро ташкил мекарданд.

Дину оинҳои мардуми бумии Осиёи Марказӣ ва Эрон дар он давраи бостонӣ амалан ҳамон оинҳое будаанд, ки дар китобҳои «Ведҳо» ва «Авесто» осори онҳо мушоҳида мешаванд. Сарчашмаи ин оинҳо умумияти ҳиндуаврупоӣ

дорад. Масалан, номи худои юнониён – *Зевс*, калимаи лотинӣ – *деус* (худо), ҳиндуӣ – *дайва* ва эронӣ – *дев ё див* аз як асли ҳиндуаврупоӣ – санскритии «**дайва**» гирифта шудааст. Ҳамчунин умумият байни мафҳумҳои авестоӣ ва ведоӣ ва забони санскрит чун: **қонуни умумӣ, ҷони ҷаҳон** – *аша* (авес, *ашо*; форсии қадим – *арто*; санскритӣ – *рта*) ва мафҳуми қурбонӣ (авестоӣ – *йаза*; форсии қадим – *йаза*) истилоҳи **муъбад** (авестоӣ – *заутар*; санскритии қадим – *хотар*) ва **ширaи сархушкунанда** (авестоӣ – *ҳаума*; санскритии қадим – *сома*) дида мешавад, ки ваҳдату хешовандии тамаддуну дину оинҳои ориёиҳои ҳиндӣ, эронию аврупоиро дар ҳолати ибтидоии онҳо нишон медиҳад. Дар ин давра худоёни мавриди эътиқоди халқҳои ҳинду ориёӣ ба ду даста ҷудо мешаванд: як гурӯҳро **дайва** (санскритии қадим – дева) ва гурӯҳи дигарро **асура** (авестоӣ – *аҳура*; санскритии қадим – *асура*) меномидаанд. Инро низ бояд гуфт, ки имкон доштааст, ки ҳатто як қабила, ҳам ба дайва ва ҳам ба асура эътиқод дошта бошанд, ё якеро парастанд, ибодат кунанд ва ба дигаре хусумат варзанд.

Халқҳои эронитабор дар ибтидо нерӯҳои табиӣ, монанди офтоб, моҳ, ситорагон, хок, оташ, об ва бодро мепарастидаанд. Дар ин маврид дар китоби «Ригведа» маълумоти зиёде ҳаст. Моҳиятан динҳои ин давраро динҳои ибтидоӣ ва аз назари иҷтимоӣ онро қабилавӣ-авлодӣ номидан равост. Эътиқоди эрониён бисёрхудоӣ (полетизм) ва гоҳе санавӣ (дуалистӣ) будааст. Дар байни ориёиҳои Эрони Бостон ва Осиёи Марказӣ, чунончи пештар низ зикр гардид, ҳамчунин эътиқод ва парастиши Хуршед бо номи Меҳр (Митра) ва Моҳ бо номи Афродита роиҷ будааст. Дар қисматҳои пешин дар бораи оини меҳрпарастӣ (митраизм) маълумот оварда шуда буд.

Дар адабиёт дар бораи ду оини пеш аз зардуштия, яъне каюмарсия, зарвония ва таълимоти Маздо Ясно

маълумот оварда шудааст. Ин оинҳои бостонӣ бар пояи муборизаи нур ва зулмат устувор будаанд. Дар ҳар ду Яздон офарандаи ҳам нур ва ҳам зулмат аст. Дар зарвония омадааст, ки Зарвон интизории таваллуди фарзандаш Ҳурмуздро дошт ва ба шакку шубҳа роҳ дод, аз он дар як шикам нутфаи ҳам Ҳурмузд ва ҳам Аҳриман ба вуҷуд омаданд. Зарвон гуфта буд, ҳар кадоме пеш таваллуд шавад, подшоҳиро бар ӯ хоҳад дод. Аз ин хабар Аҳриман огоҳ шуд ва пеш аз маврид шиками модарро дарида берун омад. Зарвон онро ба даст гирифт, ки хеле зишту бадбӯй буд. Ӯро раҳо карда гуфт, писари ӯ набояд чунин зишту бадбӯй бошад. Пас аз он Ҳурмуз таваллуд шуд. Зарвон ӯро қабул кард ва мехост подшоҳии оламро ба ӯ супорад, вале Аҳриман суханони ӯро ба хотираш оварда, гуфт, «қавлу паймон набояд шикаст». Пас аз ин дар устура омадааст, Зарвон ба Аҳриман 9000 сол иҷозати ҳокимиятро дод ва пас аз он даврони ҳокимияти Ҳурмузд оғоз мешавад. Ин устура мувофиқи таҳқиқи Гео Виденгрен аз навъи устураҳои ҳинду эронист, аз ин рӯ таърихи пайдоиши зарвония низ на давраи Сосониён, балки дарвоқеъ, чунон ки Шаҳристонӣ оварда, пеш азислоҳоти Зардушт бояд бошад.

Ҳамчунин, қавмҳои эронинажод дар он замонҳо ба як қонун, тартиби куллӣ ва интизоми томе дар ҷаҳон қоил буданд, ки он ҳам ба сурати табиӣ ва ҳам ахлоқӣ ҳукмронӣ мекунад. Ва онро бо забони худ «Аша» ё «Арто» меномиданд. Адлу дод ва ростиро аз сифатҳои хосаи ӯ медонистанд. Инчунин гузаштагони мо эътиқод ба худованди мурдагон – Эймо (дар «Веда» – Яма) ва ба «Фарох-Ваши» ба маънои равон ё «рӯҳи нахустин» ё худ «равони маҳбуб ва муқаддаси ниёгон» доштаанд.

Хулоса, ориёиҳои бостон ин қувваҳои илоҳӣ ва баъзеи дигарро, ки номи онҳо аз миён рафта ва фаромӯш шуда, парастиш мекардаанд ва дар пеши онҳо қурбониҳо ва ҳадяҳо мегузоштаанд.

Парастиши Озар ё ибодати оташ аз расму одоби қадими эрониён аст ва дорои аҳамияти хосе будааст. Онро бо ташрифот ва маносику маросими муайяне ба ҷо меовардаанд. Ин ҷо низ қаробати мазҳабию фарҳангӣ бо ориёиҳои Ҳинд аён аст. Ҳарчанд аз худои «Агни», ки дар «Ведо» ҳамчун худои оташ омадааст, дар одоби эрониён номе бурда нашуда, лекин шак нест, ки ҳам ӯ ва ё ӯ буда, ки дар назди эрониёни қадим маҳали парастиш қарор доштааст ва барои ибодати ӯ маросим мероростанд.



Барои рӯҳу равони аҷдод ва арвоҳи муқаддаси гузашта аз ҳосили донаву ғалла ва гӯшти ҳайвон қурбониҳо мекардаанд. Расму суннати дигар ин будааст, ки ҷонваре, ки қурбонӣ мекардаанд бо гиёҳе, ки «барсум» меноманд, ҳамроҳ мекардаанд. «Барсум» иборат будааст аз чанд шохи гиёҳон ва дарахтҳои муқаддасе, ки онро даста карда, дар баробари чеҳраи худ мегирифтаанд ва дар муқобили оташ истода, ба ибодат мепардохтаанд.

## Савол ва супориш

1. Халқҳои эронитабор дар ибтидо кадом нерӯҳоро мепарастиданд?
2. Парастишҳои аввалини оинҳои қадимаи эронӣ-ориёӣ кадомҳоянд?
3. Ҳавзаи тамаддуни ҳиндуориёиро чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст?
4. Таълимоти зарвония ва Маздо Ясно чӣ гуна таълимот мебошанд?

5. Маросимҳои қадимаи эронӣ-ориёиро номбар кунед.

## §10. ДИНИ ЗАРДУШТИЯ. «АВЕСТО» – КИТОБИ МУҚАДДАСИ ЗАРДУШТИЁН

Зардуштия аз маъруфтарин динҳои бостонии халқҳои эронинажод мебошад. Он бо номи асосгузораш Зардушт номида шудааст. Дини зардуштӣ аз лиҳози пайдоиш ва интишор ба гурӯҳи динҳои миллию давлатӣ, ба оилаи динҳои ҳиндуориёӣ тааллуқ дорад, вале аз лиҳози даъват дар илоҳиёт ва нубуват дини ҷаҳонӣ дониста шудааст. Аз назари эътиқодӣ зардуштия дар ибтидо тавҳидӣ – яктопарастӣ буда, то ба имрӯз чунин дин аз тарафи донишмандон эътироф шудааст.

Зардушт қадимтарин ҳаким ва мутафаккири шинохтаи Эрони бостон аст. Тибқи ақидаи баъзе аз муаррихон ва нависандагон ӯ дар ҳудуди 600 ё 700 сол пеш аз милод зиндагӣ кардааст.



Вале он чӣ аниқ ва мусаллам аст, ин аст, ки зардуштия ҳамчун дини давлатӣ аз асри VII пеш аз милод то асри VII милодӣ дар қисмати зиёди Осиёи Наздик, Эрон ва Осиёи Марказӣ ҳукмрон будааст. Арасту менависад, ки ҳикмати муғон (зардуштия) куҳантар аз ҳикмати мисриён аст.

Ба ҳар сурат, Зардушт аз деҳқонзодагони ориёӣ буда, падараш Пурушасб (ё Юршасб) аз хонадони Спитамон ва модараш Дағдуя мебошад. Номи Зардушт (Зороастра – дар забонҳои аврупоӣ) дар асл Заратуштра аз калимаи мураккаби ориёии куҳан буда, аз ду калима: «зара» ба маънии «доро» ё баъзе «зард» тарҷума кардаанд, дувумин «уштара» ба маънои «уштур», яъне «доро ё соҳиби уштур», «уштурбон» ё «зардуштур» аст. Замони зуҳури ӯро муаррихон замони салтанати Гуштосб пури Луҳросб (яке аз шоҳони силсилаи Каёниён) номидаанд.

Ривоятҳои бостонӣ ба он далолат мекунанд, ки Зардушт вақти таваллуд, бар хилофи одати кӯдакон, механдид. Ҳамчунин ривоятҳои дигаре, ки аз ҳамон кӯдакӣ нишонаҳои паёмбарӣ зоҳир кардани ӯро собит карданианд, зиёданд. Зардушт дар понздаҳсолагӣ назди омӯзгоре таълим гирифта, аз дасти ӯ “куштӣ” (камарбанди хоссаи зардуштиён)-ро дарёфт кардааст. Аз синни навҷавонӣ бо хулқу хислати меҳрубон ва сиришти латиф маъруф шуда буд. Нисбат ба пирону солхӯрдагон ҳурмат ва иззат, нисбат ба ҷонварон раҳму шафқат доштааст. Чун синнаш ба бист мерасад, тарки хонавода карда, ба мақсади ёфтани ҳақиқати мазҳабӣ ва ҷавоби мушкилоти рӯҳонӣ ба роҳи мусофирату дарвешӣ меафтад.

Мувофиқи ривоёт, чун Зардушт ба сисолагӣ расид, ба ӯ чандин каромот ва муъҷизоте даст медиҳад. Табиист, ки бе муъҷиза ва каромот исботи паёмбарӣ имкон надошт. Нахустин кашф ва шуҳуде, ки ба Зардушт даст дод, чунин буд: Ногаҳон хаёли шабаҳе, ки қоматбаланд буд, дар баробари назараш намоён мешавад, ки онро фариштаи “Ваҳумана” /

Баҳман/, яъне «Пиндори нек» ном додаанд. Он фаришта бо ӯ гуфтушунид карда, фармуд, ки ҷомаи ориятии танро аз ҷон (рӯҳ) дур кунад ва равонро пок созад, он гоҳ сууд карда, яъне ба боло рафта, то дар пешгаҳи "Аҳурамаздо" – худои ҳаким ҳузур ёбад. Вай чунин мекунад. Аз чигунагии ҳузури ӯ дар маҳзари илоҳӣ ривоятҳои зиёде ҳаст. Яке, он ки чун Зардушт дар он анҷумани осмонӣ ва ҷойгоҳи барин дарун омад, сояи ӯ маҳв гардид, зеро партави тобиши фариштагон ва шуоҳои дурахшони арвоҳи улвӣ вуҷуди ӯро чунон ғарқи нур сохта буданд, ки сояе боқӣ намонда буд. Пас Аҳурамаздо ба ӯ таълим дод ва ӯро ба паёмбарӣ баргузид ва фармуд, ки ҳақоиқ, аҳком ва таълиму таклифҳои илоҳии ӯро ба оламиён расонад.

Мувофиқи ин ривоят, пас аз он ҳашт соли дигар Зардушт дар олами кашф ва шуҳуд бо шаш фариштаи муқарраб (Амшоспандон ) якояк гуфтушунид кард ва аз маҷлиси ҳар кадоме баҳравар шуд. Аз "Готҳо", ки зоҳиран суханони худи Зардушт аст, сарчашмаи пайдоиши ривоёт доир ба ин мукошифаро пайдо кардан мумкин аст. Дар сурудаҳои он ҳуҷҷати боэътимоде, ки аз замони худи Зардушт боқӣ мондааст, гуфта мешавад: "Ман монанди Вахшури пок, эй Аҳурамаздо, меситоям, вақте ки Ваҳмана – Пиндори нек назди ман омад ва аз ман пурсиш кард, кистӣ ва ба кӣ вобастаӣ? Ва нишони ту дар ин рӯзгор чист? Ман бар ӯ гуфтам: "Ман Зардушт – душмани дурӯғ, ки то ғояти тавоноии вуҷуд бо дурӯғ набард мекунам ва пуштибони нерӯманди ростгӯёнам ва саранҷом ба олами бепоён хоҳам расид ва дар он ҷо Туро, эй Маздо, ситоиш хоҳам кард ва нағмаҳо ба ёди Ту хоҳам суруд. Туро, эй равони пок ва муқаддас, Туро, эй Аҳурамаздо, меситоям, ҳангоме ки Ваҳман (Пиндори нек) назди ман омад ва аз ман суол фармуд: «Оҳанги чӣ кор дорӣ?» Дар посух гуфтам: «Ҳурмат ва ситоиши оташи Ту оҳанги ман аст ва то тобу тавон дорам, дар тариқи Ҳақ кӯшиш мекунам,

ростиро ба ман нишон деҳ, то ӯро биталабам!».

Ниҳоят, пас аз касби мақоми паёмбарӣ, мувофиқи ривоятҳо, Зардушт боз даҳ сол ба парастиш ва ибодати Аҳурамаздо машғул мешавад ва пас аз он мукошифа бедаранг ба таълиму тарғиби мардум иқдом мекунад. Вале дар ибтидо касе ба суханони ӯ эътиборе намедод, пайваста аз мардум ва рӯзгор ҷафо ва озор медид. Оқибат пас аз даҳ сол Зардушт ба мақсад расид ва нахустин касе, ки оини ӯро пазируфт ва ба ӯ гаравид, амакзодааш буд.



Ба ҳар сурат, дар ибтидо таълимоти Зардушт ба мухолифати сахти муғон ва карапанҳо (рӯҳониёни оини оташпарастӣ) дучор мешавад. Ӯ барои интишори таълимоти худ ба дарбори шоҳ Гуштосп (дар «Авесто» – Виштосп) роҳ меёбад, пас аз озмоиш ва мубоҳисаҳои илмию мазҳабӣ таваҷҷуҳи шоҳро ба худ ҷалб мекунад, вале дере нагузашта бо иғвои муғон Зардушт ба зиндон меафтад.

Ҳангоми дар зиндон будани Зардушт яке аз аспҳои дӯстдоштаи шоҳ сахт касал мешавад, табибон аз табобати он оҷиз мемонанд. Зардушт бо истифода аз илмҳое, ки дар ҷавонӣ омӯхта буд, тавонист аспро табобат кунад. Пас аз он ки дасисаҳову иғвои душманонаш ошкор мешавад, шоҳ ба ӯ аз нав иродатманд мегардад, дар ин байн шаҳбону низ дини Зардуштро қабул мекунад. Пас аз ин дини зардуштӣ

– «дини беҳин» бо дастгирии шоҳ Гуштосп дар қаламрави Эрону Тӯрон аз тариқи тарғибу ташвиқ интишор меёбад. Тибқи ахбори «Шоҳнома» Гуштосп дини Зардуштро ба воситаи Исфандиёр дар Эрону Тӯрон паҳн мекунад. Фирдавсии ҳаким зуҳури Зардуштро аз қавли шоҳи туркони Чин – Арҷосп чунин тавсиф кардааст:

Яке пир пеш омадаст сар-сарӣ,
Ба Эрон ба даъвии пайғамбарӣ,
Ҳаме гӯяд аз осмон омадам,
Зи назди Худои ҷаҳон омадам.
Худовандро дидам андар биҳишт,
Мар ин Занду Усто ҳам ӯ навишт…

Зардушт пас аз интишору ривоҷу равнақи дини худ боз бист сол умр дидааст.

**«Авесто» – китоби муқаддаси Зардуштия**

Зардуштия аз ҷумлаи динҳои соҳибкитоб мебошад. «Авесто» китоби муқаддаси зардуштиён ва гузашта аз ин, қадимтарин ёдгории таърихӣ ва сарчашмаи хаттӣ, адабӣ, фалсафӣ ва динии халқҳои эронинажод мебошад.

Нусхаи аслии «Авес-то» то ба мо омада нарасидааст. Мувофиқи маълумотҳои таърихӣ ва таҳқиқоти олимон, аввалин бор «Авесто»-ро Гуштосп ё Доро дар ду нусха бар рӯйи 120 ҳазор пӯсти гов ба ранги тиллоӣ навиштааст. Як нусхаи онро дар Гундишопикон ва нусхаи дигарашро дар Истахр гузоштааст. Вақте ки Искандари Мақдунӣ сарзамини Эрону Мовароуннаҳрро тасарруф мекунад, қасри шоҳ, аз ҷумла китобхонаи Истахрро низ оташ мезанад. Нусхаи дар Гундишопикон будаи «Авесто»-ро Искандар гирифта, амр кардааст, ки қисматҳои марбут ба тиббу нуҷумро ба юнонӣ тарҷума карда, бақияи онро нобуд кунанд.

Умуман «Авесто» дорои ҳазор фасл ва аз 21 наск (рисола ё китоб) иборат будааст. Ба қавли Плиний

– донишманди римӣ, Зардушт маҷмӯан 2000000 байт сурудааст. «Авесто»-и давраи ҳахоманишӣ 815 фасл дошт, вале баъди ҳуҷуми Искандар нусхаи аслии он, ки бо оби тилло дар болои чанд ҳазор пӯсти гов навишта шуда буд, ҷамъоварӣ ва сӯзонида шуд.




Баъд аз тохтутози Искандар дар давраи Сосониён, вақте ки порчаҳои парокандаи «Авесто»-ро ҷамъоварӣ карданд, фақат 348 фасл ба даст омадааст, ки онро низ ба 21 наск тақсим кардаанд. Аз 350 000 калимаи «Авесто» то ба мо ҳамагӣ 85 ҳазор калима омада расидааст. Он шомили 21 наск буда, 5 китоб – Ясно, Виспарат, Вандидод, Яштҳо ва Хурд Авесторо дар бар мегирад. Қисмати аз ҳама қадимтарини «Авесто» – Готҳо мебошад, ки 17 боби Ясноро дар бар мегиранд.

Савол ва супориш

1. Заминаҳои ақидатӣ-иҷтимоии пайдоиши зардуштия кадомҳоянд?

2. Зардуштия кай ва дар куҷо пайдо шудааст?
3. Асосгузори зардуштия кист?
4. Паҳншавӣ ва густариши зардуштия чӣ тавр сурат гирифт?
5. «Авесто» китоби муқаддаси зардуштиён ва аввалин китоби осмонӣ.
6. Масъалаҳои ахлоқиро зардуштия чӣ тавр ҳал мекунад?

## §11. МАРОСИМИ ЗАРДУШТИЯ

Яке аз аввалин маросимҳои зардуштия ба ҷамоаи динӣ қабул кардан мебошад. Ин маросим дар синни понздаҳсолагии ҷавонон сурат мегирад ва яке аз муҳимтарин расмияти он бастани «куштӣ» (калимаи авастоӣ – айвёнгаҳан), камарбанди динии хосе, (ки аз ҳафтоду ду нах, аз пашми гӯсфанди сафед аз шаш риштаи дувоздаҳнахӣ) дар се ҳалқа ва бо чаҳор гиреҳ дутоӣ аз пешу ақиб мебошад. Ин ҳама рамзе дорад, аз ҷумла се бор печондан ё бастани ресмон рамзест аз се зинаи ахлоқии зардуштия /яъне: пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек/. Ҷашни куштибандӣ яке аз бузургтарин рӯйдодҳои зиндагии ҳар як зардуштӣ аст.

Халқҳои эронӣ дар давраҳои қабл аз Зардушт се вақт ибодат мекарданд. Зардушт ба ин се вақт ибодат, ки яке саҳар (хаванӣ), баъд аз нисфирӯз (уҷайара) ва шабонгоҳ (авистура) баргузор мешуд, боз ду вақти дигар (рапитва) – нисфирӯзӣ, дигар нисфи шаб (уша)-ро илова кард. Ҳангоме ки саросар ҳамаро торикӣ фаро гирифтааст, пайравони Зардуштия бояд ба оташ сӯзишворӣ гузоранд ва шохаҳои хушбӯй партоянд ва бо намозу ибодати худ олами хайрро истеҳком бахшанд.

Ҳамин тавр, намози панҷвақтаи ҳаррӯза вазифаи ҳатмии ҳар як пайрави Зардушт мебошад. Маросими намоз аввал аз пок кардани худ, яъне таҳорат, шустушӯйи дасту рӯй ва пой оғоз ёфта, сипас намозгузор камарбанд (куштӣ)-ро кушода, бо ду даст онро дар пеши худ нигаҳ

медорад, бо чунин хаёле, ки гӯё дар назди офаридгор аст. Нигоҳи ӯ ба оташ – чун ба рамзи росткорӣ дӯхта шудааст. Диндор дар ҳини намоз Аҳурамаздоро ситоиш ва Аҳриманро лаънат мехонад. Сипас вай боз камарбандашро баста, намозро идома медиҳад. Ҳамин тавр, ин амал чанд бор такрор мешавад.

Аз ҷумлаи маросимҳои зардуштия ҳафт иди ӯст. Бузургтарин ид бахшида ба Аҳурамаздо ва шаштои дигар ба Амшоспандон ва ҳафт офаридаҳои онҳо мебошад. Ҳамаи идҳои Зардуштия бо тақвимҳои деҳқонӣ зич алоқаманд аст. Масалан: Маидйой – зарэмайя («мобайни баҳор»), Маизйой – тема («мобайни тобистон»), Паитишахйа («иди ҷамъоварии ғалла»), Айатрима («иди баргаштани чорво аз чарогоҳи тобистонӣ»), Майдйаирйа («мобайни чиллаи зимистон») ва ниҳоят иди номи аслаш номаълум Хамаспатмаэдайа, зиёрате ба муносибати фаравашӣ – равони ниёгон, ки дар бегоҳи охири пеш аз баробаршавии шабу рӯзи баҳорӣ баргузор мешавад.

Бузургтарин ҷашни эрониён, ки онро ҳанӯз пеш аз пайдоиши оини зардуштӣ халқҳои ориёинажод бо тантанаву шукӯҳ пешвоз мегирифтаанд, ҷашни Наврӯз аст. Номи авестоии он то ба мо, мутаассифона, омада нарасидааст. Зардушт ин ҷашнро, ки эрониён чун оғози фасли баҳор қайд мекарданд, қабул карда, ба он рамзи тозае бахшид. Наврӯз дар зардуштия ҳафтумин ва бузургтарин ҷашнест, ки ба бузургдошти Ашо-Вахишта (беҳтарин ростиву адолат, ки рамзи он оташ аст ва охирин рӯзи олам, ки дар он ашо (ростӣ) ғалаба мекунад ва ҳамин рӯзи охирин дар ҳамон як вақт аввалин рӯзи ҳаёти нави абадист) бахшида шудааст. Мувофиқи сарчашмаҳои дигар, инсон маҳз ҳамин рӯз по ба замин гузоштааст ва Аҳурамаздо – бузургофаридгор, ҷаҳонро дар чунин рӯз офаридааст.

Ҳамин тавр, бо ҷорӣ кардани намози панҷвақта ва

чашнгирии ҳафт ид, Зардушт системаи динии дорои қудрати бузургеро бунёд кард, ки дар тӯли се ҳазор сол побарҷост.

Зардуштия баъдан оҳиста-оҳиста бо унсурҳои хурофотӣ, санавият ва ҳатто бутпарастӣ олуда шуда, ба дини аристократияи деҳқонӣ ва дарборӣ табдил шуд, аз асли худ бегона ва ба ҳомии ҷомеаи наздик ба каставии сосонӣ мубаддал шуд.

Аксар аз ин маросиму оинҳои зардуштия хеле печидаву мушкил шуданд, аз ҷумла барои поксозии инсон ва ҳифзи он аз шарр ва эмин мондани он аз таъсири омилҳои баду палид, маросиму одоби хеле сангини покиву таҳорат талаб карда мешуд. Мувофиқи дастурҳои китоби «Вандидод», яке аз сарчашмаҳои наҷосат ва палидӣ тамос бо ҷасади мурдагон аст. Ҳар кас, ки колбуди майитро даст занад ё ба нохост ба ягон ҷойи мурда расад, ҳатман бояд чандин маросими таҳорат ва покшавиро гузарад. Чун назди зардуштиён хок, обу оташ аносири муқаддас буданд ва ҷасади мурдагон мазҳари наҷосат ба шумор мерафт, намегузоштанд, ки он ба ин се унсур тамос ёбад, аз ин рӯ гӯронидан дар хок ё сӯхтан дар оташ ва ё ғарқ кардан дар об мамнӯъ буд. Онҳо барои мурдагон дар доманаи кӯҳе ё ҷое дуртар аз ободӣ «дахма» ё «бурҷи хомӯшон» интихоб ё бино мекарданд ва мурдаҳои худро он ҷо мегузоштанд, сипас устухонҳоро дар он дахмаҳо ё «осуараҳо» нигоҳ медоштанд.

## Савол ва супориш

1. Дини зардуштияро кӣ ва кадом вақт асос гузоштааст?
2. Хусусияти ибодат дар зардуштия аз чӣ иборат буд?
3. Маросимҳои асосии зардуштия кадомҳоянд?
4. Чор нахустунсури муқаддас дар таълимоти дину фалсафаи зардуштия кадомҳоянд?

## §12. ДИНИ МОНАВИЯ

Монавия дини синкретӣ (омехта)-е мебошад, ки дар асри III милодӣ дар давраи салтанати хонадони Сосониён, дар заминаи ислоҳи зардуштия ба майдон омадааст. Асосгузори ин дин Монӣ (216-276) буд.

Монӣ яке аз шахсиятҳои маъруфи тоисломии тамаддуни эронист, ки ҳамчун пешвою асосгузори дини монавия ва мусаввири номӣ машҳур аст. Ӯ аз падари эронӣ ва модари портӣ ба дунё омадааст.

Муҳаққиқон падари ӯро аслан аз аҳли Ҳамадон мешуморанд, ки баъдан ба Бобул муҳоҷират карда, дар деҳкадае бо номи «Мардину», воқеъ дар наздикии Тайсафун зиндагӣ кардааст. Монӣ дар ҳамин деҳа ба дунё омада, дар ҷавонӣ таҳти сарпарастии падараш таълим ва таҳсили хуб гирифтааст. Ӯ ҳамаи илмҳои замонаш, аз ҷумла фалсафа ва адабиёти юнон, мусиқӣ, наққошиву суратгарӣ, ситорашиносӣ ва тибро аз худ карда, баъдан дар мадрасаи рӯзгор дарси зиндагӣ омӯхта буд.

Дар синни 25-солагӣ Монӣ худро ҳамчун навовар ва як муслиҳ (реформатор)-и иҷтимоӣ ва мазҳабӣ муаррифӣ мекунад. Таълимоти монавия аз унсурҳои динҳои зардуштия, насрония, гностикаи юнонӣ ва ҳиндуияву буддоия ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ низоми динии монавия низоми омехта (эклектикӣ) мебошад. Монӣ ақида доштааст, ки динҳои зардуштӣ, насронӣ ва буддоия ҳама ҳамон як дини ростинанд, ки ба иллати нафаҳмидани одамон таҳриф шудаанд.

Таълимоти Монӣ ба зиддияти сахти мубадони зардуштия рӯ ба рӯ мешавад ва ниҳоят ӯ маҷбур мешавад аз Эрон бигурезад. Ин дар аҳди шоҳ Шопур буд. Ӯ аввал ба Ҳиндустон ва баъдан ба Осиёи Марказӣ ва Хитой ҳиҷрат карда, чанд соле дар он ҷойҳо монда, ба тарғиби дини худ пардохтааст. Ӯ дар баробари паёмбарӣ, гӯё

наққошу суратгари машҳуре низ будааст ва мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо суратгарии худро низ бурҳону далели паёмбариаш ироа мекардааст. Аз ҷумла ҳаким Фирдавсӣ бо ишорат ба ин таълимоти Монӣ ва назарияи нуру зулмати ӯ гуфтааст:

Куҷо нуру зулмат ба ӯ андар аст,
Зи ҳар гавҳаре гавҳараш бартар аст.
Шабу рӯзу гардонспеҳри баланд,
Ки з-ӯят паноҳасту ҳам з-ӯ газанд.

Ба ҳар сурат, дар адабиёти форсу тоҷик образи Монӣ ҳамчун «суратгари зебои Чин» фаровон истифода шудааст.

Монӣ баъд аз чанде мусофират боз ба Эрон бармегардад, муддате ҳам дар даврони Шопури I (240-272 милодӣ) зери ҳимояи ӯ қарор мегирад. Вале Шопури I ниҳоят баъди даҳ сол зери фишори мубадон, боз ба дини зардуштӣ баргашт ва Монӣ бори дигар маҷбур мешавад аз Эрон ба Кашмир ва аз он ҷо ба Чин сафар кунад. Танҳо пас аз вафоти Шопури I, дар замони салтанати Ҳурмузи Аввал ба Эрон муроҷиат мекунад. Пас аз вафоти Ҳурмузи Аввал, ки ба Монӣ мухолифате надошт, Баҳроми Чаҳорум ба ҷояш нишаст. Баҳром бо таҳрику дасисаи мубадон ба саркӯбии Монӣ дастур медиҳад. Монӣ дар шаҳри Гундишопур, воқеъ дар шимоли Шуш дастгиру зиндонӣ мешавад. Ӯ дар он ҷо пас аз муддате ҷон медиҳад.

Таълимоти монавия рӯйи ду асл ва се «лаҳза» устувор аст. Ду асл иборат аст аз нур ва зулмат ва се «лаҳза» иборатанд аз гузашта, ҳол ва оянда. Монӣ мегӯяд, ки дунёи зоҳир натиҷаи омезиши зулмат бо як ҷузъе аз нур аст. Нур ва зулмат ду унсури ҷудогона ҳастанд. Нур дар боло қарор гирифта, зулмат дар поин аст. Иттиҳоди онҳо ғайритабиӣ аст ва ҷудоии онҳо лозим ва заруристи.

Монӣ ақида дошт, ки ҳама ашё аз омехтани ду асли ҷовидон – нур ва зулмат фароҳам меоянд. Нур ва зулмат

аз якдигар ҷудо ва мустақиланд. Асли нурро даҳ андеша ё ангор: оромӣ, шинохт, фаҳм, илми хафӣ, басират (биниш), ишқ, иқон (бовар) ва имон, некухоҳӣ ва хирад ташкил мекунанд. Ба ҳамин шева, асли зулматро панҷ ангори ҷовидон: меғ (туман), гармӣ, оташ, самум (бод) ва торикӣ ташкил мекунанд. Монӣ илова ба ин ду асли нахустин ба ҷовидонии фазо ва замон низ бовар дошт.

Ҳамин тавр, мувофиқи таълимоти Монӣ, андаруни зулмат, ки асли модинаи табиат аст, унсурҳои бадӣ тараққӣ мекунанд ва бо мурури замон марказият меёбанд ва сабаби по ба арсаи вуҷуд ниҳодани шайтон мешаванд. Ин шайтон, ки нахустин парвардаи заҳдони оташини зулмат аст, ибтидои фаъолияти олам ё худ муҳаррики он ба шумор меравад. Шайтон аз лаҳзаи ба вуҷуд омадан, ба қаламрави подшоҳи рӯшноӣ ҳамлавар шуд. Подшоҳи қаламрави рӯшноӣ, барои он ки балогардоне биёбад, нахустинсонро офарид. Пас аз ин байни нахустинсон ва шайтон задухӯрди шадиде ба вуқӯъ мепайвандад ва дар он инсон комилан шикаст мехӯрад ва дар натиҷа шайтон панҷ унсури зулматро бо панҷ унсури нуронӣ меомезад. Инсони нахустин ба хотири он ба вуҷуд омад, ки кори душвори дифоъ аз олами рӯшноӣ ва зафар бар модда (зулмат)-ро анҷом диҳад, вале дар ин талош ӯ мағлуби торикӣ шуд ва дар натиҷа олами рӯшноӣ як бахш аз нури худро аз даст дод ва ин нур дар зулмат ҷазб ё худ махлут шуд ва боиси пайдоиши ҷаҳон гардид. Ба ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки зулмат дар натиҷаи тамос гирифтан бо нур ром ва фаъол шуд, вале аз сӯи дигар нур қисмате аз нури худро аз даст дод ва дучори ташвиш ва изтироб гардид. Мақсади «падари рӯшноӣ» аз таслим кардани як ҳиссаи хурде аз нури худ он буд, ки аз пешрафти бештари зулмат дар қаламрави нур ҷилвагарӣ намуда, батадриҷ нури маҳбусшударо озод кунад.

Монӣ ин матлабро ба воситаи овардани як тамсиле тавзеҳ медиҳад. Ӯ мегӯяд, чуноне ки чӯпон барои наҷоти

рамаи худ аз гург чоҳе канд ва дар он бузеро раҳо кард. Вақте ки гург бузро дид, худро ба чоҳ афканд ва шубон ҳам фурсатро ғанимат шуморида, фавран бузро аз чоҳ берун кашид ва гургро дар чоҳ раҳо кард, то дар он ҷой ҷон супорад. Ба ҳамин тариқ, як ҳиссаи хурду ночизе аз нур дар ин чоҳи ҷаҳон раҳо шудааст, то моддаро ба худ ҷазб кунад. Аз ин рӯ ҳадафи зиндагӣ наҷот додани рӯҳи маҳбус аз шарри модда аст. Монӣ мафҳуми «наҷот»-и масеҳиро густариш дода, ба шеваи мантиқӣ ҷаҳонро зотан бадсиришт медонист ва ин худ заминаи даъвати ӯро ба зуҳд ва риёзат ташкил кардааст.

Мувофиқи таълимот Монӣ одам асосан тасвире аст аз як ҳастии бартару болотар. Ӯ олате аст дар дасти падари рӯшноӣ, ки тавассути ӯ нури зиндонишударо озод мекунад. Ӯ олами асғар ва оинаи куллияи қудратҳои замин ва осмон аст. Дар ӯ рӯҳ рӯшноӣ аст ва тан торикӣ. Вақте ки ҳамаи равонҳо аз тамоми танҳо озод шуданд, ҷаҳон ба поён мерасад.

Мубадони зардуштӣ мухолифони сарсахти Монӣ будаанд. Ҳарчанд худи шоҳ Шопури Аввал нисбат ба таълимоти Монӣ таваҷҷуҳ доштааст ва ҳатто бародараш Парвиз ба монигарӣ гаравида буд, ба хотири мулоҳизаи кишвардорӣ ва барои ин, ки зардуштиёни муттаассиброро розӣ карда бошад, ӯ ба Монӣ фармон дод аз Эрон хориҷ шавад. Монӣ бо гурӯҳе аз пайравони худ Эронро тарк ва муддати 25 сол дар Ҳинду Чин зиндагӣ мекунад. Пас аз ба Эрон баргаштан дар давраи салтанати Баҳроми Аввал, чунон ки гуфтем, ба қатл расонида мешавад.

Дини монавия аз Бобул то Самарқанд, аз Африқо то Чин ва аз Ҳинду Тибет то Аврупо интишор ёфта буд ва таъсири зиёде ба масеҳият ва ислом гузоштааст. Чунон ки қаблан гуфтем, оини монавия дар баробари меҳрпарастӣ (митраизм) яке аз оинҳои ҷаҳонии азбайнрафтаи эрониён ба ҳисоб меравад.

Савол ва супориш

1. Монавия кай ва дар куҷо пайдо шудааст?
2. Хусусияти паҳншавии ҳаракати динию иҷтимоии монавияро шарҳ диҳед.
3. Муносибати нур ва зулмат дар монавия чӣ тавр баён мешавад?
3. Асли таълимоти Монӣ аз чӣ иборат аст?
4. Инсон дар таълимоти Монӣ чӣ нақш дорад?

## §13. ҲАРАКАТИ ДИНӢ-ИҶТИМОИИ МАЗДАКИЯ

Маздакия, метавон гуфт, охирин таълимоти динию фалсафӣ ва иҷтимоии эрониён қабл аз ислом мебошад, ки таъсири амиқе дар афкори иҷтимоию фалсафии халқи тоҷик гузоштааст. Ин мазҳаб низ номи худро аз номи асосгузори он Маздак (460-528) гирифтааст. Дар мавриди ҷойи таваллуди ӯ иттифоқи назар вуҷуд дорад, баъзе муаррихон ӯро аз Нишопур, баъзе аз Табрез ва баъзеи дигар аз Нисо номидаанд. Номи падари Маздак ба паҳлавӣ «Вандидод» ва ба форсии нав «Бомдод» будааст.

Маздак таҳсили хубе карда, ҳанӯз дар ҷавонӣ ба мақоми мубади мубадон расид ва вазири шоҳаншоҳи вақт, яъне шоҳ Қубод гардид. Фирдавсии бузургвор мегӯяд:

Биёмад яке мард Маздак ба ном
Сухангӯю бо донишу рою ком,
Фиребанда мардеву донишфурӯш,
Қубоди сутуда бад-ӯ дод гӯш...

Ӯ ҳамчун муҳаққиқи фалсафа аз Зардушт писари Хургон пайравӣ ва таълимоти ӯро тафсир мекард. Ҳадафаш ин буд, ки таълимоти Мониро аз назари ҳикмат баррасӣ карда, онро ислоҳ кунад.

**Таълимоти Маздак.** Монӣ таълим медод, ки ҷаҳон дар натиҷаи асорати нур (равон) дар зиндони зулмат (мода) ба вуҷуд омада ва зулмат боиси ин омезиш ва ихтилоф шудааст. Ин ақида ба он чи Зардушт ва дигар ҳукамо фикр

мекарданд ва нурро омили пайдоиши олам медонистанд, шабоҳат дошт. Баҳс ҳам рӯйи он буд, ки оё чунин омезиш имконпазир аст? Маздак дар ин баҳс далел пеш меоварад, ки зулмат на ҳуш дорад ва на ирода, қодир нест дар қаламрави нур рахна кунад. Бинобар ин мо бояд бовар дошта бошем, ки нур бар зулмат ғалаба хоҳад кард. Вале мо зиндагии дунёвиро нопок ва ғайри рӯҳонӣ мебинем ва ба назар мерасад, ки ҷанбаи нуронӣ /маънавӣ/-и одамӣ заифтар аз ҷанбаи зулмонӣ /моддӣ/-и ӯ мебошад. Бинобар ин мо метавонем фарз кунем, ки зиндагии дунёвӣ усулан зулмонӣ аст ва омезиш бо нур, ки Монӣ мепиндорад, ихтиёрӣ набудааст.

Маздак инчунин мепиндошт: нуре, ки дар зулмат маҳбус аст, аз ҳуш ва ирода бархӯрдор аст. Бинобар ин ӯ бояд ба вазъу ҳолати ғайритабиии худ пай бурда, саъй кунад, то худро озод намуда, ба асли худ бипайвандад.

Хулоса, Монӣ нурро дар назди зулмат бе ирода ва ғайрифаъол мешуморид, вале дар омӯзиши Маздак ҳалли ин масъала ба куллӣ дигар аст. Тибқи таълимоти Маздак нур огоҳ, вале зулмат кӯр, ҳаракати нур иродӣ ва ҳаракати зулмат ғайри иродӣ аст. Аз ин рӯ ғалабаи нур зарурӣ ва қатъӣ ва пирӯзии зулмат тасодуфӣ ва муваққатӣ аст.

Маздак омезиши нуру зулмат ва пайдоиши ҷаҳони моддиро дар асоси ин муқаддима тасодуфӣ мешуморад ва ин баҳамомезиро иборат аз се марҳала медонад. Дар марҳалаи аввал нур ва зулмат аз ҳам ҷудо ва мустақил буданд, марҳалаи дуюм марҳалаи ба ҳам омехтани унсурҳои нуру зулмат ва ниҳоят, марҳалаи сеюм, марҳалаи ҷудошавии нур аз зулмат. Ба вуқуъ пайвастани ин кор ҳатмист ва амалӣ шудани он аз роҳи мусоидату ёрии мардум ба нур ва набарду мубориза бо нерӯҳои зулмонӣ муяссар аст. Вазифаи одамӣ он аст, ки нур – рӯшноиро аз чанги зулмот – торикӣ бираҳонад ва бо ин ба марҳалаи тасодуфии омезиш хотима диҳад ва нурро бар маснади

қудрат ва асолати худ бинишонад.

Асоси таълимоти динии Маздак санавият аст. Он дар маздакия ба равшанӣ, чун дар дини монавия баён шудааст. Офаридгори олам дар маздакия аз оғоз ду асл аст: Яздон, ки нур аст, офаридгори хайр ва Аҳриман, ки он зулмат аст, офаридгори шарр. Тамоми сифат, хулқу хӯй ва мавҷудоти хубу бади олам тавассути ин ду асли аввалин офарида шудаанд. Аъмол ва ҳаводиси нек (хайр) бар асари ангезаи Яздон аст ва аъмолу ҳаводиси бад (шарир) бар асари ангезиши Аҳриман. Оташе, ки сармозадаро гарм кунад, вазидани бод, ки ҳарорати гарморо паст кунад ва об, ки ташнаро сероб кунад ва тамоми ҳайвоноту захираҳои судманд ба инсон – ҳама офаридаи Яздонанд, аммо сӯзондани ҷонварон бо оташ ё масалан, сӯхтори ҷангал, куштани боди самум ҷондоронро, ғарқ шудани киштӣ дар об ва ҳамчунин ҳайвону хазандаву ҳашароти зарарнок – офаридаи Аҳриман мебошанд. Ниҳоят, Яздон ҳаётро офарид, Аҳриман марг /мамот/-ро ва ғайра.

Тибқи ҷаҳонбинии Маздак дунёи моддӣ мураккаб аз се унсур яъне: оташ, об ва хок аст. Худо дорои қудрат, ташхис, борвар, парвон, кардан, дастур ва ходим аст ва бо онҳо ҳастиро идора мекунад. Ин ҳафт истиора, дарвоқеъ ҳафт қудрати табиӣ ҳастанд, ки боиси эҷоди ҷаҳон шуданд. Дар таҳти ин ҳафт нерӯ дувоздаҳ хосият дар куллияи ашёи ҷондор ҳаст, ки иборатанд аз: хонанда, раҳанда, ситонанда, баранда, хӯранда, даванда, хазанда, кашанда, зананда, ҳафркунанда, раванда ва шунаванда. Тавассути ин сифот ва хосиятҳо одамӣ ҳафт қудрати номбурдаро пайдо мекунад ва бо бадаст гирифтани он ҳафт қудрат дорои чаҳор сифати Аҳурамаздо шуда, саранҷом наҷот меёбад.

Таълимоти ӯ мисли таълимоти Монӣ бар пояи зуҳд ва порсоӣ қарор гирифтааст. Маздак парҳезгорӣ ва риёзат меомӯхт, хӯрдани гӯшт, куштани ҷондор, ҷангу хунрезиро

манъ мекард.

Дар таълимоти Маздак аз ҳама муҳим масъалаи иҷтимоист. Муҳаққиқон Маздакро «паёмбари мардумгаро ва ҷомеагаро» номидаанд. Ғояи адолати иҷтимоӣ ва баробарӣ аз муҳимтарин пояҳои таълимоти иҷтимоии Маздак мебошанд. Ӯ ақида дошт, ки неъматҳои моддиро Аҳуромаздо яксара ба дасти мардум қарор додааст, нобаробарӣ аз он ҷо бархоста, ки касоне аз тариқи зӯрӣ ва ҷабр амволи мансуб ба дигаронро азхуд кардаанд.

Маздакия дар таълимоти худ, зиддияту нобаробариҳои замони худро инъикос кардааст. Вай замоне зуҳур кард, ки шароити зиндагии мардум, алалхусус, табақаи заҳматкаши ҷомеаи сосонӣ ниҳоят тоқатфарсо буд. Ин вазъият дар замони ҳукмронии шоҳ Қубод (488-498) боз ҳам бадтар мешавад. Аз ҷумла дар замони шоҳ Қубод қаҳтии бузурге ба Эронзамин рӯй оварда буд. Ҳазорон нафар бар асари гуруснагӣ ҷон медоданд, дар ҳоле ки заминдорон ғалларо дар анборҳои худ пинҳон карда буданд, то онро бо нархи гарон ба мардум бифрӯшанд. Ҳеҷ кас эътиное ба ранҷу машаққати фақирон надошт. Ҳокимият дар натиҷаи ҷангҳои дохилию хориҷӣ рӯ ба инқироз оварда буд. Ин аст, ки маздакия дар аввал ҳамчун таълимоти динию ахлоқӣ зуҳур намуда, минбаъд ба ҳаракати иҷтимоии оммавӣ ба исёни васеи фуқаро алайҳи аъёну ашроф табдил ёфт. Ин наҳзати ҳудуди сӣ сол, аз соли 493 то 524 милодӣ идома дошт. Шӯриш доманаи хеле васеъе пайдо кард. Аз ин рӯ дар аввал подшоҳи сосонӣ Қубод маҷбур маздакиёнро ба созиш даъват кард.

Аз густариши шӯриши пайравони Маздак ашрофу рӯҳониён ба ҳарос омада, бо воситаи писари Қубод – Хусрави Анӯшервон ба ҳилае Маздакро бо тамоми сарварони ҷунбишаш ба дарбор даъват карда, ҳамаи онҳоро ба қатл мерасонанд. Вале куштори Маздак ва сарони ҷунбиши маздакия натавонистааст ин ҷаҳонбинӣ

ва ҳаракати сиёсиро тамоман аз байн барад. Маздакия таъсири амиқе дар таърихи баъдии халқҳои Осиёи Марказӣ ва Эрон гузоштааст.

Ҳамин тариқ, ба тарзи фоҷиавӣ кушта шудани Монӣ, Маздак ва пайравони онҳо гувоҳӣ медиҳад, ки дар ҷомеаи сосонии Эрони бостон озодии ақида вуҷуд надоштааст.

### Савол ва супориш

1. Маздак кист ва кай зиндагӣ кардааст?
2. Асли таълимоти маздакияро чӣ ташкил медиҳад?
3. Умумият ва фарқи маздакияро аз монавия шарҳ диҳед.
4. Масъалаҳои иҷтимоӣ дар таълимоти Маздак чӣ мақом доштанд?

## §14. ДИНҲОИ ҚАДИМИ ҲИНДУСТОН. ВЕДҲО – КИТОБҲОИ МУҚАДДАСИ ОРИЁИЁНИ ҲИНД. ДИНИ БРАҲМАНИЯ

Ҳиндустон яке аз сарзаминҳои куҳан ва аз назари тамаддун ғанӣ мебошад. Ҳанӯз аз замонҳои қадим (ҳазораи III ва II пеш аз милод) дар ин сарзамин рушди илму фарҳанг ба чашм мерасид.

Нахустин тамаддуни ҳиндӣ тамаддуни Моҳенҷо-Даро ва Хараппҳо дар соҳили рӯди Ҳинд ба вуҷуд омадааст. Мо имрӯз далелҳои зиёд аз таърихи эътиқодҳои ҳиндувон то замони воруди қавмҳои ориёӣ ба ин сарзамин дар даст дорем, вале асосан таърихи динҳои ҳиндӣ аз омадани қавмҳои ориёӣ ба Ҳиндустон оғоз мешавад. Таърихи динҳои Ҳиндустонро ба чор давра: 1) давраи пайдоиши дини ҳиндуияи қадим, ки худ аз ду давра: ведоӣ ва браҳмания иборат аст; 2) давраи динҳои оппозитсионӣ – мухолиф, ки аз замони пайдоиши динҳои ҷайния ва буддоия оғоз мешавад; 3) давраи таҳаввули ҳиндуия ва ислоҳоти он; 4) давраи пайдоиши динҳои эклетикӣ: сикхия (сикхизм) ва кришна (кришнаизм) тақсим кардаанд.



Парастишҳо ва эътиқодҳои асри ведоӣ. Тақрибан аз нимаи дуюми ҳазораи дуюми қабл аз милод мардуме аз Осиёи Марказӣ, ки худро ориёӣ меномиданд ва бо номи сакоиҳо (ба юнонӣ – скифҳо) маъруфанд, ба қисматҳои шимолии соҳили рӯди Ҳинд ворид шуда, маънавиёти ҳаёти моддӣ ва қавму қабилаҳои бумии ин сарзаминро дигаргун месозанд. Дар ҳамин давра нахустин навиштаҷоти хаттии ҳиндувони ориёӣ: ҳамосаҳо ва ҷангномаҳо, ки баъдан дар ду китоб – «Рамаяна» ва «Маҳабҳарата» ҷамъоварӣ шудаанд, ба вуҷуд меоянд. Китоби муқаддаси ориёиёни ҳинд бо номи «Ведҳо» дар чаҳор китоб: «Риг-Веда», «Сама-Веда», «Яҷур-Веда», «Атҳарва-Веда» гирдоварӣ шудаанд: Ведҳо чун навиштаҳои муқаддас сарчашмаи дину оин ва фалсафаю фарҳанги ҳамагуна қавмиятҳои Ҳинд ба шумор мераванд.

Маълум нест «Ведҳо» кай ва аз тарафи кӣ навишта шудааст. Дини давраи ведоӣ мисли динҳои ҷаҳонӣ: насронӣ, буддоия ва ислом муассис ё асосгузори ягона надорад. Тибқи баъзе тахмини олимон, ин навиштаҳо дар ҳудуди 1500 ва ҳатто 2000 соли то милодӣ суруда шудаанд.

«Ригведа» аз ҳама муҳимтарин китоби «Ведҳо», маҷмӯае аз ашъори фалсафӣ ва мазҳабӣ буда, дар 10 ҷилд

ҳудуди асри VIII-уми то милод эҷод шудааст. Аҳамияти таърихию фарҳангӣ ва илмии ин китоб дар он аст, ки мо аз он ҳамчун сарчашмаи забонҳои халқҳои ориёӣ, осори таърихию адабии ҳиндӣ ва ниҳоят сарчашмаи динию мазҳабии ориёии қадим маълумоти фаровоне ба даст меорем. Масалан, аз номҳои худоёни қадимаи халқҳои хиндуаврупоӣ, ки дар «Ведҳо» омадаанд, исми Худо-Падари осмон (Девус-Питар), бо Зевус (+Питер)-и юнонӣ ва Жу-Питери (Юпитери) римӣ аз як реша ва Притива-Матар – худои замин бо Гая-Матар юнонӣ ва худои Митра, ки эрониён низ Митра ё «Меҳр» мегуфтанд, аз як реша мебошанд, то ба мо омада расидаанд ва дар назди ҳама қавмҳои ориёӣ маъруф будаанд. Митра дар оғоз худои Офтоб ба шумор мерафтааст. Аммо маҷмӯи худоёни ведоӣ, ки дар «Ригведа» ном бурда шудаанд, иборатанд аз Агни (оташ), Прихивӣ (замин), Варуна (идоракунанда), Индра (ирода), Суриё (офтоб), Сумо (моҳ), Браҳманаспати (худои ниёиш – намоз), Марутҳо (ё Рудро) – маҷмӯи худоёне, ки тӯфону раъду баркро таҷассум мекунанд. Аз ҳама бештар сурудҳои «Ригведа» мурочиат ва ситоиши худоёни Агни ва Индра мебошанд. Мувофиқи маълумоти муҳаққиқон, дар «Ведҳо» ҳадди ақал ба 33 худо ва олиҳа (11 худои осмон, 11 худои ҳаво, 11 худои замин) мурочиат шудааст ва онҳо ба се синф васу, адити ва рудра табақабандӣ шудаанд: васу – худоёни нек ба сарварии Индра, таҷассум ва ташаххуси ашё ва қувваҳои табиатанд: Апана – об, Рува – ситораи қутб, Сима – моҳ ва ғайра; адити – худоёни гунбади осмон: Пушан, Митра, Варуна, Вишну; рудра – худои қаҳҳору харобкунанда ва кушанда. Рудра баъдҳо ба сифати худои Шива табдил шудааст. Вале мегӯянд, ки мафҳуми «33 коти дева»-ро иштибоҳан тарҷума кардаанд, «коти дева» дар баробари маънии «навъ», «шакл» боз маънии ададӣ 10 000 000-ро низ медиҳад. Мувофиқи ин теъдоди худоёни ҳиндуия 330

миллион мешавад. Воқеан ҳам, метавон гуфт, ҳар оилаи ҳиндӣ худои хоси худро дорад. Бо вуҷуди ҷой доштани теъдоди зиёди худоён дар мазҳабҳои ведантоӣ анҷуман (пантеон)-и худоён бо худои худоён чун дар Юнону Рим вуҷуд надоштааст.

Баъзе муҳаққиқон вуҷуди як навъ ақидаи ягонагии худоро дар «Ведаҳо» баён кардаанд. Мувофиқи ақидаи онҳо «Индра» – олиҳаи осмон ва раъду барқ, «Агни» – олиҳаи оташ ва Ёмо (ё Ямо) – эзади дӯзах, Суриё – олиҳаи хуршед дар мартабаҳои пасттар дар ин дин қарор доранд. Хусусияти хоси зоҳиршавии тавҳид дар ҳиндуия намоёнгари хусусият ва марҳалаҳои таҳаввули ғояи Худо аз бисёрхудоӣ ба яктопарастӣ аст. Тибқи эътиқоди ҳиндувони давраи ведантӣ «Браҳман» холиқу якка ва ягона офаридагори оламу одам ва тамоми ҳастист. Ҳама аз ӯянд ва оқибат низ ба ӯ бозмегарданд. Чунон ки равған дар шир махлут шудааст, Брахман тамоми олими моддиро шадда сохта, худ дар ҳама ҷо ва берун аз ашё низ маҷуд аст. Ба ибораи дигар, ҷавҳари ҷаҳон худи Брахман буда, ӯ пойдоранда ва дигаргунсозандаи ҳастист.

Дар давраи ведоӣ маросимҳои ибодатии ориёии Ҳинд бисёр сода будааст ва ҳанӯз ҳеҷ гуна маъбад ва маҳалли хосе барои ибодат надоштаанд. Маросимҳои ибодат дар фазои кушоду марғзорҳо баргузор мешудааст. Меҳробе барои худоён месохтанд ва худоёнро ба базми маросимӣ даъват ва навъҳои гуногуни хӯрок: шир, равған, ғалларо дар назди он меҳроб мегузоштанд ва қурбонӣ кардани ҳайвонҳо, алалхусус, ҳайвонҳои хонагӣ назди ҳиндувон маъмул набудааст.

Хулоса, давраи ведоӣ бо оғози ҷустуҷӯйи бараҳманон дар атрофи масоили гуногуни динӣ-фалсафӣ, аз ҷумла пайдоиши олам, холиқу офаридгори он ба анҷом мерасанд. Ҷустуҷӯйи онҳо ба ҷое расид, ки ба вуҷуди як асли аввал ва масдари куллӣ пай бурдаанд. Бараҳманон ин мавҷуди

нахустин ва воҳиди аввалро гоҳе «Индра» ва замоне «Митра» ва вақте «Варуна» ва гоҳе «Агни» номидаанд ва онро зоти олӣ ва дорои номҳои муқаддас меҳисобиданд. Дар охир парастиши Худои ягона – Браҳман оғоз шуд.

Дар давраи пайдоиши чаҳорумин китоби «Ведҳо» – «Атҳарваведа» мо батадриҷ омехташавии худоён ва маросимҳои ориёию суннатҳои бумии Ҳиндустонро мушоҳида мекунем. Ин натиҷаи он буд, ки дар ибтидои ҳазораи якуми то милод ё охирҳои асри 7-и то милод ориёиҳо саросари водии Гангро зери тасарруфи худ даровнарда, созмони иҷтимоии хосе ташкил кардаанд. Дар ҳамин давра дар Ҳиндустон ҷомеаи каставӣ ташаккул ёфт. Дар натиҷа ҷомеа ба чаҳор каста: бараҳманҳо – табақаи рӯҳониён; кшатриҳо – табақаи умаро ва шоҳзодагон; вайшиҳо – табақаи кишоварзон ва косибони ориёнажод ва ниҳоят кастаи шудра – табақаи қавмҳои ғайриориёӣ тақсим шуд. Дар натиҷаи ин тақсимоти каставӣ рӯҳониён – бараҳманҳо онҳое, ки оини бараҳманиро таълиму интишор ва маросимҳои онро роҳбарӣ мекарданд нуфузу обрӯйи зиёд пайдо карданд. Дар ҳамин давра, асри 7 то милод, маҷмӯаи матнҳо – тафсирҳои муқаддас бо номи «бараҳманҳо», ки шомили одобу ташрифоти маросимҳои ибодат ва қурбониҳо мебошад, ба вуҷуд омаданд.

Инчунин дар ҳамин давра навиштани яке аз осори ҷовидонии динию фалсафии ҳиндии «Упанишадҳо» шурӯъ мешавад ва як давраи тӯлонии 300 ё 400 сол то милодро дар бар мегирад. «Упанишадҳо», ки ба забони санскрит маънии «Ҳузур дар маҷлиси муаллим»-ро дорад, «роҳи худӣ» ва «ҷаҳони дарунӣ»-ро кашф месозад. «Инсон тибқи таълимоти ин китобҳо як ҷузъи ҳақир аз як кулл аст ва дар зиндагӣ ҳеҷ гуна ҳадафе набояд дошта бошад, ба ҷуз ин ки дар кулл маҳву фано гардад.

Чунончи қаблан ишора шуд, усули ақидавии ҳиндувон дар ибтидо, яъне дар оғози ин дин иборат аз эътиқод



ба асосҳои таълимоти китобҳои муқаддас – «Ведҳо» ва «Упанишадҳо», пайравӣ ва эътирофи сохти каставии ҷомеа, риояи муҳаррамот ва неку бадҳо тибқи қонуни карма буд. Баъдан дар заминаи «Ведҳо мазҳаби ҷайния ва буддоия ва инчунин сикхия ба вуҷуд омада, браҳманияро водор ба таҳаввул ва таҷдиди таълимот ҷиҳати муқовимат бо фишори динҳои номбурда кардаанд. Аз ин рӯ иллати гуногунӣ ва печидагии таълимот ва ақоиди мазҳабии ҳинд низ дар ҳамин аст. Браҳмания дар асари бархӯрд бо Аврупо, таъсири мубал-лиғини ислому насрония, пешрафти илмию техникӣ ва иҷтимоӣ аз асри XIX то имрӯз мунтазам таҳаввул ёфта, худро ба талаботи замона мувофиқ сохтааст. Дар ҷараёни ин таҳаввулот якчанд ҳаракати мазҳабӣ ва фирқаҳое ба вуҷуд омада-анд, ки муҳимтаринашон: Браҳма-Самаҷ, Ориё-Самаҷ, Рама-Кришна мебошанд.

**Имрӯзҳо дар сарзамини Ҳинд, агар сухан дар бораи дин ва идеологияи динӣ равад, донишмандон ва аҳли фарҳанг таълимоти Адвайта-Ведантаро дар назар доранд. Ин мактаби фалсафию динӣ, ки таълимоти «Ведҳо» ва «Упонишадҳоро»-ро тоза карда, аз ҳар гуна хурофоти**

**мазҳабӣ пок сохтааст ва браҳманияро ба идеологияи асосӣ ва расмӣ табдил додаст, хизмати бузургеро дар нигоҳдории ҷаҳонбинии ведоӣ анҷом додаст**.

Савол ва супориш

1. Хусусияти тамаддуни Ҳинди қадим дар чӣ ифода меёбад?
2. Таърихи адёни Ҳиндустонро ба чанд давра тақсим мекунанд?
3. “Ведҳо” ва қисматҳои онҳо кадомҳоянд?
4. Маросимҳои ибодатии давраи ведоӣ чӣ гуна анҷом мешуданд?
5. Браҳмания чигуна дин аст?

## §15. ДИНҲОИ ҶАЙНИЯ ВА СИКХИЯ

Ба муқобили сохти табақавӣ-каставӣ ва тариқати маҳдуди ҳиндуияи аввал ду ҳаракати мазҳабӣ ба вуҷуд омад, ки баъдан ба дини алоҳида табдил ёфтанд. Ин ду ҳаракат ҷайния (ҷайнизм) ва буддоия (буддизм) буданд. Ҷайния дар асри VI то милод аз ҷониби намояндагони равшанфикри табақаи ашроф ҳамчун мухолифат ба браҳмания, фишору иддаоҳои ифротии онҳо дар мавриди ҷою мақоми табақаи ашроф ба миён омад. Асосгузори ҷайния Натапутта Вардҳамана бо лақаби Маҳавира аст. Давраи зиндагиаш солҳои 599-527 пеш аз милод мебошад.

Маҳавира дар синни 31 солагиаш дарборро тарк карда, ба дарвешон мепайвандад. Пас аз 12 соли гӯшанишинӣ ба ҳолати саодати оромӣ, ҳолати нирвана мерасад. Пас аз ин ӯ лақаби Ҷина («фирӯз» ва «фотеҳ»)-ро мегирад ва ба таблиғи ақоиди динии худ шурӯъ мекунад. Маҳавира Ҷина дар 72-солагӣ ин ҷаҳонро падруд мегӯяд ва тибқи эътиқоду бовари пайравонаш, Маҳавира Ҷина ҳам акнун дар саодати маҳз ва осоиши мутлақ, дар ҷойгоҳи подоши некон ҷовидон бо хуррамӣ нишастааст, яъне дар нирвана ва аз ранҷи таваллуди нав наҷот ёфтааст.

Асли таълимоту ахлоқи ҷайния рӯйи пояи ҷустуҷӯйи роҳи наҷот аз ранҷи «карма» ва расидан ба саодат ва висол, яъне «мокша» асос ёфтааст. Наҷоти рӯҳ «мокша» аз

бадиҳо, азобу аламҳо бидуни таҳаммули азобу машаққат ва риёзатҳои сахт имконнопазир аст. Инчунин, поксозии ҷон фақат дар пайравӣ аз қоидаи аҳимса (яъне наозурдани ҳеҷ ҷонваре) муяссар мешавад.



Тибқи ақидаи ҷайния тани инсон, ҷомаи нури ботини инсон аст, бояд бо усули парҳез аз лаззатҳои ҷисмонӣ мағлуб гардад, то ин ки маънавияти мо, ки асоси вуҷуди мост, қувват гирад.

Барои ноил шудан ба ин мақсад инсон бояд се амалро пеша кунад: 1) бартараф кардани ҷаҳлу нодонӣ; 2) идома додани донишандӯзӣ пас аз расидан ба висоли Ҳақ; 3) хештаншиносӣ.

Ин се ҷавҳарро се гавҳар гӯянд. Илова бар ин, пайрави мазҳаби ҷайния бояд панҷ аҳди зеринро риоя кунад:

– ба ҳеҷ ҷонваре озор нарасонад;

– аз ҳар гуфтору рафторе, ки сабаби ғазаб, ҳирсу хавф ё фараҳ бошад, худдорӣ кунад, дурӯғ нагӯяд ва дигаронро ба

дурӯғгӯйӣ водор накунад;

– аз дуздӣ ва аз худ кардани ҳар чизе, ки моли ӯ нест, худдорӣ кунад;

– лаззатҳои шаҳвонӣ ва муомилаҳои ҳаром донад;

– аз гирд овардани молу чиз худдорӣ кунад.

Риоя кардани ин панҷ аҳд барои хосагони ҷайния ҳатмӣ аст. Аз ин рӯ барои оммаи мардуми одӣ аҳдҳои сабуктаре пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин барои эътиқодмандони ин мазҳаб мувофиқи талаботи ин дин қиморбозӣ, гӯшт хӯрдан, шароб нӯшидан, бе никоҳ издивоҷ кардан ва шикор, дуздӣ ва дигар навъҳои фисқу фуҷур мамнуъ ва ҳаром аст.

Дар дини ҷайния эътиқод ба худо, ба паёмбар, ба биҳишт нест. Тибқи ақидаи он сарнавишти ҳар шахс натиҷаи амали ӯст, аз ин рӯ ҳеҷ гуна бахту иқбол ва қисмате вуҷуд надорад. Бадтарин гуноҳ дар дини ҷайния куштан ва озор расонидан (ҳимса) аст ва беҳтарин фазилат беозорӣ (аҳимса) аст. Пайравони ҷайния ба асли «наозурдан» ё «беозорӣ» хеле диққат медиҳанд ва ҳатто ҳар гоҳ диндоре аз ин мазҳаб ба ҷое рафтанӣ шавад, як нафар бо ҷорӯби хурде пешо-пеши пояшро доимо мерӯбад, то мабодо он ҳашарот ё кирмеро поймол накунад.

Ё худ барои он ки мабодо ҳашароте дохили даҳонаш наравад, бисёр вақт пайравони ҷайния ба даҳонашон пораи матоъ ё докае мебанданд. Ҷайниҳо ҳеҷ гоҳ дар торикии шаб об намехӯранд, бо бодбезак худро бод намезананд, то ки ҷондореро озор надиҳанд.

Ҷайния, мисли буддоия, зиндагиро азоби доимӣ медонад, ки бо марг хотима намеёбад, балки инсоният ва ҳар махлуқи дигар доимо ба таваллуд шудану мурдан маҳкум аст. Инсон метавонад танҳо ба воситаи ҷаҳд ва тарбияи нафс аз мартабаи паст ба мартабаи олии илоҳӣ бирасад ва мисли худоён ба зиндагии беранҷ мушарраф гардад. Таълимоти ҷайния дар китобе бо номи «Агамас», ки ба забони санскрит аст, гирдоварӣ шудааст.

**Сикхия.** Сикхия яке аз динҳои миллии Ҳиндустон аст, ки дар асри XV милодӣ ба вуҷуд омадааст. Он аввал ҳамчун як фирқаи ислоҳталаби ҳиндуия зуҳур карда, баъдтар чун дини алоҳида шинохта шудааст. Дини сикхия аз ҷавонтарин динҳои суннатӣ буда, аз тарафи (пешво, нахустмуаллим) Нанак (1469-1538), ки дар оилаи тоҷир, дар минтақаи Панҷоби Ҳиндустон таваллуд ёфтааст, поягузорӣ шудааст. Ӯ дар ибтидо ба бисёре аз марказҳои динию мазҳабии Шарқи Наздик сафар карда, динҳои дигарро омӯхта буд.

Мувофиқи таълимоти Нанак низ худои воҳид – Ҳаққ метавонад ба суратҳои гуногун, дар афкор ва эътиқодоти мухталиф зуҳур кунад. Худо дар саросари олам ҳаст ва дар дили инсон ҷо дорад ва аз суханони ӯст, ки гуфтааст: «Худоро дар хориҷ аз дили худ ҷустуҷӯ накун, ӯ дар ҳама дилҳо мавҷуд аст ва ба василаи таълими муаллим ба ӯ роҳ тавон ёфт». Вай ибодат ва маросимҳои зоҳириеро, ки муъминони ҳинду ва мусалмон дар маъбадҳо ва масҷидҳо ба ҷо меоранд, муҳим надониста арз медорад, ки бидуни андеша ва фурӯ рафтан дар ёди Худо маросим ва одоби он аҳамияте надорад.

Сикхҳо панҷ усул ё фаризаи мазҳабиро бечунучаро риоя мекунанд. Ин панҷ фариза, ки ҳама бо ҳарфи «к» шурӯъ мешавад иборатанд: 1**. Кес** – натарошидани мӯй ва риш; 2. **Кангҳа** – шона; 3. **Кочк** – шалвори кӯтоҳ; 4. **Кара –** дастбанди оҳанӣ; 5. **Кандо –** шамшер ё ханҷари пулодӣ.

Сикхия баъд аз вафоти Нанак дар замони шашумин халифаи ӯ Ҳар-Гувинд, писари панҷумин халифа Гуру Арҷан (1586-1606-и милодӣ) асли таслим ва ризоро канор гузошта, ба фирқаи ҷангҷӯ ва дини сиёсии фаъол даромад. Сабаби ин тағйирот дар ин равия, кушта шудани Гуру Арҷан аз тарафи Ҷаҳонгир, писари шоҳ Акбар ибни Ҳумоюн ва шиддат гирифтани зиддият бо мусалмонон ва мавриди таъқибу фишор қарор гирифтани ин тоифа буд. Сикхҳо дар асри XVII тавассути Ҳар-Гувинд давлати муқтадири низомӣ ташкил доданд. Сикхҳо дар ҳоли ҳозир асосан дар

ноҳияҳои шимолу ғарби Ҳиндустон (Панҷоб) ва дар аксари кишварҳои осиёии Шарқи Дур ва Осиёи Хурд ва Африқову Аврупо зиндагӣ доранд. Шумораи умумии сикҳҳо дар Ҳиндустон 10 миллион мебошад.

Савол ва супориш

1. Заминаҳои пайдоиши ҷайния кадомҳоянд?
2. Асли таълимоти ҷайнияро чӣ ташкил медиҳад?
3. Дар ҷайния барои камолоти маънавӣ кадом аслҳо ва аҳдҳоро риоя бояд кард?
4. Сикхия чӣ гуна дин аст ва он кай пайдо шудааст?

## §16. БУДДОИЯ

**Заминаҳои пайдоиши буддоия.** Буддоия дар қисмати шимолу шарқии Ҳиндустон, дар он ҷое ки давлатҳои қадимаи Магадҳа, Кошала ва Личчхави воқеъ шуда буданд, дар миёнаҳои ҳазорсолаи якуми то милод пайдо шудааст. Дар Ҳинди қадим, дар миёнаҳои ҳазорсолаи якуми қабл аз милод, оини ведоӣ ба инқирози шадид дучор шуда, як қатор таълимот ва мактабҳои дигари динӣ ба вуҷуд омаданд. Ин таълимотро файласуфону ҳакимон, дарвешон ва дигарон эҷод мекарданд. Яке аз ҳамин гуна таълимотҳо – буддоия буд, ки эҷодгар ва поягузори он шоҳзода Сиддҳартҳа Гаутама мебошад.

Ҳамзамон, дар Ҳинди Қадим раванди таҳкими ҳокимияти давлатӣ шурӯъ шуда, торафт густариш меёфт, ки дар пайомади он нуфузи табақаи кшатриҳо, яъне шоҳон ва сарлашкарон дар ҷомеа хеле баланд шуда, нуфуз ва таъсири тоифаи рӯҳониёни бараҳман бошад, баръакс, хеле коҳиш ёфт. Азбаски таълимоти буддоия хусусияти зиддиведоӣ ва зиддибараҳманӣ дошт, шоҳону сарлашкарон онро ҳамчун идеологияи ҳукмрон пазируфта, барои таҳким бахшидан ба пояҳои ҳокимияти давлатӣ истифода мебурданд. Ҳамин тавр, буддоия дар марҳалаи нахустини пайдоиши худ ба шарофати сарпарастии шоҳону сарлашкарон мақоми

дини расмӣ ва «шоҳона»-ро касб карда, оини ведоӣ ва бараҳманиро аз саҳнаи ҷомеа бадар кард. Аммо дар асрҳои VII-XIII ҳокимони аксарияти давлатҳои ҳиндӣ нисбат ба буддоия дилсард шуда, дигар онро сарпарастӣ ва ҳимоят намекарданд. Дар натиҷа буддоия дар ҳудуди ин қабил давлатҳо нуфузи худро аз даст дода, гирифтори таназзул шуд. Танҳо дар бархе давлатҳои қораи Ҳинд, масалан, дар давлати Пала, ин дин таҳти ҳимоя ва дастгирии шоҳони сулолаи ҳукмрон қарор дошт.



Буддои таърихӣ, яъне Сиддҳартҳа Гаутама пас аз чанд муддати ҳаёт ба сар бурдан дар муҳити пурдабдабаи дарборӣ дарк кард, ки чунин муҳит, чунин тарзи ҳаёт хеле сангину тоқатфарсо, моломоли ранҷу азоб ва ғаму дард мебошад. Аз ин рӯ аз ҳаёти дарборӣ рӯ тофта, ба фақру гӯшанишинӣ рӯй оварда, бо дарвешони ҷангалнишине дӯстӣ барқарор кард. Бо мурури замон ӯ ба чунин хулоса омад, ки фақру гӯшанишинии дарвешона низ мисли айшу ишратҷӯийи ашрофона кори ғалат ва носавоб буда, барои камолоти маънавии инсон зиён дорад. Барои ҳамин, инсон бояд барои наҷоти рӯҳи худ аз қайду гирифториҳо ва дарду ғамҳои олам аз ин ду бероҳаи ниёзмандиву бениёзӣ даст кашад ва роҳи дигареро пеш гирад. Мутобиқи анъана ва ривоёти динии буддоӣ, Сиддҳартҳа Гаутама ин роҳро дар синни 35-солагӣ, ҳангоме ки дар зери дарахти Бодҳа ба сайру сулуки ирфонӣ

машғул буд, кашф кард. Пас аз ин Сиддҳартҳа Гаутама ба худ тахаллуси «Буддо»-ро гирифт, ки маънояш «бедор, бедоршуда» мебошад. Баъд аз ин рӯйдод Буддо тамоми 45 соли боқимондаи умри худро барои сайру саёҳат дар Ҳиндустони Марказӣ ва водии Ганг сарф карда, оини худро ба муридону шогирдонаш таълим дод.

Пас аз даргузашти Буддо шогирдони ӯ оини буддоиро ривоҷ доданд. Дар тӯли 400 соли минбаъда таълимоти буддоияи ибтидоӣ ҳамвора таҳаввул ёфта, дар заминаи он мазҳабҳои гуногун, аз он ҷумла шохаҳои ҳинаяна ва маҳаяна интишор ёфтанд.

Меҳвари таълимоти буддоия кашфи чаҳор ҳақиқат аст, ки он иборат аз:

Даккха – яъне зиндагӣ мусибату ранҷ аст; таввалуд – ранҷу азоб аст, беморӣ – ранҷу азоб аст, марг – азоб аст;

Самудая – яъне сабаби ранҷу мусибатҳо – хоҳишҳо, шаҳватҳост;

Ниродха – яъне роҳи наҷот, хомӯш кардани нафс ва оташи шаҳватҳост;

Марга (ё магга) – яъне роҳи хомӯш ва пахш кардан – ислоҳ ва тазкия (поккунӣ)-и нафс аст.

Аз назари ӯ худи ҳастӣ шарру номатлуб аст, аз ин рӯ шахс бояд бикӯшад, то дубора гирифтори аъмоли бад нашавад.

Аъмоли бад, тибқи таълимоти буддоия, чун соя инсонро дунбол мекунанд. Вобаста ба ҳамин масъала ҳаёт ва тақдиру қисмат дар таълимоти Буддо на он таврест, ки дар динҳои дигар гузошта шудааст. Хулосаи назари ӯ дар ин маврид он аст, ки ҳар чӣ дар ин олам эҳсос мешавад, хоҳ дар афкор бошад, хоҳ дар кирдор, хоҳ дар муҳити олами зоҳир ва хоҳ дар олами замири ботин, ҳамеша дар ҳоли сайру ҳаракати ҷовидонӣ аст. Ҳеҷ як тақдиру офаридгори муқтадире дар осмон нест, ки ҳама мавҷудотро ба якдигар вобаставу муттаҳид гардонад, балки як ваҳдати умумии ҷаҳонӣ дар худи олами вуҷуд ва ҷаҳони ҳастӣ мавҷуд аст.



Ҳамин тавр, дар таълимоти динии буддоия мафҳуми Худо нест, ҳар кас масъули сарнавишти хеш аст, вале он вуҷуди худоёнро инкор намекунад. Ҳамчунин барои Буддо бутпарастӣ, назру ниёз, қурбонӣ эътибор надорад, бузургтарин ибодат дар назди ӯ ҳамин поксозӣ ва поккунии нафс аст.

Дар таълимоти Буддо мақоми намоёнро ақида дар бораи «нирвана» – саодат ва оромии абадӣ ташкил мекунад. Аз рӯйи маънии ҳақиқӣ нирвана куллан фурӯ нишонидани нафси бад, шаҳват ва ҷаҳолат аст. Ин нукта, ки онро пеш аз Буддо дигар динҳо, масалан, зардуштия низ матраҳ карда буданд, воқеан асли покизасозии нафс, ибтидо ва сарчашмаи покии шуури ахлоқии инсон аст. Наҷот танҳо дар ҷаҳони ботинӣ аст. Наҷот танҳо аз тариқи тағйири равиши афкор аст. Фикру андеша асоси ҳастии маънавии одамист.

Буддо барои раҳоӣ аз афкори баду нопок панҷ дастур додааст:

1– афкори покро ҷойгузини афкори нопок кун;
2– мардона ба афкори нопок рӯ ба рӯ шав ва онҳоро нопок, зиёновар ва ҳузнангез, чунон ки ҳаст, ҳамон тавр бишнос;
3– афкори нопокро аз худ дур кун;
4– афкори нопокро мавриди таҳлилу таҷзия қарор деҳ ва

таркиби онро бишнос;
5– бо тамоми қудрат бо афкори нопок мубориза кун, онро нобуд соз.

Масъалаи рӯҳ низ дар буддоия чандон рӯшан нест. Албатта буддоия рӯҳро, чунонки баъзе муҳаққиқон гуфтаанд, инкор намекунад, вале фаҳмиши рӯҳ дар таълимоти Буддо тафовути куллӣ дорад. Вай ба рӯҳ ҳамчун моҳияти кулливу абадии тағйирнопазир бовар надорад. Онро ҳамчун ҷавҳари абадӣ эътироф намекунад.



Ҳамин тариқ, дини буддоия дар таърихи фарҳанги умумибашарӣ мақоми хосса дорад. Нақши мусбати ин дин дар он зоҳир мешавад, ки инсони дар ранҷу машаққат қарордоштаро тасалло медиҳад ва ӯро ба камолоти ҷисмонию равонӣ ҳидоят мекунад. Омӯзиши китобҳо ва аҳкоми ин дин ба зиёд шудани саводнокӣ ва баланд шудани сатҳи маърифату донишҳои хонандагон оварда мерасонад. Вале, аз ҷониби дигар, дар радифи ин гуна таълимоти гуманистӣ дар дини буддоӣ боз як идда таълимоти ифротие низ ҷой доранд, ки инсонро ба пеша кардани сабру таҳаммул дар муқобили мушкилиҳои зиндагӣ ва муқобилият накардан ба зулму бадӣ тарғиб мекунанд ва бо ин роҳ мардумро аз

муборизаи фаъолона барои расидан ба ҳаёти беҳтар дур месозанд.

Дар хотима баъд аз шиносоӣ бо динҳои ориёии Ҳиндустон метавон гуфт, ки дар ин олами маънавии гуногунранг сармояи гаронбаҳои тамаддуни инсонӣ нуҳуфтаст. Динҳои дар ин сарзамин эҷодшуда аксаран хусусияти ирфонӣ дошта, дар пояи риёзат ва поксозию софкории нафс асос ёфтаанд. Динҳои ҳиндуориёӣ ҳарчанд аз назари илоҳиёт гуногунанд, вале муҳимтарин хусусияти динҳои ҳиндуориёӣ инсонпарварӣ ва ахлоқмеҳварии онҳост. Рӯйи дар маркази таълимоти ин адён масъалаи саодати инсон аз тариқи поксозиву камолоти нафс қарор гирифта, инсон ва ахлоқи вай аз муҳимтарин масоили фалсафию динӣ ба ҳисоб меравад.

Савол ва супориш

1. Заминаҳои пайдоиши буддоияро номбар кунед.
2. Асосгузори дини буддоия кист?
3. Меҳвари таълимоти буддоияро дарки кадом ҳақиқатҳо ташкил медиҳад?
4. Таълимоти нирвана чӣ хел фаҳмида мешавад?

## §17. ДИНҲО ДАР ЧИН

Дар андешаи динии мардумони Чин ва умуман кишварҳои Ховари Дур инсон бо табиат пайванди аслӣ ва ҳамешагӣ дорад, ин пайванд тасодуфӣ набуда, хусусияти зотӣ дорад. Масалан, чиниёни қадим пояи муътақидоти худро бар он ниҳодаанд, ки осмону замин ва инсон ончунон ба якдигар пайванданд, ки ҳар яке таъсиргузор бар дигар аст. Чунончи рафтори ношоиста ва гуноҳкории одамон ё ҳатто император сабаб мешавад, ки табиат масири худро тағйир медиҳад ва осмон ошуфтаву парешон мегардад. Осоишу оромиши замину осмон дар он аст, ки одамӣ ба қонунҳои табиати вуҷуд, яъне Дао таслим шавад. Агар ин шарт иҷро шавад, мувозинат дар олам барқарор хоҳад буд, ғаллаву дарахтон ҳосили зиёд хоҳанд дод ва одамон ба хушӣ

зиндагӣ хоҳанд кард.

Ҷопониҳо бе он ки чунин андешае дошта бошанд, ба гиёҳону дарахтон ва гулҳо ишқ меварзанд ва ба зебоиҳои табиии сарзамини худ ифтихор мекунанд ва ин меҳрварзии бунёдиашонро дар наққошиҳои гуногун, дар ашъори худ намоиш медиҳанд.

Дар кишвар ҳамчунин мардум аз дер боз бар он ақидаанд, ки император ва раияти ӯ бо кӯҳу саҳро, дарёву наҳрҳо дар сарзаминашон ва осмони болои сарашон ва замини зери пояшон, ҳама ба якдигар мисли як дастгоҳ пайванд ҳастанд ва ягона мебошанд, онҳо чунон ба ҳам омехтаанд, ки қувваи ҳаётии ҳар кадоме дар дигаре таъсиргузор аст ва дар ҳақиқат як навъи имон ба ваҳдати вуҷуд ё «ҳамахудоӣ» ба таври махфӣ дар ботини ҳама динҳои Ховари Дур, аз он ҷумла динҳои Чин ҳам ҷой дорад.

Динҳои чиниён омехтае аст аз маводи гуногун ва унсураҳои мухталиф, баъзе миллӣ ва бумӣ ва баъзе аҷнабӣ ва бегона, баъзе сода ва баъзе мураккаб.

Чиниён бар ин бовар буданд, ки ҷаҳон ба мисли сафҳаест ҳамвору сокин ва осмон чун сарпӯше дар болои он қарор гирифтааст, кишвари онҳо, яъне Чин ва дар он қасри император маркази сатҳи замин аст ва дар атрофи он халқу кишварҳои дигар ҷой гирифтаанд.

Дар замин низ монанди осмон қувваҳои шайтонӣ, сабабгори беназмию ошуфтагӣ мешаванд. Аз ин рӯ ҳодисаҳои номатлубе чун селу гирдбодҳо ва зилзилаю хушксолиҳо рӯй медиҳанд, то он ки низоми пешин дубора барқарор шавад ва бадкорон ба ҷазои амали худ бирасанд. Яъне дар ҳама ҷо, чи замину чи осмон интизом ва таносуб ҳукмфармост.

**Ян ва Ин.** Тахминан дар ҳудуди солҳои ҳазори то милод баъзе аз мутафаккирони Чин мушоҳида карданд, ки дар ҳар ашёи табиӣ ду омили ҳаракатдиҳанда ба ҳам омехтаанд. Онҳо якеро **Ян** ва дигареро **Ин** ном ниҳоданд ва гуфтанд, ки ҳар мавҷуде, ки дар олами ҳастӣ вуҷуд дорад, аз амали

мутақобил ва ё ду қувва мураккаб шудаанд. Бинобар ин дар ҳар мавҷуд аз ҳар яки он ду асар ва зуҳуре падидор аст. Ян – қувваи мардона, дорои марҳалаи фаъолият ва ҳарорату нур аст, ки ҷиҳати мусбати олам аст. Аммо Ин – қувваи занона, дар марҳалаи ибтидои ҳаёт ва бороварию тавлид қарор дорад. Пас ҳар як чиз дар як ҳол мумкин аст сифоти Ян, дар ҳолати дигар сифоти Ин-ро нишон диҳад.



**Назарияи Дао.** Маънои луғавии Дао – роҳ, тариқ, сирот аст. Ба маънои истилоҳӣ иборат аст аз қонуни ҳаракат ва равиши мавҷудоти олам.

Мегӯянд, ки Дао дар олами ҳастӣ (коинот) азалият дорад ва қавли он асосӣ аст. Аз ин ҷиҳат таркиби олам ва тариқаи неруманди равиши он ду амри мумтозу ҷудогона мебошад. Дар олами офариниш, қабл аз пайдоиши ҷаҳон ин равиш чун қувва вуҷуд дошт ва ба маҳзи ин ки ҷаҳон офарида шуд, мутобиқи он ин равиш шурӯъ ба ҳаракат кардааст.

Инчунин роҳу равиши ҳаракати олам ба ҳадди комил аст, гӯё пайкараи он дар азал тарҳрезӣ шуда, сипас тамоми мавҷудот бар тариқи он пайдо шуда, ҳаракат ва ҷунбиши

худро ба сӯйи он оғоз кардаанд.

Асосгузори даосия донишманд ва ҳакими маъруфи Хитои қадим Лао-Тсзи ё Лао-Тан мебошад, ки тибқи ривоятҳо дар иёлати Чу соли 604 пеш аз милодӣ ба ҷаҳон омадааст. Ӯ дар мансаби хазинадори асноди давлатӣ кор карда, баъдан аз ин шуғл канорагирӣ менамояд ва дар хонаи худ гӯшанишинӣ мекунад. Чун одамон ба дидорбинӣ ва зиёрати ӯ бештар рафтуомад мекунанд, хонаро низ тарк карда, аз ватани хеш ҳиҷрат мекунад. Мувофиқи ривоятҳо ӯ аз худ китобе бо номи «Дао-де-тзин» ё (Тао-те-тзин) боқӣ мегузорад, ки он то замони мо расидааст.

Даосия дини бисёрхудоии миллӣ, омехтаи ақоиди гуногун (эклектикӣ) мебошад. Хусусияти хоси динҳои чинӣ дар он аст, ки ҳам даосия ва ҳам конфутсия, чунон ки гуфтем, ҳамчун системаи фалсафӣ зуҳур карда, дар натиҷаи ҷазбу қабули тасаввурот ва маросими динии омма батадриҷ шакли динро гирифтаанд. Аз ин рӯ даосия низ се марҳалаи мухталифро тай кардааст ё худ дар се шакл зоҳир мешавад: а) дар шакли фалсафӣ, ки шомили таълимоти ирфонии қавию нерӯманд аст; б) дар шакли сеҳру ҷоду ё шакли хурофотию мазҳабии он; в) дар шакли дини расмӣ – ҳамчун мазҳаби расмии хоқонҳои Чин.

Чунон ки гуфтем, даосия эътиқоди ягона набуда, дар худ маросимҳову хурофот, эътиқодҳо, ҳама гуна худоён ва арвоҳи аҷдодон, қаҳрамонон ва таълимоти ҷовидониро ҷазб кардааст. Дар ин дин худоёни зиёде ҳастанд, аз ҷумла асосгузори сулолаи чиниён императори Чини бостон Хуанди, олиҳаи Ғарб Сиванму, нахустинсон Пан-Ку, худоёни Тайчу (Ибтидои Бузург) ё худ Тайтзӣ (Ниҳояти Азим). Ба ғайр аз ин сарлашкарон, қаҳрамонон, устокорон ва ғайра парастида мешаванд, ба ифтихори онҳо маъбадҳои зиёде бунёд шудааст. Арвоҳи муқаддас ба ақидаи онҳо дар ҳар рӯдхона, саҳро ва кӯҳ, маскани рӯҳию равонӣ ҷой доранд. Ҳар синф ва ҳар касбу ҳирфа худои муқаддаси худро дорад, ки аз онҳо ҳимоят мекунанд. Ҳамчунин худои

тандурустӣ, худои некбахтӣ, худои набодот ва ҳайвоноти гуногунро мепарастанд.

Дини даосия дар ибтидои асри XX дар Хитой наздик ба 100 ҳазор рӯҳонӣ дошт. Рӯҳониён ду тарзи зиндагӣ доранд: дар дайрҳо ва оила. Силсиламаротиб (иерархия)-и рӯҳониёнро падари рӯҳонӣ Тян-Ши («муаллими осмонӣ») сарварӣ мекунад, ки сулолаи он аз асри XI-и милодӣ оғоз мешавад. Охирин (63-ум) Тян-Ши соли 1927 баъд аз ба дасти инқилобиёни сурх гузаштани қароргоҳаш пинҳон ва нопадид шудааст. Дини даосия ва буддоия дар муқоиса бо конфутсигаройӣ дар Чин мавқеъ ва мақоми чандон бузурге надоранд.

**<u>Таълимоти Конфутси</u>.** Ҳамзамон бо даосия ё аниқтараш таълимоти Лао-тсзи системаи фалсафӣ ва мазҳабии дигаре ба вуҷуд омад, ки моҳиятан баръакси он буд. Он системаи фалсафию динии Конфутси аст.

Конфутсигароӣ таълимоти фалсафӣ-ахлоқиест, ки аз ҷониби асосгузори он Конфутси (551-479 пеш аз милод) тарҳрезӣ шуда, аз ҷониби пайравонаш минбаъд дар шакли динӣ густариш пайдо кард ва дар маҷмӯи динии Чин (Хитой), Корея, Ҷопон ва баъзе давлатҳои дигар ворид шуд. Конфутсигароӣ ҷаҳонбинӣ, ахлоқи иҷтимоӣ, мафкураи сиёсӣ, анъанаи илмӣ, тарзи ҳаёт буда, баъзан чун фалсафа, гоҳе чун дин дониста мешавад.

Дар Чин ин таълимот бо исми «мактаби олимон», «мактаби олимони китобӣ» ё «мактаби инсонҳои соҳибмаълумот» ёд мешавад. Сарчашмаҳои асосии динию фалсафии Конфутси дутоанд: яке «Панҷкитоб» («У-тзин») ва «Чоркитоб» («Сушу»). Дар «Панҷкитоб» на ҳама чиз дорои мазмуни динӣ мебошад, балки қисмати зиёди онро ахбори таърихию тақвимӣ, маҷмӯи осори бадеию классикии чинӣ ташкил кардааст. Қисматҳои ин китоб Шу-тзин (китоби таърих), Ши-тзин (китоби шеър), Ли-ши (китоби шиорҳои маросимӣ), И-тзин (китоби табаддулот) ва ниҳоят Чун-тсю (солномаи баҳору тирамоҳ) ном доранд.

Аз ин панҷ китоб чаҳортои аввал маҷмӯе аз мунтахаботи ҳикматҳо ва гуфтаҳои гузаштагон буда ва танҳо панҷумин эҷоди шахсии худи Конфутси ҳаст. Таълимоти Конфутси асосан масоили ахлоқӣ, сиёсӣ ва тарбияи инсони комилро фаро мегирад. Конфутси пеш аз ҳама муаллими ахлоқ аст. Ӯ дар ахлоқ ва умуман дар ҳеҷ масоиле навоварӣ накардааст, балки риояи дақиқи суннати гузаштагонро талаб кардааст. Усули ахлоқии ӯ бар пояи қоидаи умумии «Ли» устувор аст. Ӯ истилоҳи «Ли»-ро ба маънои гуногун истеъмол кардааст. Аз ҷумла он ба маънии покиву таҳорат, адабу инсоният, ташрифот, расму одатҳои ибодат истифода шудааст.




Тамоми таълимоти ахлоқии Конфутсиро метавон ба тарзи зер хулоса кард:

аввалан, «Ли» – омили асосӣ дар назму тартиби корҳо ва ҳусни робитаи инсонӣ, ки иборат аз панҷто мебошад, ки инҳо робитаи султон бо раият, падар бо фарзанд, шавҳар бо зан, бародари бузург бо бародари хурд, дӯстон бо дӯстон аст;

дувум, суннатҳои номбурда ҳамон вақт тибқи «Ли» амалӣ мегарданд, ки дар саросари мамлакат эътидол бошад;

сеюм, таъкид аст, ки бояд тамоми одобу ташрифоти ҷамъиятӣ тибқи усули «Ли», мутобиқи расму одатҳо ва суннатҳои гузаштагон анҷом пазирад.

Дар таълимоти ахлоқӣ ва мазҳабии Конфутси парастишу эҳсон нисбат ба падару модар ва арвоҳи гузаштагон мақоми хос дорад. Конфутси таълим медиҳад, ки ба волидайн дар давраи ҳаёташон мутобиқи суннатҳову русуми ниёгон хизмат кунанд ва вақте ки ин дунёро падруд мегӯянд, бар асоси анъанаву русум гӯронанд ва мувофиқи нишондодҳои маросимию мазҳабӣ қурбонӣ оранд.

Савол ва супориш

1. Дар динҳои Чин робитаи инсон ва табиат чӣ хел ифода меёбад?
2. Даосия чӣ хел дин аст?
3. Конфутсигароӣ чӣ гуна таълимот аст?
4. Чаро динҳои чиниро таълимоти динию фалсафӣ мегӯянд?
5. Масъалаҳои ахлоқӣ дар таълимоти Конфутси чӣ тавр ҳаллу фасл мешаванд?

## §18. ДИНҲОИ СОМӢ. ДИНИ ЯҲУДИЯ

**Пайдоиш.** Дини яҳудия ё калимӣ яке аз динҳои тавҳидии миллию давлатӣ буда, ба гурӯҳи динҳои сомӣ тааллуқ дорад. Ҳама пайравони ин дин аз миллати яҳуд (онҳоро ибронӣ ва Бани Исроил низ меноманд) мебошанд. Яҳудия аввалин дини тавҳидӣ дар байни динҳои сомӣ аст. Маълум аст, ки дини номбурда ба ин марҳалаи худошиносӣ якбора нарасида, балки як давраи рушду таҳаввули табииро аз марҳалаи политеистӣ то монотеистӣ тай кардааст. Ин роҳи тӯлонӣ чун дар дигар миллатҳо аз парастишу таҷассуми табиат (тотемизм ва фетишизм), парастиши арвоҳ (анимизм) шурӯъ шуда, баъд аз пушти сар кардани ин давраҳо мунтазам ба худои миллӣ ва ниҳоят ба худои ягонаи ҳастӣ меорад. Худо дар дини яҳудия – Яҳво ном дорад. Асосҳои таълимоти ин дин ба ташаккули дини насронӣ ва ислом таъсири бевосита расонидаанд. Ҳамчунин, бисёр унсурҳои дини яҳудия ҳам

дар насрония ва ҳам дар ислом ба мушоҳида мерасанд, ки ин чиз аз таъсири байниҳамдигарии динҳо шаҳодат медиҳад.

Яҳудиён аз мардумони сомӣ буда, дар соҳили баҳри Миёназамин, навоҳии шимолии нимҷазираи Арабистон сокин буданд. Мисли ақвоми сомии дигар онҳо низ дар ибтидо зиндагии кӯчӣ ва бодиянишинӣ доштаанд. Мувофиқи манобеи мавҷуда, ҳам яҳудиён ва ҳам арабҳо аз авлоди Иброҳим пайғамбар мебошанд. Аз сарчашмаҳои динӣ ва таърихӣ бармеояд, ки яҳудиён чандин маротиб дар пайи омилҳои иҷтимоию таърихӣ аз маҳалли доимии зисти худ ба минтақаҳои дигар, аз қабили Бобул, Миср ва дигар ҷойҳо ҳиҷрати гурӯҳӣ кардаанд ва ё ба асорат бурда шудаанд. Ин кӯчбандиҳо ва ошноию мутаассир шудани онҳо аз дигар дину оинҳо таъсири худро ба дини яҳудия ва андешаи мазҳабии яҳудиён бараъло гузоштааст.



Тибқи ривоятҳои мазҳабӣ китоби муқаддаси яҳудиён Таврот ё «Панҷкитоб» ном дорад, ки асосгузораш Мӯсо пайғамбар мебошад. Дар ин китоб пеш аз ҳама дар китоби дуюми он «Хуруҷ – берун омадан» ва сеюм «Ададҳо» дар бораи зиндагии Мӯсо пайғамбар маълумоти муфассал дода шудааст. Бар асоси онҳо гӯё Мӯсо пайғамбар дар муддати

ин ҳиҷратҳо дар Миср таваллуд шудааст ва аз тарафи худои қавми яҳуд рисолати баргардонидан ва озод кардани яҳудиёнро бар уҳда доштааст. Ӯ бо ҳамроҳи бародараш Ҳорун ҳама чораҳоро меандешанд, то қавми яҳудро аз асорати Фиръавн наҷот бахшанд. Ин рисолатро, Мӯсо пайғамбар аз худо – Яҳво гирифта, бо ӯ муколама карда, паймон баста буд. Ин аҳдро Мӯсо пайғамбар дар кӯҳи Сино бо Худо анҷом дода буд, ки он бо номи дастури илоҳӣ, дар ду лавҳаи сангин навишта шуда, дар Таврот баъдан бо номи «аҳкоми даҳгона», «фароизи Сино» ва ғайра маъруфанд. Низому таълимоти дини яҳудия дар ҳамин маҷро ва дар рафти ҳамин мубориза ва кӯшишҳои ӯ барои баргардонидани қавми яҳуд рӯйи кор омадааст.

Ҳамин тариқ, пас аз тақрибан чиҳил соли берун омадан аз Миср ба Бани Исроил ва пеш аз забти Канъон ва сарзамини Фаластини имрӯза Мӯсо пайғамбар вафот мекунад. Давраи фатҳи Канъон аз тарафи яҳудиён баъди баргаштани онҳо аз Миср тибқи манобеи динӣ дар ҳудуди асрҳои XIII-XII-и то милодро дар бар мегирад. Ногуфта намонад, ки як қисми олимон ба воқеият доштани асорати Миср ва бо пешвоии Мӯсо пайғамбар ва берун омадани Бани Исроил аз он шакку шубҳа доранд. Ҳамчунин, аз назари диншиносӣ вуҷуд надоштани таъсири бевосита ва кофии эътиқодоту парастишҳои мисриён ба сарчашмаҳои қадимаи дини яҳудия, алалхусус, «Панҷкитоб»-и Мӯсо пайғамбар низ воқеият доштани асорати Мисрро зери шубҳа мегузорад.

Давраи дуюм, асорати Бобулро дар бар мегирад. Дар ибтидои асри VI пеш аз милод давлати яҳудиён рӯ ба инқироз ниҳода, мавриди тохтутози қавмҳои ҳамсоя қарор мегирад. Ниҳоят, дар соли 597 то милод шоҳи Бобул Навуходоносор (Бухтуннаср) ба яҳудиён ҳуҷум мекунад ва баъд аз се моҳ муқовимат Иерусалим таслим мешавад. Бобулиён подшоҳи яҳудиён Яҳвиё-кийамро асир карда, маъбади Сулаймонро ғорат ва даҳ ҳазор тан аз наҷибон ва аъёну аҳли касбу ҳунар ва мардони корию ҷанговарро ба асорат мебаранд.

Бобулиён Седекиёро дар хоки Яҳудия подшоҳ таъйин карданд. Ӯ пас аз нӯҳ соли салтанат дар соли 586 то милод аҳдшиканӣ намуда, бо мисриён ба муқобили шоҳи Бобул аҳду паймон мебандад. Пас аз ин лашкари Бахшуннаср дубора ба Яҳудия ҳуҷум карда, баъд аз яку ним соли муҳосира маркази онро фатҳ карда, ғорат ва оташ зада, ба харобазор табдил доданд. Маъбади Сулаймон хароб мегардад ва «тобути мисоқ» (хаймае, ки дар он ду лавҳаи сангии аҳду паймони Мӯсо пайғамбар бо Яҳво буд) ба куллӣ аз миён меравад ва ному нишоне аз он намемонад. Тамоми сокинони шаҳри Иерусалимро ба истисноли Ирмиёи набӣ ва як идда бенавоёну нотавонон ба асорат бурданд. Як қисм ба Миср фирор карда, дар он ҷо иқомат ихтиёр карданд. Ин воқеа дар таърихи миллати Яҳуд зарбаи фаромӯшнашаванда буд.

Баргашти яҳудиён ба Иерусалим ба шарофати ғалабаи шоҳаншоҳи Эрон Куруши Кабир бар Бобул дар соли 538 то милод муяссар мегардад. Куруши Кабир баъд аз фатҳи Бобул онро пойтахти империяи паҳновари худ, ки аз водии Синд то шаҳрҳои соҳилии Юнон тӯл кашида буд, қарор медиҳад. Куруш яҳудиёни дар асорати Бобул бударо иҷозати баргашт ба ватани худ дод. Барои бозсозии Иерусалим ва маъбади он дасти ёрӣ дароз мекунад ва гурӯҳи махсуси сарбозону одамонро мефиристонад.

Хусусияти муҳими ин давра аз он иборат аст, ки вазъияти табъид ва ғурбат аз ватани аслӣ дар Миср, Бобул ва ғайра нақши канисаҳо[44] (синагогҳо)-ро дар дини яҳудия зиёд мегардонад. Канисаҳо барои ҳама яҳудиёни муҳоҷир ягона восита ва маркази иртиботу пайванд бо забону дину мазҳаб ва ягона омили ҳифзи ҷамъияти яҳудияи берун аз ватанашон буданд.

Хусусияти дигари ин давра дар он аст, ки дар асорати Бобул дини яҳудия аз бисёр ҷиҳат бо таъсири динҳои ин минтақа, алалхусус, динҳои эронӣ дучор шуда, рушду такомул ёфт. Баъди асорати Бобул мо дар дини яҳудия як

4 [4] **Каниса (синагог)** – ибодатгоҳи пайравони яҳудия.

қатор унсурҳо ва тасаввуроти муҳими диниро пайдо мекунем, ки пештар дар шакли комилашон дар «Панҷкитоб»-и Мӯсо пайғамбар вуҷуд надоштанд. Пеш аз ҳама тасаввурот дар бораи қувваи баду зиёнкор – шайтон, ҳаёти пасазмаргӣ, ҷаннат ва дӯзах, тасаввурот оид ба малоик, ақида ба рӯзи доварӣ (явмул-ҳисоб) ва ғайра мебошад.

Давраи навин дар таърихи яҳудия аз замони истилои Искандари Мақдунӣ дар соли 332 то милод оғоз мешавад, ки таъсири тамаддуни юнонӣ – ҳеллинизмро ба дунбол доштааст.

**Таврот ва асоси таълимоти яҳудия.** Чунончи дар ибтидо гуфтем, дини яҳудия дини тавҳидӣ мебошад, яъне таълимоти онро бовар ба вуҷуди худои ягона ташкил мекунад. Худои ягона дар ин таълимот Яҳво (Иегова) ном дорад, вале дар ибтидо, чунончи аз мазмуну мундариҷаи «Панҷкитоб»-и Мӯсо пайғамбар бармеояд, ҳанӯз эътиқод ба тавҳиди холис вуҷуд надоштааст. Худои яҳудиён дар Таврот дорои фарзанд аст ё худ дар баробари ӯ худоёни дигар низ ҳастанд ва вуҷуди худои миллатҳои дигар рад нашудааст, вале Яҳво танҳо худои миллати яҳуд аст, ӯ худро чун худои тамоми инсоният, худои олам эълон намекунад. Аз ҳамин сабаб яҳудияро дар баробари тавҳидӣ буданаш, инчунин дини миллӣ медонанд.

Сарчашмаҳои яҳудияро метавон ба ду давра тақсим кард. Давраи аввал сарчашмаҳоест, ки мутобиқи онҳо дини мӯсавӣ (калимӣ) дар заминаи соф яҳудӣ ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтаанд. Навиштаҷоти муқаддас (Сфарим)-и ин давра дар навишти кӯтоҳи ибронӣ чун Танаҳ маълум аст, ба он пеш аз ҳама Таврот («Аҳди Қадим») – «Панҷкитоб»-и Мӯсо пайғамбар: китобҳои «Ҳастӣ», «Хуруҷ», «Левит», «Ададҳо» ва «Такрори шариат» ва 21 китоби анбиё (Невеим), ки хусусияти динию сиёсӣ ва таърихию тақвимӣ-хронологӣ доранд ва 13 китоби (Кэтувим) дорои жанрҳои мухталифи динӣ шомиланд.

Дигаре аз сарчашмаҳои муҳими дини яҳудия Мирдаш-Галах – тафсирҳои Таврот, Мишна – маҷмӯи қонунҳо ва

мукаррароти яҳудия ва Талмуд – шарҳҳои амалӣ ба матни Мишна мебошанд, ки ҳудуди асрҳои V-II то милод эҷод шудаанд.



Дини яҳудия низ дар тӯли замон ба таҳаввул ва ихтилофҳои дохилӣ мувоҷеҳ шуда, ба фирқаҳо тақсим шудааст. Фирқаҳои маъруфи он саддуқиён, форисиён, кароим, харудиён ва эссенҳо мебошанд.

Савол ва супориш

1. Чаро яҳудияро дини тавҳидӣ ва миллӣ меноманд?
2. Яҳудия ба кадом динҳои баъдина таъсир расонидааст?
3. Сарчашмаҳои яҳудия кадомҳоянд?
4. Таълимоти яҳудия чӣ тавр ба вуҷуд омадааст?
5. Кадом фирқаҳои алоҳидаи яҳудияро медонед?

## §19. ДИНИ НАСРОНӢ (МАСЕҲӢ Ё ХРИСТИАНӢ)

Дини насронӣ (масеҳӣ, христианӣ)[5] яке аз динҳои ҷаҳонии тавҳидӣ аз адёни сомӣ ба шумор меравад. Насронӣ имрӯз аз динҳои сернуфустарини дунё буда, пайравонаш

[5] **Насронӣ** – дар адабиёти форсию таърихии классикӣ номи ин дин бо муродифҳои **исавӣ** ва **тарсоӣ** низ истифода шудааст.

дар кишварҳои Аврупо, Амрико, Африқо, Шарқи Наздик, Русия, Австралия ва дигар кишварҳо зиндагӣ мекунанд. Ин дин дар оғози солшумории милодӣ ба вуҷуд омадааст. Воқеан, солшумории нав, яъне милодӣ аз рӯзи таваллуди бунёдгузори ин дин – Исои Масеҳ оғоз мешавад. Дини насронӣ дар ибтидо ҳамчун як фирқа аз дини яҳудия зуҳур кард. Аз ин рӯ асоси таълимоти яҳудияро, ки дар Тавроти Мӯсо пайғамбар ва дигар китобҳои паёмбарон ва шоҳони яҳудия омадааст, қабул дорад ва худи китоби муқаддаси насрониён – Библия аз ду китоб: «Аҳди қадим» ва «Аҳди ҷадид» иборат аст.



Дар бораи таърихи пайдоиши насроният ва шахсияти Исои Масеҳ дар сарчашмаҳо ва таҳқиқоти олимони диншинос аз як тараф ва рӯҳонияти насронӣ аз тарафи дигар, ихтилофи назар ҷой дорад. Таърихи диншиносӣ Исои Масеҳро ҳамчун шахси таърихӣ, пайғамбар, асосгузори ин дин, ки шарҳи ҳолаш чандон равшан нест, ба қалам медиҳад.

Сарчашмаҳои асосӣ барои шарҳи ҳол ва таълимоти Исои Масеҳ чор китоби Инҷил – инҷилҳои Матто, Марқус, Луқо ва Юҳанно мебошанд. Мундариҷаи ин инҷилҳоро асосан шарҳи ҳол ва таълимоти Исои Масеҳ ташкил медиҳад.

Замони навишта шудани Инҷилҳо чунин аст: Инҷили Матто ва Марқус ҳудуди солҳои 62-70-и милодӣ, Инҷили Луқо ҳудуди солҳои 75-85 м. ва Инҷили Юҳанно аз ҳама охиртар, дар поёни садаи аввали милодӣ ё ибтидои садаи дуюм. Яке аз фарқиятҳое, ки дар ин Инҷилҳо ба мушоҳида мерасад, ин аст, ки ҳар қадар онҳо аз замони зиндагии Исо дуртар навишта шуда бошанд, ҳамон қадар муъҷизаҳои бештарро дар бораи ӯ дарбар гирифтаанд. Таълимоти Исои Масеҳ баъд аз сари ӯ аз тарафи шогирдон ва пайравонаш ҷамъоварӣ ва навишта шудаанд. Аз ин рӯ табиист, ки бисёр нуктаҳои онҳо дасткорӣ ва таҳриф шудаанд.



,

Дини насронӣ дар шароите ба вуҷуд омадааст, ки Фаластин ва канораҳои баҳри Миёназамин таҳти истило ва салтанати римиён қарор дошт. Империяи Рим аз Мисру Байнаннаҳрайн сар карда, то соҳилҳои Британия ва Испанияро дар бар мегирифт. Ин императории азим халқияту миллатҳои гуногунро дар як давлат муттаҳид намуда, роҳҳои соҳили Бахри Миёназаминро муддатҳои тӯлонӣ дар ихтиёри худ дошт. Муҳимтарин хосияти он омезиш ва пайвасташавии унсурҳои гуногуни маданияти Шарқ бо минтақаҳои Юнону Рим мебошад. Дар ин давлати бузург

маданиятҳои мухталиф, сохторҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҳархела, низомҳои сиёсиву динии гуногун дар муносибатҳои мураккаб бо ҳамдигар қарор доштанд. Ин мураккабӣ дар он зоҳир мешуд, ки унсурҳои он гоҳе ҳамдигарро қабул ва гоҳе дар инкори ҳам қарор доштанд. Зиддияти байни ғуломдорон ва ғуломон, байни сарватмандон ва бечорагон, байни соҳибмулкони соҳибҳуқуқ ва шаҳрвандони беҳуқуқи музофотҳои гуногун, байни табақаҳои гуногун дар сенат ба шикасти низоми ҷумҳуриявӣ ва ташкилёбии империяи мутлақ асос гузошт. Дар ҳамин муҳит дар соли 63 то милод лашкари Рим пас аз фатҳи Шом (Сурия) аз муборизаҳо ва задухӯрди дохилии яҳудиён истифода намуда, ба кишвари Яҳудия ҳуҷум овард ва Иерусалимро забт кард. Як қисмати аҳолӣ, ки намехост зери бори ҳокимияти истилогарони Рим дарояд, дар маъбади Иерусалим зарфи се моҳ муқовимат кард, вале ниҳоят римиён муқовиматро шикаста, ба маъбад дохил шуда, онҳоро аз байн бурданд. Дар натиҷа Яҳудия ба ҳайати давлати Рим дохил ва ба ҳокими Шом тобеъ карда мешавад. Ин давра ба яке аз давраҳои мушкилтарини зиндагии яҳудиён мубаддал мешавад. Акнун тамоми умури сиёсии Фаластин аз тарафи ҳокими римӣ, ки дар Шом менишаст, идора мешуд. Римиҳо ба ҷуз ғорат ва бозгаштан ба Рим ҳадафе надоштанд. Волиёни дастнишондаи яҳудӣ аксаран аз чоплусон ва навкароне буданд, ки ҳар гуна сиёсат ва хости мустамликадоронро бечунучаро қабул ва иҷро мекарданд. Римиён тамоми соҳаи зиндагии яҳудиён, ҳатто таъйини коҳинону рӯҳониёнро таҳти назорати худ гирифта, ҳар касеро, ки мувофиқи манфиаташон буд, ба ин вазифаҳо мегузоштанд.

Дар замони таваллуди Исои Масеҳ подшоҳи Яҳудия Ҳирод (Ирод)-и Кабир, ки хеле шахси золим буд, аз ҷаҳон чашм пӯшид ва мулки Фаластин байни се писараш тақсим карда шуд. Яке аз ин ноҳияҳо, ки Исо пайғамбар дар он ҷо таваллуд шуд, Ҷалил ном дошт ва ҳукмронии он ба дасти писари дувуми Ҳирод – Антипус меафтад. Вазъияту авзои

сиёсии Ҷалил чун дар дигар гӯшаҳои империяи Рим дар ин давра хеле муташанниҷ буд. Махсусан, боҷу хироҷи зиёду вазнин мардумро ба дод оварда, сабаби шӯришу исёнҳои зиёде мешуд. Дар соли 6-уми давраи нав ҳокими римӣ Криниюс, ки пойтахташ дар Шом буд, дастур дод, ки мардуми Фаластинро саршуморӣ кунанд, то маъмурони империя беҳтар битавонанд аз онҳо боҷу хироҷ бигиранд. Исо пайғамбар дар ин ҳангом 12-сола буд ва ин вазъияти мустамликавӣ, аҳволи иҷтимоӣ, норизояти мардум ва туғёну исёни оммаро бо чашми худ медид.

Дар ин давра фирқаҳои мазҳабӣ ва аҳзоби сиёсие барои мубориза бо вазъияти зикршуда ташкил мешуданд. Яке аз чунин фирқаҳои мазҳабӣ, ки тавассути яҳудиён ташкил шуда буд, маъруф бо номи фирқаҳои «ғайратмандон (зеалот) буд, ки даст ба аслиҳа бурда, бо шиорҳои «Ҳеҷ маъбуде ғайр аз Яҳво нест ва ҳеҷ боҷе ҷуз ба маъбад набояд пардохт» қиём карданд. Маркази амалиёти ин фирқа шаҳри Сафурияи ноҳияи Ҷалил буд. Онҳо баъд аз тасарруфи анбори аслиҳаи ин шаҳр даст ба шӯриш заданд. Ин шӯриш ба қадре барои римиён хатарнок буд, ки ҳокими Шом Квинтилий Вар барои саркӯбии он маҷбур шуд ду легион сипоҳи римиро ба он шаҳр равона кунад. Дар асари он шаҳри Сафурия хароб ва туъмаи оташ шуд. Зиёда аз ду ҳазор аз тариқи ба салиб кашидан, чун ҳафтод сол пас аз шӯриши Спартак, маҳкум ва ҳалок шуданд. Бо вуҷуди ин римиён оташи шӯришро тамоман хомӯш карда натавонистанд. Ин вазъияти системаи империяи ғуломдорӣ, ҳолати истибдодию мустамликавӣ, шикасти паёпаи шӯришҳо, қатлу хунрезиҳои зиёд, заминаро барои бовари мардум ба расидани Масеҳи наҷотбахш омода карда буд.

Дар ин давра фирқаҳои дигар, аз ҷумла фирқаи мазҳабии саддуқиён, эссенсҳо ва форисиён низ ба вуҷуд омада буданд, онҳо низ гоҳе ошкору гоҳе ниҳонӣ бо зулму истибдоди римиён мухолифат мекарданд. Мухолифату эътирози ин фирқаҳо гоҳе дар шакли қиёму ҷунбишҳои оммавӣ, гоҳе дар

шакли зуҳду гӯшанишинӣ ва интизории Масеҳи наҷотбахш ҷараён мегирифт.



Дар чунин як вазъияти мудҳиши равонӣ мубаллиғони зиёде пайдо шуданд, ки навидҳое аз ба зудӣ расидани Масеҳ («Машишах»)-и наҷотбахш, фиристодаи Худо медоданд, ки мардумро халос мекунад ва «шоҳи воқеии Яҳудия» мешавад.

Табиист, ки ин ҳама шароити иҷтимоию маънавӣ ва мазҳабӣ заминаро барои пайдоиши дини насронӣ муҳайё мекард. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки замина ва ангезаи рисолати Исо пайғамбар чун Мӯсо пайғамбар вазъияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва маънавии Фаластин будааст, ки бисёре аз оятҳои Инҷил ба ин далолат мекунанд.

Тибқи сарчашмаҳои динӣ хусусияти хеле нодири таваллуди Исои Масеҳ он аст, ки модари ӯ Марям, на аз шавҳараш Юсуф, балки аз «Рӯҳулқудс» – рӯҳи муқаддас гӯё ҳомила мешавад, ки дар ин бора дар Инҷил низ маълумот омадааст. Аз ин лиҳоз дар насрония Исо пайғамбар чун писархудо пазируфта мешавад. Бояд гуфт, ки дар замони пайдоиши дини насронӣ худо ва писари худо номидани

инсонҳо (одатан императорон) ва ба тарзи истиора писарони худо хондани ҳамаи инсонҳо ва ҳамчунин бовар ба ҳомила шудан ва таваллуд кардан аз худо ҳодисаи ягона набудааст. Ба мо маълум аст, ки императори машҳури Рим Юлий Сезар низ худо эълон шуда буд ва валиаҳди ӯ, писархондаш Октавиан (Август) низ писари худо дониста мешуд. Дар бораи модари Октавиан Атия овозае паҳн шуда буд, ки вай гӯё то таваллуди Октавиан барои ибодат ба маъбади Аполлон омада, он ҷо дар тахти равони худ хобида аст ва дар он ҳангом ба бағали ӯ море мехазад, ки он худи Аполлон будааст ва пас аз нуҳ моҳ Атия императори баъдӣ (яъне Октавиан)-ро таваллуд кардааст. Ҳамин тавр, Октавиан писари Аполлон эълон шуда буд. Гузашта аз ин, бисёр маврид дар «Аҳди қадим» ва қисматҳои қадими «Аҳди ҷадид»-и дини насронӣ ҳамаи инсонҳо писарони худо номида шудаанд.

Дар таърих нисбат ба овони кӯдакӣ ва ҷавонии Исо пайғамбар маълумоти дақиқ мавҷуд нест. Ҳаминаш маълум аст, ки хонаводаи ӯ аз табақаи миёнаи аҳолӣ буда, хеле муъмину диндор будаанд. Юсуф ба касби наҷҷорӣ машғул будааст ва Исои Масеҳ низ дар овони ҷавонӣ мисли ӯ дуредгарӣ карда, бо розигии хонаводааш дар ибодатгоҳ ба мутолиаи китобҳои муқаддас низ машғул мешудаст.

Бар асоси маълумоти адабиёти динӣ, ӯ баъдтар аз Ҷалил ба Урдун омада, бо Яҳё ном шахсе ё набии таъмиддиҳанда, ки ҳамчун омурзишдиҳандаи гуноҳон бо об дониста мешуд, вомехӯрад ва ба воситаи ӯ таъмид меёбад ва дар ҳамин ҷо рӯҳи худоӣ ба ӯ нозил мегардад. Исо пайғамбар низ чун дигар паёмбарони сомӣ мавриди озмоишу имтиҳон қарор мегирад.

Аз мазмуни бобҳои алоҳидаи Инҷил бармеояд, ки Исо пайғамбар шахсест, ки ҷиҳати ислоҳу тасфияи дини яҳуд ё ҳатто ислоҳи он аз таҳрифоту суиистифодаҳое, ки фирқаҳои фарисиён ва саддуқиён бар он раво дидаанд, зуҳур кардааст.

Ӯ таълимоти худро дар бораи малакути осмон ва аҳкоми

Худо аксаран дар шакли рамзу истиора ва мисолҳои аёнӣ баён мекунад. Муборизаи ӯ асосан бо рӯҳониёни яҳудия будааст. «Онҳо, – ба қавли ӯ, – кӯроне ҳастанд, ки ба кӯрон раҳнамоӣ мекунанд ва ҳар гоҳ кӯре ба кӯри дигаре роҳнамоӣ кунад, ҳар ду дар чоҳ хоҳанд афтид».



Душмании рӯҳонияти яҳудӣ нисбат ба Исо пайғамбар, ки бар зидди таълимоти онҳо ва ҳатто хилофи баъзе матолиби Таврот баромада буд, шиддат мегирад ва дар ниҳоят сарон ва пирони қавми яҳуд ӯро ба ҳоким Понти Пилати Римӣ таслим мекунанд. Бо исрору дархости онҳо Пилат Исо пайғамбарро ба қатл маҳкум кард. Ӯро аз тариқи маслуб кардан, яъне ба салиб кашидан қатл мекунанд. Мувофиқи аҳкоми насронӣ Исо пайғамбар барои гуноҳи инсонҳо худро қурбон кард, пас аз дафн баъди чанд рӯзе дигар дармеёбанд, ки ӯ дар қабр нест ва фариштаи Худо хабар медиҳад, ки ӯ эҳё шудааст. Ниҳоят баъд аз ин ҳодиса Исо пайғамбар дар Ҷалил

бо ёздаҳ шогирдонаш – ҳавориён муҷаддадан вомехӯрад ва ба онҳо васият мекунад, ки халқҳоро ба дини ӯ даъват кунанд ва «…ба исми Падар ва Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳанд».

Ҳамин тариқ, насроният дар ибтидои солшумории милодӣ дар Рим паҳн шудан мегирад. Аввалин насрониҳо камбағалон ва ғуломон буданд. Дар ҷамъияти насрониҳо роҳбарӣ ба дасти шогирдони Исои Масеҳ – ҳавориён буд, ки он баъдтар ба дасти рӯҳониҳои касбӣ, кашишҳо ва усқуфҳо мегузарад.

Дар ибтидои асри IV насроният дар иператорӣ нуфуз ва мақоми муайян пайдо мекунад ва император Константин дар ин давра онро аввал яке аз динҳои империя ва баъдтар дини расмии он эълон мекунад. Баъдтар ин дин берун аз империяи Рим низ ба дигар кишварҳо паҳн шуда, ба яке аз динҳои ҷаҳонӣ табдил мешавад.

**Савол ва супориш**

1. Дини насронӣ чӣ гуна дин аст ва пайравонаш дар кадом минтақаҳои олам зиндагӣ мекунанд?
2. Вазъи сиёсӣ-иҷтимоии замони пайдоиши насрония дар империяи Римро шарҳ диҳед.
3. Заминаҳои иҷтимоӣ ва маънавии пайдоиши насронияро бигӯед.
4. Таҳаввули ғояи Масеҳ (Машишах)-и наҷотбахшро шарҳ диҳед.
5. Асосгузори насрония кист ва фаъолияти таблиғотии ӯ чӣ тавр сурат гирифтааст?
6. Робита ва таъсири байниҳамдигарии яҳудия ва насронияро шарҳ диҳед.
7. Сарчашмаҳои динии насронӣ кадомҳоянд?
8. Фаҳмиши Худо дар насрония чӣ тавр маънидод мешавад?

## §20. ТАЪЛИМОТ ВА КИТОБҲОИ МУҚАДДАСИ ДИНИ НАСРОНӢ

Насрониён ба китобҳои муқаддас эътиқод доранд, ки онҳо дар якҷоягӣ дар Библия гирдоварӣ шудаанд. Библия аз ду қисм – «Аҳди қадим» ва «Аҳди ҷадид» иборат аст. Аҳди

қадим, «Панҷкитоб»-и Мӯсо пайғамбар, чунон ки зикр шуд, Таврот ном дорад ва китобҳои подшоҳон ва набиёнро дарбар мегирад. «Аҳди ҷадид» – Инҷилҳои Матто, Марқус, Луқо ва Юҳанно, ки дар якҷояги Инҷили Исои Масеҳ ном доранд ва инчунин 33-номаи шогирдони ӯро дар бар мегирад.

Мувофиқи эътиқоди масеҳиён Библия суханони илоҳӣ буда, аз тариқи ваҳй ба паёмбарон нозил шудааст. Он чандин сол баъд аз сари ин паёмбарон аввал аз тарафи шогирдон ва пайравони Исо пайғамбар китобат шудааст ва дар он сухан аз номи шахси дуюм ва гоҳе сеюм ифода мешавад.

Аз назари илмӣ Библия яке аз сарчашмаҳои муҳими таърихӣ, мазҳабӣ ва бадеӣ мебошад. Аз назари фарҳангӣ низ он яке аз ёдгориҳо ва шоҳкориҳои маданият аст. Вай дар худ дар баробари таълимоти динӣ, инчунин ҷаҳонбинӣ ва тасаввуроти инсонҳоро дар бораи пайдоиши олам, инсон ва маънои ҳастӣ, зиндагӣ ва ахлоқи ҷомеа инъикос кардааст ва аз ин нуқтаи назар арзиши гаронбаҳое дорад. Шакли мукаммали Библия дар тӯли 1500 сол тақрибан аз тарафи чил нафар муаллифон навишта шудааст ва имрӯз ба аксари забонҳои дунё тарҷума шудааст. Аз ҷумла ба забони тоҷикӣ дар соли 1992 аз тарафи Пажӯҳишгоҳи тарҷумаи Библия дар шаҳри Стокголм тарҷума ва нашр шудааст.

Таълимоти Библия аз чунин матлабҳо иборат аст:

– дар бораи навиштаҷоти муқаддас;
– дар бораи Худо;
– дар бораи Исои Масеҳ;
– дар бораи Рӯҳулқудс;
– дар бораи инсон;
– дар бораи пок намудани гуноҳон ва наҷот;
– дар бораи калисо, фариштаҳо ва шайтон (иблис).

**Таълимот дар бораи Худо.** Дини насронӣ, чунон ки дар аввал гуфта шуд, яке аз динҳои тавҳидӣ (монотеистӣ) ба шумор меравад. Худо мувофиқи таълимоти Библия, рӯҳи беаввал, беохир ва тағирнаёбанда дар моҳият, ҳукумат, қудрат, адл, неъмат ва ҳақиқати худ мебошад. Тибқи

таълимоти насронӣ – Худо воҳид ва якто буда, дар се симо: Падар, Писар ва Рӯҳулқудс (Худо – Падар, Худо – Писар, Рӯҳулқудс) зоҳир мешавад. Ин тасаввуротро дар диншиносӣ таслис (аз калимаи арабӣ маъނояш – сегона) меноманд. Таслис – се чеҳраи як андом (се дар як ваҳдат) аст. Дар табиати Худои ягона се омезиши азалӣ вуҷуд дорад, ки ба мо чун се чеҳраи бародар зоҳир мешаванд. Худо дар моҳияти худ ягона аст, ҳарчанд дар чеҳра сегона аст.

Таълимот дар бораи Исои Масеҳ як қисм аз таълимот оид ба Худо мебошад. Масеҳиён, чунон ки қаблан ёдоварӣ шуд, Исоро Худо (писари ягонаи Худо) мешуморанд, чун ӯ номҳои худоӣ, сифати худоӣ, аъмоли худоӣ дорад. Чун номи ӯ дар радифи Худо Падар аст, ба ӯ насрониён саҷда карданд.

Дар баробари ин онҳо ба инсон будани Исо пайғамбар низ муътақиданд, чун ӯ дорои номи инсонӣ, ҷисми табиӣ, бунёди инсонӣ, ҳамон эҳсосоте, ки хоси одамони маъмулӣ мебошад, будааст.

**Таълимоти насрония дар мавриди инсон.** Назарияи масеҳиён оид ба офариниш, зиндагии то гуноҳи нахустин ҳамон фаҳмишест, ки дар дини яҳудия буд. Гуфтан лозим аст, ки бисёре аз ин мавзӯъҳои номбурда баъдан ба дини ислом низ нуфуз кардаанд. Ва аммо он чи дар Таврот («Аҳди қадим») нисбат ба офариниши инсон омадааст, чунин аст: Дар рӯзи шашуми офариниш, пас аз офаридани ҳайвоноти ваҳшӣ, чорпоён ва хазандагон, Парвардигор даст ба хилқати Одам мезанад: «Ва Худо гуфт: Одамро ба сурати мо биофарем ва онҳо бар моҳиёни наҳр ва бар парандагони осмон ва бар чорпоён ва бар тамоми замин ҳукм ронанд».

Баъд аз ин тасвиру баёни достони сукунати Одам дар боғи ҷаннат, зиндагии Одаму Ҳавво ва нофармонӣ кардани онҳо ба фармоиши Худо дар пайи хӯрдани меваи манъкардашуда, нафрини Худованд ва ронда шудани онҳо аз ҷаннат меояд. Ахбори Таврот дар мавриди офариниши Одам баъзе зиддиятҳо доранд, ки онро баъзе диншиносон вариантҳои гуногуни як устура медонанд. Дар консепсияи

яҳудӣ-насронӣ инсон аз ҷумла ба нахустгуноҳ ва оқибати он ба насли Одам таваҷҷуҳи хос шудааст. Вале ба таври кулл инсон дар таълимоти насронӣ мавҷуди ғайрифаъоли нотавон ва пойбанди тақдиру сарнавишт ифода ёфтааст, ки ҳадафи худро фақат тавассути итоату ибодат метавонад амалӣ созад.

**Таълимот доир ба калисо** яке аз қисматҳои таркибии таълимоти насронӣ мебошад. Калисо аз назари насрониён муассисаи нодирест. Онро дар навъи худ ягона созмон ё ташкилоти эътиқодмандон дар рӯйи замин меҳисобанд. Чунки тамоми созмонҳои дигари инсонӣ дар асосу пояи умумиятҳои аъзоёни он, масалан дар никоҳ, мақоми ишғолкардаи ҷамъиятӣ, табақотию синфӣ, нисбияти миллӣ, фарҳангӣ, синнусолӣ ва ғайра бунёд ёфтаанд, ки инҳо дар калисо ҳеҷ нақше надоранд. Калисоро насрониён падидаи наве дар таърихи замин мешуморанд, ки он дар «Аҳди қадим», яъне дар давраи дини яҳудӣ набудааст.

Калисо дар Инҷил ҳамчун тани ноаёни Исои Масеҳ, ҷойи ҷамъомади муъминони масеҳист, ки аз ин олами пургуноҳ пасхонда шуда, бо рӯҳи муқаддас (Рӯҳулқудс) эҳё ва бо ҳам ҳамчун аъзои як тан ва бо сарвари калисо бо Исои Масеҳ, ки дар мулку салтанати ӯянд, пайваст гардидаанд. Тибқи ақоиди насронӣ, калисо набояд бино ё кохе, ки ҷамъомадгоҳ аст, фаҳмида шавад, зеро бино аз санг сохта мешавад, аммо калисо аз одамон ва фариштагон – «сангҳои зинда» эҷод мешавад.

Калисоҳои насронӣ маҳалли ибодатҳои гурӯҳӣ, ҷашни идҳо, ғусли таъмид, никоҳ ва ғайра мебошанд. Аз ҳама муҳимтарин таъйиноти калисо ғусли таъмид бо об ва шомгоҳии парвардигор, чун маросими хӯрдани нон ҳамчун тани Исо ва май ҳамчун хуни Исои Масеҳ мебошад. Калисо таърихан нақши хеле муассире чӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва чӣ маданию маънавии кишварҳои масеҳӣ гузоштааст ва мегузорад.

Ғайр аз ин дар насроният таълимот оид ба мавҷудоти

рӯҳонии фариштаву малоик ва иблис низ мавҷуд аст.

**Таълимоти ахлоқии масеҳӣ.** Муҳимтарин ҷиҳати таълимоти масеҳӣ – ахлоқӣ ва маънавиёти он аст. Ҳарчанд дар худи олами насронӣ аз давраи қадим то имрӯз бисёр мутафаккирон ва файласуфони номӣ, аз қабили Нича, Фейербах, Маркс ва дигарон ахлоқи насрониро зери тозиёнаи танқид гирифтаанд, боз наметавон қиммати гаронбаҳои онро нодида гирифт. Асли таълимоти ахлоқии дини насрониро муҳаббат, муқобила накардан ба зулму хушунат, ёриву дастгирии бенавоён ва ғайраҳо ташкил медиҳад. Он ҳамчунин ба мисли яҳудия куштор, зино, duздӣ ва амсоли ин корҳоро манъ мекунад. Асоси фалсафии таълими ахлоқии масеҳият ғалаба бар адовату хушунат аз тариқи муҳаббат аст.



**Маросимҳо ва раҳбоният[6].** Аз маъруфтарин маросимҳои ибодати насронӣ ҳафт «фарз» ё «асрор»-ро метавон ном бурд. Тибқи эътиқоди насрониён, дар маросимҳо зоҳир, яъне амалҳои муайяни зоҳири хайру раҳмати сиррию пинҳони илоҳӣ ниҳон аст. Ин ҳафт асрори насронӣ иборат аст:

1. Ғусли таъмид – поксозӣ аз нахустгуноҳи инсон бо роҳи ғусл додани кӯдак дар об (православҳо) ё ба воситаи

6 **Раҳбоният/рӯҳбоният** – тарки дунё ва хоҳишу алоқаҳои он ба хотири ибодат. Ходимони он «роҳиб» номида мешаванд.

пошидани об (дар католикҳо).

2. Тадҳин – ба пешонӣ, чашму гӯш ва дигар аъзои бадан молидани равғани хушбӯйи зайтун ҳамчун рамзи дарёфти раҳмати илоҳӣ ва пайвастан ба олам ҳангоми ғусли таъмид.

3. Ашо (ё ғизо)-и раббонӣ – тановули нон ва май ҳамчун рамзи тан ва хуни Масеҳ.

4. Тавбаву иқрор – аз тариқи иқрор шудан ба гуноҳон дар ҳузури падари рӯҳонӣ.

5. Тақдис – маросими қабули мартабаи рӯҳоният.

6. Никоҳ – издивоҷ яке аз ҳафт асрори насронӣ буда, дар православҳо ва католикҳо муқаддас дониста мешавад. Пайвастани зану шавҳар ба воситаи никоҳ амали солеҳи ахлоқию мазҳабӣ буда, ҳомии он худи Худо мебошад. Аз ин рӯ дар дини насронӣ гусастани никоҳ (талоқ) амали ниҳоят мушкил аст.

7. Санавбарсӯзӣ ё тадҳини майит – бо равғани зайтуни муқаддас майит ва ё бемори дами маргро ҷиҳати раҳоӣ бахшидан аз бемориҳои ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ ва ҳамчунин поксозӣ аз гуноҳҳои тавбанакарда муаттар кардан ва хондани дуо.

Чунон ки аз ин ҳафт асрори ибодати насронӣ бармеояд, дар он таъсиру боқимондаҳои динҳои солифаи бутпарастиву бисёрхудоӣ ва натуралӣ хеле зиёданд, ҳарчанд онҳо дар насроният мазмуну маънии дигар касб кардаанд.

Дар дини насронӣ низ мисли динҳои дигар ба тадриҷ раҳбоният ва вобаста ба он зуҳду ирфон ба вуҷуд омада, барои густариш ва истеҳкоми ин дин нақши босазое гузоштаанд.

## Савол ва супориш

**1.** Китобҳои муқаддаси насронӣ чӣ гуна табақабандӣ шудаанд?
2. Аз назари илмӣ Библияро чаро асари таърихӣ, ахлоқӣ, бадеӣ ва
3. динӣ медонанд?
4. Таълимот дар бораи Худо дар насроният чӣ тавр ифода мешавад?
5. Масъалаи инсон дар насрониятро шарҳ диҳед.

6. Калисо дар дини насронӣ чӣ мақом дорад?
7. Ахлоқи насронӣ чиро таълим медиҳад?
8. Маросимҳои маъруфи дини насронӣ кадомҳоянд?

## §21. ПАЙДОИШИ РАВИЯ ВА ШОХАҲОИ ДИНИ НАСРОНӢ

Дини насронӣ, чунон ки гуфта шуд, дар заминаи дини яҳудия ба вуҷуд омад ва асосгузори он Исои Масеҳ аз яҳудиён буд. Аз ин рӯ дар аввал дар замони худи Исо пайғамбар ва дувоздаҳ шогирди ӯ дини насронӣ ҳамчун як фирқаи яҳудия ба шумор мерафт ва пайравони он тақрибан тамоми маросимҳои яҳудиро иҷро мекарданд. Махсусан, маросими хатна кардан ва риояи ҳарому ҳалоли он дин ҳатмӣ буд. Аммо дини насронӣ оҳиста-оҳиста берун аз ҳудуди Фаластин ва миллати яҳуд нуфуз кард ва дар қаламрави империяи Рим густариш ёфта, кам-кам сурати дини мустақилро мегирифт.

Садди роҳи асосӣ барои густариши насрония дар байни ақвоми ғайрияҳудӣ маросими хатна ва манъи кашидани сурати Худо ва баъзе муқаррароти ҳарому ҳалол дар муоширату хӯрок буд. Шогирдони Исои Масеҳ дар чараёни густариши дини насронӣ дар байни ғайрияҳудиён ва халқҳои дигар медиданд, ки бе риояи муҳаррамоти яҳудӣ низ парҳезгору солеҳ будан мумкин аст. Аз ин рӯ ҳанӯз Пётри ҳавворӣ, шогирди Исо пайғамбар масеҳиёни хатнанашударо низ ғусли таъмид мекард. Баъдан ҳавворӣ Павел зарурати риояи шариати яҳудӣ барои насрониёнро аз байн бурд. Аз ин рӯ Павелро дувумин муассиси масеҳият меноманд. Ҷидду ҷаҳди ӯ дар роҳи коркарди илоҳиёти насронӣ ва ислоҳи шариати он имконият дод, ки дини насронӣ дини ҷаҳонӣ шавад.

Ҳамзамон, бо пароканда шудани империяи Рим, ҷудоӣ дар дохили калисои насронӣ афзудан гирифт ва дар натиҷа он ба чор калисои худмухтор ё автокефалии Константинопол, Искандария, Антиох ва Иерусалим тақсим шуд. Ихтилофи

мавҷуда байни калисоҳо пас аз тақсим шудани Империяи Рим ба қисми шарқию ғарбӣ дар соли 395 вусъати воқеӣ пайдо кард. Соли 1054 Калисои Ғарбию Калисои Шарқӣ расман пурра аз ҳам ҷудо шуда, ҳар кадоми онҳо аз тарафи якдигар маҳкум карда мешуданд. Ин ба ташаккули ду равияи бузурги насроният бо номи католикӣ (ё католисизм) ва православӣ (ортодокси шарқӣ) оварда расонд.



Равияи католикӣ (аз калимаи юнонӣ – умумиҷаҳонӣ) яке аз шохаҳои асосии дини насронӣ буда, бештар дар қисмати ғарбии империяи Рим густариш пайдо кард. Калисои католикии Рим аз бузургтарин ва бонуфузтарин калисои насронӣ дар Ғарб ба шумор мерафт. Асосгузори онро худи Апостол Пётр меҳисобанд. Дар асрҳои миёна калисои католикӣ қудрати бениҳояти сиёсӣ ва сарвати моддӣ дошт. Калисои католикӣ дар муқоиса бо калисои православӣ дорои як маркази идорӣ мебошад. Аз ин рӯ калисо ва Поп (Папа) дар асрҳои миёна дар ҳақиқат султони воқеии тамоми кишварҳои мағрибзамин буданд. Масалан, дар соли 800 милодӣ тақрибан аз се як қисми хоки Фаронса

ва ҳамчунин қисмати зиёди кишвари Олмон ва Италия дар таҳти қаламрави калисои католикӣ қарор дошт. Дар ин давра интихоб ва аз қудрат дур кардани император ва шоҳони ин кишварҳо бо дасти попҳои католик сурат мегирифт, вале батадриҷ Папаи Рим ба дастнишондаи ашрофу аъёни италиявӣ табдил ёфта, нақшу эътибори рӯҳониву ахлоқии онҳо коста шуд.

Асоси таълимоти католикҳоро Навиштаҷоти Муқаддас ва Ахбори Муқаддас ташкил мекунад. Калисои католикӣ ҳамаи китобҳоеро, ки дар тарҷумаи лотинии Библия ворид шудаанд, қонунӣ мешуморад. Ҳамчунин қарорҳои 21 анҷуман ва муҳокимарониҳои Папаи Рим дар масъалаҳои калисо ва дунявӣ ба ахбори муқаддас ворид мешаванд. Эътиқодномаи католикҳо эътиқод бар он дорад, ки Рӯҳулқудс на танҳо аз Падар Худо, балки аз Писар Худо низ бармеояд.

Дар пок кардани инсонҳо аз бори нахустгуноҳ католикҳо нақши асосиро ба калисо нисбат медиҳанд. Ин амалро Папа чун ҷонишини Масеҳ дар замин анҷом медиҳад.

Католикҳо ҳафт муқаддасотро эътироф мекунанд ва зарурӣ мешуморанд: ғусли таъмид, ашои раббонӣ – тановули нону май, тақдис ё қудсият, тавбаву иқрор, равғанмолӣ, никоҳ ва санавбарсӯзӣ.

Дар ин равия дар баробари ҷаннату дӯзах бовар бар вуҷуди маҳалли поксозии гуноҳон, парастиши Модари Исо – Марям (Дева-Мария) ва эътиқод ба интиқоли ӯ ба олами лоҳут мавҷуд аст.

Дар бораи нақши иҷтимоии калисои католик дар асрҳои миёна ихтилофи назар ҳаст. Аз як сӯ муҳаққиқон онро таърихан, омили эҷоди ваҳдати фарҳангии Аврупо бо вуҷуди парокандагии сиёсияш медонанд. Аз сӯи дигар, калисои католикӣ бо эҷоди «девони тафтиши ақоид», чун инквизитсия ва ҷангҳои салибии шарқию ғарбӣ аз худ нақши асорати маънавӣ ва сиёсии номатлубе дар сафҳаҳои таърих гузоштааст.

Сарвари асосии калисои католикӣ, ҷонишини Исои Масеҳ, ҳокими олии давлати Ватикан – Папаи Рим мебошад. Мувофиқи қарори анҷумани I Ватикан, аз соли 1870 Папа поку бегуноҳ ба шумор меравад.

Ватикан дар маркази Рим, ки масоҳаташ 44 га ва аҳолиаш зиёда аз 2,5 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, маркази католикҳои ҷаҳон мебошад. Он дорои тамоми рамзу нишонаҳои давлатӣ, аз қабили нишон, парчам, гимн, пул, почта, телевизион, радио, телеграф, матбуот ва ҳатто миқдори муайяни гвардия, жандарм ва роҳи оҳан мебошад. Ватикан дар созмонҳои ҷаҳонӣ ва мамолики Амрико намояндагӣ ва сафоратхонаҳо дорад. Аз ҷумла дар СММ ва Юнеско нозирон дорад ва сарвари ин давлати кӯчак чунончи қайд намудем, Папа буда, якумра интихоб мешавад.

**Оини православӣ (православие**) ё Калисои Ортодокси Шарқӣ бар хилофи католикҳо дорои як калисои марказӣ нест. Вай дар тӯли таърихи таҳаввули худ ба 15 калисои мустақиле ба мисли калисоҳои Костантинопол, Искандария, Антокия, Иерусалим, Русия, Гурҷистон, Сербия, Руминия, Қибризия, Элладия, Албания, Булғория, Лаҳистон, Чехословакия, Амрико тақсим шудааст.

Усули дини православӣ дар анҷумани ҷаҳонии Никей дар соли 325 ва дар Константинопол қабул карда шуда буд, ки сарчашмаи онро навиштаҷоти муқаддас – Библия ва суннатҳои муқаддас ташкил медиҳанд. Православҳо ваҳдати илоҳӣ, Худои холиқ ва молики олам, ҳаёти баъдимаргӣ, мукофот ва ҷазои пас аз марг, масеҳи наҷотбахш будани Исои Масеҳро, ки имкони наҷоти инсониятро додааст, қабул доранд.

Дини насронӣ дар шакли оини православӣ дар кишвари Рус дар асри X, дар шароите паҳн шуд, ки динҳои қадимаи славянӣ дигар таъсиру нуфузи худро аз даст дода буданд, ҷомеа ба як ғояи нав эҳтиёҷ дошт. Сабаби паҳншавии равияи православӣ дар ин кишвар аз он иборат буд, ки робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва мадании давлати Руси қадим бо маркази

Калисои Шарқӣ – Византия хеле ривоҷ гирифта буданд.

**Протестантизм** (эътирозиён) – яке аз се равияи бонуфузи дини насронӣ буда, дар асари наҳзати густурдаи ислоҳ (реформатсия), ки алайҳи равияи католикӣ дар асри XVI шурӯъ шуда буд, ба вуҷуд омадааст. Протестантизм аз Олмон бо наҳзат ва таълимоти Мартин Лютер (1483-1546) оғоз шуда, баъд аз сари ӯ тамоми Аврупоро фаро гирифт. Ин наҳзатро пас аз Лютер Томас Мюнтсер (1490-1525), Улрих Свингли (1484-1531), Жан Калвин (1509-1564) сарварӣ кардаанд. Омили асосии пайдоиши ин ҷараёни нави насронӣ зуҳури табақаи нави иҷтимоӣ бо номи буржуазия ва по ба арсаи вуҷуд ниҳодани сохти нави ҷамъиятӣ, яъне сармоядорӣ буд. Манфиати ин табақаи ҷадид ва системи иқтисодии он зарурати озодии маънавӣ ва соҳибихтиёрии бештари одамонро тақозо мекард. Аз ин рӯ онҳо бар зидди қонунҳо ва банду бастҳое, ки сохти феодалӣ ва калисои католикии ҳомии он ба мардуми Аврупо таҳмил карда буданд, бо шиддат мубориза оғоз карданд, ки ба инқилобҳо ва ҷангҳои шаҳрвандии буржуазӣ тамом шуд ва дар ниҳоят омили муҳимтарин навоварии мазҳабию эътиқодӣ протестантизм – диндории инфиродӣ (индивидуалӣ) гардид. Асли ислоҳ иборат аз он буд, ки Худои осмониро Лютер на тавассути калисо, балки ба таври мустақим аз тарафи худи инсонҳо ҷӯё шуд ва дар қалби одамон ҷой кард. Ҳаққу ҳуқуқи ҳар фардро дар озодию соҳибихтиёрӣ дар умури динӣ ва имон тибқи ақли шахсӣ ва ба василаи имони қалбиаш эътироф кард.

Протестантҳо танҳо Библияро сарчашмаи муқаддас донистанд ва алайҳи бидъатҳои калисои католик, ки ҳамчун миёнарав байни Худо ва мардум бозори хариду фурӯши гуноҳонро роҳ андохта буд, аз назари Библия нораво эълон карданд. Дар назарияи наҷоти протестантӣ ҳеҷ яке аз маросимҳову кӯшишҳое, чун ҳафт асрор, зуҳд ва аъмоли солиҳа, дар муқоиса бо изтироби дохилӣ нисбат ба қурбонӣ – марги наҷотбахши Исои Масеҳ, аҳамияти чандоне

надоранд. Ғояи асосии протестантӣ иборат аз он аст, ки ба наҷот танҳо бо як имони комил ба марги Исои Масеҳ ҷиҳати бахшонидани гуноҳҳои инсоният мушарраф шудан мумкин аст. Ҳар як насронӣ, тибқи эътиқоди протестантҳо, баробари ғусли таъмид ва имон овардан, «огоҳӣ» ё «шиносоӣ» низ пайдо мекунад ва аз ин рӯ дар иртиботу муносибат ва мурочиат ба Парвардигори худ эҳтиёҷ ба ҳеҷ миёнраве надорад ва метавонад бевосита худаш ниёишу ибодат кунад. Ин усули протестантизм силсилаи маротиб (иерархия)-и унвонҳои раҳбоният дар мансабҳои калисоро аз байн мебарад. Протестантизм ба муқобили дуо барои мурдагон, саҷдаву ибодати ҷойҳои муқаддас, эътиқоду парастиши турбатҳо ва тимсол (икона)-ҳо баромад мекунад.

Зимнан таваҷҷуҳ кунед, ҳар қадар динҳо аз асрҳои миёна рӯ ба даврони нав меоранд, ҳамон қадар маросим ва тазоҳуроти динӣ ва бидъатҳои асримиёнагӣ моҳияти худро гум мекунанд. Айнан чунин муборизаро алайҳи парастиши ҷойҳои муқаддас, турбатпарастӣ ва ғайра дар асрҳои баъдӣ дар дини ислом низ хоҳем дид.

Хулоса, протестантизм тамоми фасод ва тазоҳурпарастии калисо ва попҳои католикро, ки дар тӯли асрҳои миёна бо таассуби мазҳабӣ, тақлиду тазоҳур ба ҷомеаи аврупоӣ ҳокимият мекарданд, фош кард. Сохтори калисои протестантӣ, ҳам дар меъморию ороиш ва ҳам дар русуми ибодат ва қонуни раҳбоният, аз калисои католикӣ фарқи ҷиддӣ дорад.

Илоҳиёти протестантизм нахуст, аз тарафи М. Лютер ва Ж. Калвин кор карда шуда, баъдан онро уламои навпротестантӣ Ф. Шлейермахер, Э. Трёлч, А. Гарнак, К. Барт, П. Тиллих ва дигарон такмил ва ривоҷ доданд. Нахустин иқдоми Лютер дар роҳи ислоҳи дини насронӣ ба забони олмонӣ тарҷума кардани китоби «Аҳди ҷадид» буд, то ибодатҳо ба забонҳои миллӣ сурат бигиранд.

Ҳаракати ислоҳи масеҳият як гардиши бузурге дар таърихи фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодии Аврупо буд. Пайдоиши

ин равия на танҳо ба озодии мазҳабию фикрӣ, балки аз ҳама муҳим, ба рушди босуръати иқтисодию иҷтимоӣ, ташаккули ҷамъияти сармоядорӣ кумаки бениҳоят бузурге кардааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин нақше, ки протестантизм ва наҳзати ислоҳ дар ҳаёти иҷтимоии Ғарб дорад, дар асри XIX дар байни равшанфикрони кишварҳои исломӣ низ наҳзати ислоҳталабӣ дар шуури динии мусалмонон ба вуҷуд омад.

Протестантҳо баъдан ба фирқаҳои зиёде тақсим шудаанд, ки аз маъруфтарини онҳо лютеранҳо, калвинистҳо, баптистҳо, адвентистҳо, иеговистҳо ва методистҳо мебошанд.

Савол ва супориш

**1.** Сабаби пайдошавии равияҳои нави насронӣ аз чӣ иборат буд?
2. Кадом шохаҳои асосии насронияро медонед?
3. Равияи католикӣ ва равияи православӣ кай ва чӣ тавр пайдо шудаанд?
4. Ин ду равия аз ҳамдигар бо чӣ фарқ мекунанд?
5. Протестантизм кай пайдо шудааст ва он чӣ гуна равия аст?
6. Дар Тоҷикистон кадом равияҳои насронӣ вуҷуд доранд?

## §22. ДИНИ ИСЛОМ.
## ВАЗЪИЯТИ ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГИИ НИМҶАЗИРАИ АРАБИСТОН ДАР АРАФАИ ПАЙДОИШИ ИСЛОМ

Ислом аз динҳои яктопарастӣ (тавҳидӣ) ба шумор меравад. Он дар қатори дини насрония ва буддоия сеюмин дини ҷаҳонӣ буда, аз рӯйи ҳавзаи ҷуғрофӣ ва фарҳангӣ ба гурӯҳи динҳои сомӣ (иброҳимӣ) дохил мешавад. Ин дин дар нимаи аввали асри VII дар нимҷазираи Арабистон, ки арабҳо онро «Ҷазират-ул-араб» мегӯянд, ба вуҷуд омадааст.

Ин дин дар ҳамсоягии минтақае зуҳур кард, ки чорроҳаи бархӯрди тамаддунҳо ба ҳисоб рафта, нақши муайяне дар тамаддуни ҷаҳонӣ гузоштааст. Ин чорроҳаро олимони тамаддуншинос – чорроҳаи Сурия (Шом) номидаанд, ки он на танҳо кишвари имрӯзаи Сурия, балки тақрибан тамоми Осиёи Наздик, соҳилҳои Баҳри Миёназамин ва Осиёи Хурдро

ба ҳам мепайваст. Ҳарчанд гаҳвораи ислом шаҳрҳои Макка ва Мадина дар гӯшаи дурдасти ин минтақа қарор доштанд, тамоми муҳтавои ислом, мазмуну мундариҷаи он, унсурҳои фарҳангию мазҳабии он умумият бо дигар фарҳангҳои аз ин чорроҳа гузар дошта, аз онҳо ғизо гирифтаанд. Ин минтақа чорроҳае буд, ки дар он ***тамаддунҳои бобулӣ, шумерӣ, аккодӣ, эронӣ, юнонӣ, римӣ, финиқӣ, мисрӣ ва ниҳоят сомӣ (арабию яҳудӣ ва ғайраҳо)*** ба ҳам бархӯрда, аз якдигар мутаассир гардидаанд. Ду дини тавҳидии сомӣ - яҳудия ва насрония низ пеш аз ислом зодаи ҳамин ҳавзаи тамаддун буданд. Таъсири ин ду дин дар шаклгирии таълимоти ислом муассир буданд. Вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии он муҳит барои зуҳури ислом ҳамчун дини нав заминаро муҳайё сохт.



**Арабистон қабл аз ислом.** Ҷазират-ул-араб аз назари ҷуғрофӣ ҳадди ақал ба се минтақа тақсим шуда буд: Арабистони Ҷанубӣ, ки сарзамини Яман ва Ҳадрамаутро дар бар мегирифт, Арабистони Марказию Ғарбӣ, ки минтақаи Тиҳома ва Ҳиҷоз ба он дохил буданд ва ниҳоят Арабистони Шимолӣ, ки дар сарҳадҳои шимолии Шом (Сурия) ва Ироқ қарор дошт. Қисмати зиёди ин сарзаминро биёбони тафсон ва саҳроҳои беобуалаф, чун регзорҳои «Рубъ-ул-холӣ», «Иҳқоф», «Даҳно» ва ғайра ташкил медод. Аз ин рӯ сеяки хоки ин сарзамин бе обу дарахт буда, қобили

сукунат набуд. Иқлими Арабистон асосан гарм буда, дар қисматҳои соҳилӣ рутубатнок ва баъзе минтақаҳои он нисбатан муътадил мебошад. Аз нигоҳи таърихӣ тамаддуни ин се минтақа якранг нестанд. Дар Арабистони Ҷанубӣ, осори тамаддуни куҳан ҷо-ҷо мушоҳида гардидааст вале Арабистони Марказӣ – водии Ҳиҷоз ва қисмати соҳилии он Тиҳома, дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ ҳеҷ нақши муассире то пайдоиши ислом надоштаанд. Дар қисмати шимолии ин нимҷазира агар тамаддунҳои куҳани ҳамсоя, аз қабили тамаддуни ошурӣ, бобулӣ ва аккодиро ба назар нагирем, дигар тамаддуни назарраси соф арабӣ дида намешавад.



Аз лиҳози сиёсӣ низ ҳолати Арабистон то пайдоиши ислом гуногун будааст. Дар ҷануб то андозае осори умумиятҳои сиёсӣ, сохтору дастгоҳи нисбатан мушаххаси давлатии вобаста ё мухтор, қабл аз ислом, ба чашм мехурад. Дар асри VI-VII қабилаи асосӣ ва ҳокими ин минтақа – Киндиён буданд. Дар арафаи пайдоиши ислом ин минтақа қисман вассали империяи шоҳаншоҳии Эрон буд. Қисмати шимолии Арабистон низ мустақилияти том надошт ва ин минтақаҳо гоҳ зери таъсири Эрони сосонӣ ва гоҳ зери таъсиру қаламрави Рум ва дар ибтидои асри VII байни ин

ду империя тақсим шуда буд. Ду қабилаи асосии сокини ин минтақа Лаҳмидиён ва Ғассониён буданд. Лаҳмидиён, дар шимолу шарқи Арабистон, минтақаҳои ғарбии Ироқи имрӯза сукунат доштаанд. Шаҳри марказии онҳо Ҳира вассали Эрон буд. Ғассониён бошанд дар қисмати шимолу ғарбӣ сукунат доштаанд. Ғассониён, ки насронӣ буда, зери таъсири империяи Византия (Рум) қарор доштанд ва дар рушди адабиёту забони араб таъсири зиёде гузоштаанд. Аммо дар Арабистони Марказӣ то пайдоиши ислом ҳеҷ гуна сохтори давлатдории классикӣ, ки шабеҳ ба системаҳои давлатдории маъруфи онрӯза бошад, набуд. Тарзи зиндагӣ ва қонуни иҷтимоию идории ин минтақа ба муносибат ва қонунҳои нонавиштаи қабилавию авлодӣ устувор буданд. Шаҳрҳои асосии он ба тартиб: Макка, Ясриб ва Тоиф шаҳрҳои худмухтор ба шумор мерафтанд, вале дастгоҳи сиёсию ташкилоти идорӣ надоштанд. Баъзе умури иқтисодию тиҷоратӣ ва сиёсӣ, масалан ҷанг, ташкил ва тадоруки корвонҳои тиҷоратӣ ва ғайра дар асоси мувофиқати раисон ва роҳбарони қабилаҳо ҳаллу фасл мешуданд.

**Шаҳри Макка** – гаҳвораи ислом, низ аз ҳеҷ гуна сохтори давлатдорӣ мувофиқ ба фаҳми имрӯзаи мо бархурдор набуд. Дар он асосан қабилаи Қурайш бартарӣ дошт. Ягона ташкилоти сиёсии қабила шӯрои роҳбарони қабила ба шумор мерафт, ки барои ҳаллу фасли ихтилофҳои байни қабилавию авлодӣ гоҳ-гоҳ дар маҳалле бо номи Доруннадва баргузор мешуд. Ин шӯро низ аксаран ҳукми машваратӣ доштааст, на қонунӣ ва қонунгузорӣ.

Макка аз ҷумлаи шаҳрҳое буд, ки ҳанӯз дар замонҳои пеш аз кушода шудани роҳҳои обӣ, дар сари шоҳроҳҳои корвонгузар ба вуҷуд омада буд. Баъдтар, бо кушода шудани роҳҳои баҳрӣ бисёр шаҳрҳои дар миёнароҳӣ қарордошта аз байн рафтанд. Шояд ин бо шарофати дар он ҷойгир будани бузургтарин маъбади бутпарастон – хонаи Каъба бошад. Онро «Бейтил» – «Хонаи худо» мешумориданд. Каъба на

танҳо маъбад, балки барои Макка, пеш аз ҳама манбаи асосии иқтисодию молӣ буд. Шаҳри Макка, чунон ки гуфтем, бе обу дарахт ва барои зироату деҳқонӣ номувофиқ буд. Асоси бизоати зиндагии аҳолии онро тиҷорат ва даромаде, ки аз ҳоҷиёни хонаи Каъба мегирифтанд, ташкил медод.

Аз дигар шаҳрҳои бузурги Арабистони Марказию Ғарбӣ, яке шаҳри Тоиф буд, ки дар ҳудуди сад километрии ҷанубу шарқии Макка ва дигаре Ясриб (Мадина) буд, ки дар 350 км шимоли Макка қарор доштанд. Ин ду шаҳр дорои шароити беҳтари табиӣ ва обу ҳавои ба зироат мувофиқ буданд. Баъзе сарватмандони Макка дар Тоиф боғҳову нахлистони худро доштанд. Аҳолии ин шаҳрҳо ҳанӯз иртиботи худро аз зиндагонии бадавӣ[7] пурра наканда, ба чорводорӣ низ қисман машғул ва аксар дорои рамаҳои шутур ва гӯсфандон будаанд. Ҳамчунин, муносибатҳо ва қонунҳои нонавиштаи қабилавию авлодӣ, ки хоси бадавиён аст, бо вуҷуди шаҳрнишин будан, дар байни онҳо амал мекард.

**Ҳаёти маънавӣ ва мазҳабӣ.** Арабҳо дар маънавиёту эътиқодоти мазҳабӣ аз ҳамсояҳои худ хеле ақиб монда буданд. Пеш аз ислом дину оинҳои бутпарастию бисёрхудоии онҳо, ҳанӯз дар сатҳи динҳои қабилавӣ-авлодӣ қарор дошт. Ҳатто дар ин соҳа ба пояи динҳои бисёрхудоии миллию давлатӣ ҳанӯз нарасида буданд. Замони пеш аз пайдошавии исломро арабҳо замони ҷоҳилия меноманд.

Дар хонаи Каъба зиёда аз сесад ё сесаду шаст (360) бутҳои қабилаҳои арабро даври ҳам гузошта буданд. Аксарият қабилаҳо бути махсуси худро доштанд. Бутҳое ҳам буданд, ки барои ҳамаи қабилаҳо мавриди парастиш ва дорои эътибор ба шумор мерафт. Чунин як бут, Ҳубал ном доштааст. Ҳубалро тақрибан ба мартабаи худои худоён мешинохтаанд. Аз матни Қуръон маълум мешавад, ки араб ба худои офаридгори Замину Осмон, худои ноаён – Аллоҳ низ муътақид буданд. Баъзе шояд ба ягонагии ин худои офаридгор бовар доштанд, вале бутҳои худро ҳамчун восита

7 Бадавӣ-саҳронишин, бодиянишин ва кӯчманчӣ.

– шафеъ дар назди ӯ меҳисобидаанд.

Ба ғайр аз Ҳубал дар Қуръон аз худоёни наринаву модинаи дигар чун: Лот, Манот, Уззо, Наъила, Зулхаласа, Вадд, Суво, Яғус, Яуқ ёд шудааст. Араб инчунин ба вуҷуди қувваҳои бад ва зиёнкор дар муқобили қувваҳои нек ва хайр, рӯҳи биёбон, ҷин ва ғайра бовар доштанд.

Аз сарчашмаҳои хаттӣ ва ривоёт чунин бармеояд, ки бутпарастӣ дар арафаи пайдоиши ислом дар вазъияти инқирозу буҳронӣ қарор доштааст. Бархурд ва ошноӣ бо динҳои яҳудӣ, насронӣ ва зардуштӣ бетаъсир набуд. Чунон ки гуфта шуд, дар шимол қисмате аз аъроб, масалан, Ғассониён дини насрониро қабул карда буданд. Дар Яман нуфузу таъсири зардуштия эҳсос мешуд. Мувофиқи ривоятҳо, дини насронӣ дар худи Макка низ нуфуз дошта ва дар деворҳои Каъба нақши Масеҳ ва паёмбарони дигарро кашида будаанд. Хулоса, дар баробари инқирози парастишҳои бисёрхудоию ҷоҳилӣ, ғояи тавҳид ба тадриҷ байни арабҳо нуфуз мекард, ки мубаллиғони чунин ақидаро ҳаниф меномиданд.

Вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба таври умум хеле ногувор буд. Парокандагии қабилавӣ, низои байни онҳо ва набудани давлати мутамарказ шароитро аз ин ҳам душвортар сохта буд.

## Савол ва супориш

1. Аз рӯйи тақсимбандии диншиносӣ ислом ба кадом гурӯҳи динҳо дохил мешавад?
2. Тавсифи чорроҳаи тамаддуни Сурияро шарҳ диҳед.
3. Дар бораи Арабистон ва шаҳрҳои Маккаву Мадина чӣ гуна маълумот доред?
4. Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Арабистон дар давраи пайдоиши ислом чӣ гуна буд?
5. Шаҳри Макка дар чӣ гуна муҳити ҷуғрофӣ қарор дошт?
6. Динҳои пешазисломии арабҳоро гуфта диҳед.
7. Дар Каъба кадом бутҳо нигоҳ дошта мешуданд?

## §23. ПАЙДОИШИ ДИНИ ИСЛОМ ВА ГУСТАРИШИ ОН ДАР НИМҶАЗИРАИ АРАБИСТОН

Зиндагиномаи Муҳаммад пайғамбар (с). **Дар пайдоиши динҳо чунон ки дидем,** нақши ин ё он шахси баргузида муассир будааст. Дар пайдоиши дини ислом нақши асосгузори он Муҳаммад пайғамбар (с) калон аст. Сарчашмаҳои таърихӣ ва илмӣ низ чун манобеи динӣ шахсияти таърихӣ будани Муҳаммад пайғамбарро тасдиқ мекунанд.

Шаҷараи авлодии Муҳаммад (с) пайғамбари ислом пайвандӣ бо қабилаи Қурайш, авлоди Бани Ҳошим, яке аз ашрофони шаҳри Макка дорад. Падари Муҳаммад пайғамбар (с) Абдуллоҳ савдогари камбизоат буд.

Муҳаммад пайғамбар (с) 12-уми моҳи Рабиъ-ул-аввали қамарӣ, рӯзи душанбеи соли 570-и милодӣ таваллуд ёфтааст. Ин тифли навзод аввал аз падар, қабл аз таваллуд ва сипас аз модар дар синни шашсолагӣ ятим мемонад. Дар тарбия ва нигоҳубини Муҳаммади пайғамбари хурдсол нахуст бобояш Абдулмуталлиб ва амакаш Абӯтолиб нақши асосӣ бозидаанд. Авлоди Бани Ҳошим нигаҳбон ва ходими хонаи Каъба ва масъули хизматрасонии ҳоҷиён буданд. Мувофиқи ривоятҳо дар овони ҷавонӣ Муҳаммад пайғамбар (с) аввал, ба чаронидани бузу гӯсфандони амакаш Абӯтолиб машғул буд ва сипас, дар як сафари тиҷоратиаш ӯро ҳамроҳӣ кардааст.

Баъдтар амакаш Муҳаммад пайғамбарро ба зани бой ва сарватманд Хадиҷа муаррифӣ мекунад ва чанде баъд вай ба намояндагӣ аз Хадиҷа корвони тиҷоратии ӯро ба Шом (Сурия) мебарад. Муҳаммад пайғамбар (с), пас аз ин сафар ба чашму дили Хадиҷа маҳбубият пайдо кард ва саранҷом бо вай издивоҷ кард. Хадиҷа барои рушду камол ва ҷустуҷӯҳои мазҳабии Муҳаммад пайғамбар (с) нақши муассире бозид аст. Ӯ ки аз Муҳаммад пайғамбар (с) понздаҳ сол калон буд, ба ақидаҳои мазҳабии ӯ ҷиддӣ ва хайрхоҳона менигарист ва ин худ ба Муҳаммад пайғамбар (с) рӯҳи тоза ва субот

мебахшид.

Муҳаммад пайғамбар (с) чун аз кӯдакӣ бутҳои беҷону берӯҳро медид ва мушоҳида мекард, ки чӣ гуна аҳли Қурайш аз парастишҳои хурофотии ҷоҳилия суъиистифода мекарданд. Ҳамчунин ривоҷи фисқу фасод, мастӣ, судхӯрӣ, қасосҳои хунин, одати куштани фарзанди духтари навзод ва дигар одатҳо ва русуми бутпарастӣ ҷомеаи онрӯзаи араб ба рӯҳияи Муҳаммад пайғамбар (с) бетаъсир набуд.

Дар асари ҳамин омилҳо буданд, ки дар ин давра дар гӯшаву канори нимҷазираи Арабистон ҳаракати пайғамбарӣ ба вуҷуд меомад. Таърих номи чанд тан аз мудаъиёни пайғамбарӣ дар ин давраро сабт кардааст, ки аз ҷумла номи Мусайлима ва Саҷҷоҳ то ба мо расидааст. Ҳамчунин дар байни арабҳо тамоюл ба дини тавҳидӣ – дини “ҳаниф” низ мушоҳида мешуд, масалан бародари Хадиҷа Варқа ибни Навфал аз ҷумлаи онҳо буда. Онҳо ҳама тарғиби дини нав мекарданд, шояд маҳз дини ислом набошад, вале тарғиби яктопарастӣ – тавҳид дар онҳо ҷой дошт ва онҳоро, чунончи ишора шуд, «ҳаниф» меномидаанд.

**Оғози нубувват**. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳо Муҳаммад пайғамбар (с) соли 610 ба тарғиби дини нав оғоз кардааст. Муҳаммад пайғамбар (с) низ дар аввал дини худро «дини ҳаниф» меномид ва ин сифат баъдҳо низ ҳамрадифи «ислом», «мубин» ва ғайра дар Қуръон ба кор рафтааст.

Хулоса, дар синни чилсолагӣ Муҳаммад пайғамбари ислом (с) эълони дини нав ва рисолати пайғамбарии худро мекунад. Тибқи маълумоти сарчашмаҳо дар яке аз рӯзҳои моҳи Рамазон ҳангоми гӯшанишиниаш дар ғори Ҳиро ба Муҳаммад пайғамбар (с) аввалин ояти Қуръон аз сураи 96 – «ал-Алақ» нозил шудааст.

Дар ибтидо таблиғи ислом се соли аввал сиррӣ (пинҳонӣ) буд. Пас аз эълон ва ошкоро шудани даъват низ пайравони паёмбар дар аввал зиёд набудаанд. Нахуст, таълимоти Муҳаммад пайғамбарро хешовандонаш, аввал занаш Хадиҷа, духтарҳояш Руқия, Умми Қулсум,

Фотима, амакбача ва баъдтар домодаш Алӣ – шавҳари Фотима, писарамакаш Абӯтолиб қабул кардаанд. Баъдтар писархондаш Зайд ибн Ҳорис ва каме баъдтар чанд тан аз обрӯмандони Макка: Абӯбакри Сиддиқ ва Усмон ибни Аффон, Муҳаммад аз-Зубайр, Талҳа ва Абдураҳмон ибн Авф ва дигарон ба ӯ пайвастанд, вале ба ҳар ҳол қабули даъвати Муҳаммад пайғамбар (с) бо душворӣ пеш мерафт ва ҳатто дар муддати чаҳор сол адади асҳоби паёмбар бо занон ва ғуломони эшон аз чиҳил тан бештар набуд.

Ашрофони Макка дар аввал ба даъватҳои Муҳаммад пайғамбар (с) эътибор надода бошанд ҳам, баъди ҳамлаҳои ӯ ба дину оин ва худоёни онҳо роҳи душманӣ ва таъқибро бо ӯ пеш гирифтанд, чунки амали ӯро барои субот ва манофеи сиёсии Макка хавфнок мешумориданд. Душманони сарсахт ва хавфноки Муҳаммад пайғамбар (с) сарватманди авлоди Умавӣ ва ҳатто амакаш Абд-ал-Уззал ибн Абдумуталлиб буданд, ки ӯро Муҳаммад пайғамбар (с) Абулаҳаб (яъне дӯзахӣ) номида аст.

Хулоса, даъват ба дини ислом хеле ба мушкилӣ пеш мерафт, пайравони Муҳаммад пайғамбар (с) ҳанӯз хеле кам ва аксарият аз табақоти поёнӣ аз фақирону ғуломон ва оилаҳои камбизоат буданд. Аввалҳо ибодат ва таблиғ, чунон ки гуфтем, пинҳонӣ дар хонаи яке аз мусалмонон бо номи ал-Акрама баргузор мешуд. Таъқиб ва шиканҷаи мусалмонон рӯз аз рӯз бештар мешуд ва онҳо маҷбур шуданд, ки ба кишвари Ҳабашия ҳиҷрат кунанд. Ин ҳиҷрати аввал дар соли чаҳоруми баъсати паёмбарӣ ба вуқӯъ пайваст.

Аз матни Қуръон бармеояд, ки бутпарастон ба ӯ бовар намекарданд. Аз ӯ барои исботи пайғамбарияш тақозои ғайбгӯйӣ ва муъҷиза мекарданд. Муҳаммад (с) бошад, худро як инсон, мисли ҳамаи одамон муаррифӣ мекард, донандаи ғайб танҳо Худо мегуфт.

Аз мубоҳисоти қуръонӣ маълум мешавад, ки араб аз парастиши дини падарони худ даст кашидан намехостанд. Онҳо бовар надоштанд, ки Худо як марди одие мисли

Муҳаммад пайғамбарро дар муқобили он ҳама аъёну ашрофи Макка мавриди иноят қарор дода, ба симати пайғамбарӣ интихоб карда бошад. Арабҳо баъзе таълимоти ӯро, масалан, рӯзи қиёмат-растохез ё эҳёи дубора, рӯзи ҳисобу доввариро асотир ва афсонае беш намешумориданд.

Ҳадафи асосии Муҳаммад пайғамбар (с) ба тавҳид хондани бутпарастон, беэътибор сохтани худоёни онҳо буд. Қурайшиён бо ҳар роҳ хостанд Муҳаммад пайғамбарро аз ин кор боз доранд. Онҳо аввал даст ба фишору зӯрӣ ба мусалмонҳо ва ба сарони авлоди Пайғамбар (с) заданд, Ниҳоят онҳо паймоне бо номи «Паймони саҳифа» имзо карданд, ки тибқи он бо хонаводаи бани Ҳошим издивоҷ ва хариду фурӯшро манъ ва авлоди бани Ҳошим ҳуқуқи аз шиаб (маҳал)-и худ берун омаданро надоштанд. Ин муҳосира се сол давом кард, вале бенатиҷа буд.

Душманони Муҳаммад пайғамбар (с) дар ибтидо ба куштани ӯ ҷуръат накарданд, чунки аввалан амакаш Абӯтолиб ва амакони дигари ӯ мардони обрӯманд буданд ва ӯро ҳимоя мекарданд, занаш Хадиҷа низ пуштибони ӯ буд. Сониян, одати арабҳои ҷоҳилия, қасоси хунин монеае дигаре буд. Бо гузашти айём бо вуҷуди фишор ва пешгириҳо пайравони Муҳаммад пайғамбар (с) рӯз аз рӯз меафзуд.

Аммо дар соли дувоздаҳуми баъсат Муҳаммад пайғамбар (с) дар муддати кӯтоҳ ҳар ду пуштибони асосиаш: аввал, амакаш Абӯтолиб ва баъди як моҳ занаш Хадиҷа вафот мекунанд. Баъди ин воқеа вазъияти Муҳаммад пайғамбар (с) ва пайравонаш сахт мушкил шуд. Амакаш Абӯлаҳаб, ки сардори авлод шуда буд, ӯро пуштибонӣ намекард.

Дар чунин вазъияти вазнин ногоҳ дари умед ба рӯйи ӯ кушода мешавад. Дар мавсими ҳаҷҷи соли 620 милодӣ дар бозори Укоз иттифоқан Муҳаммад пайғамбар (с) бо шаш тан мардони шаҳри Ясриб (ки баъдан Мадинатуннабӣ номида шуд) суҳбат мекунад ва онҳо ба чунин андеша афтоданд, ки ӯро ба пешвоӣ ё ҳаками худ баргузинанд. Зеро дар Мадина онҳо мушкилот дар муносибатҳои байниқабилавиро

доштанд.

**Ҳиҷрати паёмбар ба Мадина**. Шаҳри Ясриб (Мадина) дар сесаду панҷоҳ километрии шаҳри Макка ҷой гирифта буд. Аҳолии онро асосан ду қабилаи арабӣ ва се қабилаи яҳудӣ ташкил мекард. Он ду қабилаи араб ***Хазраҷ ва Авс***, се қабилаи яҳудӣ бошад: ***Бани Қурайза, Бани Қайноқа ва Бани Назир*** ном доштанд. Ихтилофу зиддият то ҳадди душманӣ, ҳам байни худи он ду қабилаи арабӣ ва ҳам бо се қабилаи яҳудӣ зиёд буд. Онҳо бисёр вақт дар ҳолати ҷанг ва қасоси хунӣ қарор доштанд. Зарурати шахси беғаразе, ки тавонад байни онҳо доварӣ кунад ва осоишу амниятро дар он шаҳр барқарор созад, сахт эҳсос мешуд. Ин сабаб шуд, ки дар мавсими ҳаҷҷи соли баъдӣ ҷамоати зиёде аз мардуми Ясриб ба Муҳаммад пайғамбар (с) байъат карданд ва паймоне бо номи «Паймони Ақаба» (номи маҳалли имзои ин паймон) бо Ӯ баста шуд. Пас аз ин паймон Муҳаммад пайғамбар (с) аввал пайравони худро ба Ясриб фиристод ва сипас худ низ рахти сафар баст.

Муҳаммад пайғамбар (с) шабона аз Макка ҳамроҳи Абӯбакр берун омада, дар ғоре дар доманаи кӯҳи Савр пинҳон мешаванд ва сипас савори шутур роҳи Ясрибро пеш мегиранд. Ниҳоят Ӯ ва 70 нафар пайравонаш, ки муҳоҷирон номида шуданд, ба Ясриб омаданд. Ин воқеа дар таърихи ислом бо номи *«Ҳиҷрати Пайғамбар» маъруф аст ва он мутобиқ бо 4 сентябри соли 622 милодӣ буда, аз ҳамин рӯз солшумории ҳиҷрии мусалмонон огоз* мешавад.

Пас аз имзои «Паймони Ақаба» даъват ба ислом ва рисолати паёмбарии ӯ хусусияти нав касб кард. Тамоми сездаҳ соли даъват дар Макка аз тариқи мавъизаву таблиғу насиҳату огоҳонидан буд.

Аммо бо баста шудани «Паймони Ақаба» ва ҳиҷрати Пайғамбар ба Мадина дигаргунии куллие дар рисолати ӯ ба вуҷуд омад. Муҳаммад пайғамбар (с) дар баробари пайғамбарӣ, масъулияту рисолати миёнравӣ дар муноқишаҳои байниқабилавӣ ва инчунин роҳбарии

ҷамоатро низ дарёфт.

Бо вуҷуди кам шудани хатар пас аз ҳиҷрат ба Мадина, дар ин шаҳр низ таблиғи ислом ва муносибатҳои иҷтмоии дохили шаҳр алалхусус, бо яҳудиён ва сарварони собиқи қабилаи Авс ва Хазраҷ хеле мушкил ва печида буд. Дар соли аввал, нахустин коре, ки паёмбар (с) кард, бастани паймон бо тамоми аҳолии Мадина ва бунёди масҷид бо номи «Масҷиди Қубо» дар ин шаҳр буд.

Маккагиҳо бо муваффақ нашудан дар куштани Муҳаммад пайғамбар (с) ором нашуданд ва барои мубориза бо Ӯ тадорук медиданд. Муҳаммад пайғамбар (с) низ эълом кард, ки ба Вай ваҳйи Худоро дар бораи ҷанг бо бутпарастони Макка дарёфта аст. Ин аст ки аз соли дуюм сар карда, паи ҳам байни мусалмонон бо роҳбарии Муҳаммад пайғамбар (с) ва аҳли Макка бо сардории Абӯсуфиён ҷангҳое сар мезаданд, ки онҳо бо номҳои «ғазоҳо» ва «сирияҳо» маъруфанд. Дар натиҷаи маъруфтарин ғазоҳои ислом, ҷанги «Бадр», «Уҳуд», «Хандақ» ва чандин бархӯрдҳои дигар мувозинати қувваҳоро тағйир дода, бартарияти мусалмононро таъмин карданд.

Соли 628 мусалмонон бо сардории Муҳаммад пайғамбар (с) ба мақсади адои ҳаҷҷи умра роҳи Маккаро пеш гирифтанд ва чун ба он наздик шуданд, дар наздикии маҳалли ал-Ҳудайбия Муҳаммад пайғамбар (с) бо намояндагони Макка ба гуфтушунид даромад. Дар натиҷаи ин гуфтушунид паймоне бо номи «Аҳдномаи Ҳудайбия» баста шуд, ки мувофиқи он Муҳаммад пайғамбар (с) аз ҳаҷҷи он сол даст кашид. Ин паймон барои мусалмонон паймони нобаробар буд, вале ба вуҷуди ин, он як пирӯзии ислом ва эътирофи қудрати Муҳаммад пайғамбар (с) ҳамчун пешвои ислом буд. Соли дигар, пас аз ҳаҷҷи умра ва амал кардани аҳли Макка тибқи он аҳднома, дурустии пешбинии Муҳаммад пайғамбар (с) собит шуд. Пас аз ҳаҷҷи умра ҳеҷ гуна шубҳа намонд, ки дасти Муҳаммад пайғамбар (с) боло гирифтааст. Ин буд, ки шахсони намоёни Макка чун Амр ибни Ос (баъдан

фотеҳи Миср) ва сарлашкари маъруф Холид ибни Валид ба Мадина омада, худро ба ихтиёри Муҳаммад пайғамбар (с) супориданд. Абӯсуфиён, маъруфтарин марди Макка низ ба тарафи Муҳаммад пайғамбар (с) гузашт. Амаки паёмбар, баъдан асосгузори сулолаи Аббосиён ал-Аббос низ тақрибан дар ҳамин давраҳо исломро қабул мекунад.

Дар зимистони соли 630 милодӣ, соли ҳаштуми ҳиҷрӣ, Муҳаммад пайғамбар (с) бо ҳазор нафар лашкари ислом ба тарафи Макка рӯй овард. Аҳли Макка ибтидо мухтасар муқовимат нишон доданд, ки бе заҳмате шикаста шуданд. 23-юми январ Муҳаммад пайғамбар (с) ба Макка дохил шуд. Тасарруфи Макка хеле ором гузашт. Нуктаи ҷолиб он аст, ки ишғоли ин шаҳре, ки солҳои дароз бо Муҳаммад пайғамбар (с) душманӣ дошт, ба хилофи чашмдошти он рӯз ва рафтори «исломиён»-и имрӯзаи асри 21 бе ҳеҷ куштору хунрезӣ ва қассосгирӣ анҷомид. Шаҳр тороҷ нагардид, хонаҳо вайрону хароб нашуданд, танҳо бутҳо шикаста шуда, бутхонаҳои берун аз Макка вайрон карда шуданд.

Пас аз фатҳи Макка ду ҷанг – ғазои дигар дар Ҳунайн ва Тоиф рух дод, ки аввалӣ ба осонӣ торумор ва дувумин баъди муҳосираи тӯлонӣ бе ҷанг худ таслим шуд.

Таслим шудани Макка ғалабаи қатъии Муҳаммад пайғамбар (с) буд. Пас аз ин яке пас аз дигар қабоили араб баъзе бо роҳи ҷанг ва баъзе бо роҳи осоишта ба дини нав таслим шуданд.

Соли 631 Муҳаммад пайғамбар (с) ба сарфармодеҳии сипоҳи азиме ба сӯйи сарҳади арабу Византия (Сурияи имрӯза) ҳаракат мекунад. Вале ӯ, чунон ки аз сарчашмаҳо маълум аст, пас аз даҳ рӯз дар водии сарҳадии Табук тавaққуф кардан, амалиёти ҳарбие оғоз накарда, бармегардад. Натиҷаи ин сафар танҳо ба зери ҳимояти Муҳаммад пайғамбар (с) гузаштани аҳли бошишгоҳҳои насронияи араб буд. Яҳудиён низ пас аз ин даст аз мубориза бардоштанд.

Соли 632-и милодӣ (баробар ба соли 10-уми ҳиҷрӣ) Муҳаммад пайғамбар (с) озими охирин зиёрат, ҳаҷҷи

исломии «Хонаи худо» – Каъба мешавад. Ин ҳаҷ баъдан «ҳаҷҷи видоъ» номида шуд. Баъд аз анҷоми ҳаҷ Муҳаммад пайғамбар (с) бо ҳамроҳонаш ба Мадина бармегардад ва баъд аз се моҳи ҳамон сол дар сини 63-солагӣ вафот мекунад.

Асоси даъвати Ӯро барқарории дӯстию бародарӣ байни мусалмонон ташкил мекунад на нифоқҳои мазҳабӣ, чунон ки имрӯзҳо мебинем. Муҳаммад пайғамбар (с) андаке қабл аз вафоташ, мувофиқи ахбору ривоёти муътамад, хитобае эрод фармуд, ки дар он нуқтаи марказӣ аз даъвати ислом дарҷ гардидааст: *«Эй мардум, сухани маро бишнавед ва ба дил биспоред, ки ҳар мусалмон бо мусалмони дигар бародар аст ва акнун дар байни ҳамаи шумо оини бародарӣ барқарор гардидааст».* Худи Муҳаммад (с) пайғамбари ислом низ, тибқи маълумоти мавҷуда ҳамеша кӯшиш намудааст, ҳама мушкилоту мавқеъгириҳоро аз тариқи гуфтушуниду музокира ҳаллу фасл намояд.

**Моҳияти табаддулоти динии Муҳаммад (с) пайғамбари ислом.** Муҳаммад (с) пайғамбари ислом табаддулоти динию маънавие дар таърихи қавми араб ба вуҷуд овард, ки аслаш:

*1– гузаштан аз бутпарастӣ ба парастиши Худои ягона (тавҳид) буд. Дар ислом яктопарастӣ ба камоли ниҳоии худ расид ва аз ҳамагуна олоишҳои бисёрхудоӣ, ки ҳатто дар дини яҳудию масеҳӣ мушоҳида мешавад, пок гардида, мафҳуми Худо як мафҳуми таҷридӣ-абстрактии холис гардид, ки шабоҳат ба ҳеҷ чизе надорад;*

*2– тасаввурот дар бораи охират низ дар шакли мукаммал ва бо фалсафаи нав ироа гардид;*

*3– ислом аз тариқи Қуръон шариати наве ба араб ва мусалмонон арза кард ва эълом дошт, ки ин шариат ва Муҳаммад пайғамбар (с) пайғамбари охирин аст.*

Дарвоқеъ, пайдоиши ислом ва таълимоти он як зинаи муҳиме дар такомули маънавию фарҳангӣ ва иҷтимоии араб ва башар мебошад. Дар мавриди хислатҳои инсонӣ, ахлоқӣ ва маънавии Муҳаммад пайғамбар (с) қайд намудан лозим аст, ки сарчашмаҳои ҳам динӣ ва ҳам илмӣ аз ӯ ҳамчун

шахси бо ҳиммату тавозӯъ, бо ақлу дониш, бо раҳму шафқат ва содиқ ба ваъдаву амонат ёд кардаанд.

Савол ва супориш

1. Дар бораи асосгузори дини ислом Муҳаммад пайғамбар (с) чӣ маълумот доред?
2. Муҳаммад (с) кай ва дар куҷо таваллуд шудааст?
3. Дар бораи даврони ҷавонии Муҳаммад пайғамбар (с) ва сафарҳояш нақл кунед.
4. Оғози нубувват аз кай ва чигуна буд?
5. Марҳалаи аввали даъвати Муҳаммад пайғамбар (с) чӣ хусусият дошт?
6. Сабабҳои ҳиҷрати Муҳаммад пайғамбар (с) ва пайравонаш аз Макка ба Мадина аз чӣ иборат буд?
7. Паймони Мадина ё “Паймони Ақаба” чӣ гуна паймон буд ва чиро дар бар мегирифт?
8. Муҳимтарин ҷангҳои мусалмонон бо мушрикони Макка кадоманд?
9. Фатҳи Макка чӣ гуна сурат гирифт?

## §24. ПАҲНШАВИИ ИСЛОМ БЕРУН АЗ АРАБИСТОН

Вақте ки Муҳаммад пайғамбар (с) вафот кард, ҳанӯз ислом аз ҳудуди нимҷазираи Арабистон берун набаромада буд. Густариши ислом дар аҳди «хулафои рошидин» – чор халифи авали ислом Абӯбакри Сиддиқ (632-634), Умар ибни Хаттоб (634-644), Усмон ибни Аффон (644-656) ва Алӣ ибни Абӯтолиб (656-661) ба таври васеъ оғоз шуда, дар аҳди хилофати Умавиён асосан ба анҷом расид. Халифаи аввал Абӯбакр баъд аз Муҳаммад пайғамбар (с) пояи исломро дар нимҷазираи Арабистон мустаҳкам намуд. Ӯ ба муқобили паёмбартарошон, онҳое, ки баъд аз вафоти Муҳаммад пайғамбар (с) иддаои пайғамбарӣ мекарданд, аз қабили Тулейҳ ал-Асвад, Мусайлима, Саҷҷоҳ ва бо он қабилаҳое, ки аз ислом рӯй гардонида буданд, ҷангида, онҳоро аз нав таслим ва доманаи исломро густариш дод.

Аммо бояд гуфт, ки дар сарчашмаҳо ва ҳадисҳо, ба ҷуз

ҳамон охирин сафари Муҳаммад пайғамбар (с) ба суйи сарҳади арабу Византия водии сарҳадии Табук ва баъди он интихоби Усома ибн Зайди ҷавон барои анҷоми ин кор, ихтилофҳои рӯйзада дар атрофи он, ҳеҷ амру васияте дар мавриди фатҳ ё истилои сарзаминҳои бегона вуҷуд надорад, аз ин рӯ метавон гуфт, ки оғози истилогарии аъроб бархоста аз ташаббуси худи халифаҳо буда. Халифаи дувум Умар ба воситаи сипоҳе, ки Холид ибн Валид роҳбарӣ мекард, сарнавишти мамолики Ховари Наздикро ба куллӣ дигаргун сохт. Шаҳри бостонии Димишқ баъд аз шаш моҳи муҳосира дар соли 635 милодӣ забт шуд. Масеҳиён аз ин зарба ба ҳуш омада, қувваи худро сафарбар намуда, барои ҷуброни он шикаст бархостанд. Холид бо зиракӣ ба маҳалли муносибе ақиб нишаст ва дар он ҷо бо сипоҳи мураккаб аз панҷоҳ ҳазор нафар марди ҷангҷӯ, ки Ираклий (императори Рими Шарқӣ – Византия) барои дарҳам шикастани ӯ фиристода буд, рӯ ба рӯ шуд. Ин муҳориба дар рӯзи гарми ғуборолуд, ки бодиянишинони араб бо ин ҳаво хӯ гирифта буданд, ба вуқӯъ пайваст ва дар натиҷа Холид римиёнро сахт дарҳам шикаст ва фатҳи қатъӣ насиби ӯ гардид. Ниҳоят, баъд аз ин муҳориба саросари хоки Шом (Сурия) то доманаи кӯҳҳои Торус аз тарафи арабҳо тасарруф карда шуд. Яке аз сабабҳои муҳими муваффақияти араб дар он буд, ки мардуми маҳаллии Шом аз фишор ва зулми римиён, задухӯрдҳо ва муҳорибаҳои байни императории византӣ ва сосонӣ ба танг омада буданд ва дарвоқеъ муқовимате нишон надоданд.

Забткориҳои араб зери шиорҳои густариши дини ислом сурат мегирифт. Дар ибтидо дар масъалаи қабули ислом асли фармудаи қуръонии «дар дин маҷбурӣ нест» риоя карда мешуд. Аз ин лиҳоз масалан, дар муоҳада ё паймоне, ки Холид ибни Валид ба аҳолии Димишқ пешниҳод кард, гуфта шудааст, ки агар ӯ ба шаҳр дарояд, дар сурати пардохтани ҷизя ҷону молашон дар амон, калисоҳо, ибодатгоҳҳо ва биноҳои шаҳр аз харобӣ маҳфуз хоҳанд монд ва онҳо ба ҷуз хайр аз арабҳо чизе нахоҳанд дид. Хулоса, дар як муддати

кӯтоҳ (аз соли 634 то соли 642) арабҳо ба осонӣ Фаластин, Сурия, қисмати шимолии Байнаннаҳрайн ва Мисрро тавассути сипоҳи Амр ибни Ос забт намуданд. Дар аввали асри VIII арабҳо аз се ду қисми қаламрави Византияро ишғол намуда, сарҳади худро хеле васеъ намуданд.

Онҳо соли 633 ба Байнаннаҳрайн – қаламрави Эрон дохил гардида, шаҳри Ҳира, собиқ пойтахти Лаҳмидиёнро ишғол карданд. Соли 634 арабҳо дар соҳили рӯди Фурот байни шаҳри Ҳира ва Мадоин аз тарафи сарлашкари эрониён Рустам шикаст дода мешаванд, вале ду сол пас дар муҳорибаи Қодисия пойтахти қисмати ғарбии империяи Сосониён – Мадоин ба дасти арабҳо мегузарад. Шаҳр аз тарафи арабҳо ғорат шуда, қисмате аз аҳолии он қатл ва қисмати дигар ба ғуломӣ бурда мешаванд. Сарчашмаҳо ғанимати аз ин шаҳр ба даст овардаи арабҳоро ба 900 миллион дирҳам баробар кардаанд. Соли 637 тамоми Байнаннаҳрайн (Ироқи имрӯза) аз тарафи арабҳо забт карда мешавад. Соли 640 онҳо ба сӯи маркази Эрон ҳаракат карда, то соли 644 Ҳамадон, Қум, Кошон ва Исфаҳонро забт мекунанд. Ҳамин тавр, арабҳо аз соли 640 то соли 652 тақрибан тамоми Эронро забт карда, соли 651 императории Сосониёнро нобуд карданд. Ҳарчанд арабҳо дар ин марҳала тавонистанд то дарёи Ому бирасанд, аммо дар дохили ин кишвар эрониён муқовимати шадид карданд ва забткориҳои араб ба кундӣ пеш мерафт, чунки мардуми ориёии ин кишвар ба дини зардуштии худ вафодор буданд ва ба осонӣ таслим намешуданд. Ин аст, ки ҷангҳо бо эрониён дувоздаҳ сол тӯл кашид.

Давраи дувуми забткории бузурги арабҳо ба давраи хилофати Умавиён (661-750) рост омад. Дари ин давра арабҳо дар шимолу шарқ то пушти кӯҳи Ҳимолой ва то сарҳади Чин ва Муғулистон, аз сӯйи дигар, дар ҷануб то Ҳиндустон, дар ғарб то Испониё ва дохили Африқо пеш рафтанд.



Қабули ислом дар сарзаминҳои ишғолшуда, аз ҷумла дар Осиёи Миёна, ба кундӣ ва мушкилӣ пеш мерафт. Дар марҳалаи аввал, бо вуҷуди ишғоли минтақаҳои гуногун, берун аз нимҷазираи Арабистон худи фотеҳон он қадар кӯшиш накарданд, ки халқҳои забтшуда дини исломро қабул кунанд. Ҷангҳо ва кӯшишҳои онҳо бештар хусусияти забткорӣ ва товонситонии ҷангро дошт. Зеро, қабули ислом аз тарафи оммаи васеи мардум чандон ба фоидаи онҳо анҷом намегирифт, чун мардуми мусалмоншуда аз андози саронаи «ҷизя» озод мешуданд ва ин барои сарварон, сарлашкарон ва хазинаи хилофат маънои маҳрум мондан аз даромадро дошт. Ҳамин тариқ, бо ҳар гуна шева дар тамоми қаламрави хилофати араб намояндагони динҳои дигар, аз қабили насрониён, яҳудиён, зардуштиён ва дигарон ба шарти риояи маҳдудиятҳои ҷузъии муайян бо пардохти ҷизя бемалол зиндагӣ мекарданд. Ин гуна одамонро **зиммӣ** ва шахсони ғайриарабро, ки исломро қабул кардаанд, **маволӣ** меномиданд. Маволӣ бояд зери ҳимояи яке аз намояндаи ягон қабилаи араб қарор мегирифт. Баъдан ислом дар як қатор кишварҳои Осиё ва Африқои Ҷанубӣ ба воситаи савдогарону тоҷирон ва инчунин мубаллиғони ин дин интишор меёбад. Масалан, намуна барои ин дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, паҳншавии ислом дар Индонезия ва Филиппин мебошад.

### Савол ва супориш

1. Чор халифаи аввали ислом, «хулафои рошидин»-ро номбар кунед?
2. Паҳншавии ислом дар шимоли нимҷазираи Арабистон чӣ тавр сурат гирифт?
3. Муҳосираи Димишқ чӣ гуна муҳосира буд?
4. Забткориҳои замони Умавиёнро шарҳ диҳед.
5. Забти Эрон аз тарафи арабҳо кай сурат гирифт ва он чӣ хусусият дошт?

## §25. ИСТИЛОИ ОСИЁИ МИЁНА ВА ПАҲНШАВИИ ИСЛОМ ДАР ИН МИНТАҚА

Пас аз шикасти шоҳи сосонӣ Яздигурди III ва фирору кушта шудани ӯ соли 654 дар Марв, ҳуҷумҳои алоҳидаи арабҳо ба Мовароуннаҳр дар солҳои 654 ва 667 оғоз шуд. Солҳои 673-674 қоиммақоми араб дар Хуросон Убайдуллоҳ ибн Зиёд ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карда, Рометан ва атрофи Бухороро ба даст овард ва тороҷу хароб намуд. Ниҳоят ӯ ба муқобилияти сахти қувваҳои бухориён дучор омада, ба бастани сулҳ маҷбур шуд.

Лашкаркашии дуюми арабҳо ба Бухоро соли 676 дар давраи қоиммақоми Хуросон будани Саид ибни Усмон сурат мегирад. Ин дафъа низ маликаи Бухоро ба ивази додани сесад ҳазор дирҳам ва ба гарав гузоштани як гурӯҳ ҷавонони ашрофзодаи Бухоро бо арабҳо созиш мекунад. Баъдан ин ҷавонон Саид ибни Усмонро дар қароргоҳаш кушта, худро низ ба куштан медиҳанд.

Чунонки гуфтем, Муҳаммад (с) пайғамбари ислом дар мавриди интишори ислом берун аз қаламрави Арабистон ҳеҷ дастуру васияти анике, баҷуз ҳамон маъмурияте, ки Усома ибн Зайд барои пешгирӣ аз ҳуҷуми Империатории Византия ба сарзамини ислом карда, боқӣ нагузошта буд. Агар ҳатто ҳамин ҳодисаи таъйини Усома ибн Зайдро барои ҷангидан бо кишвари ҳамсоя, ки хатари воқеӣ дар сарҳади қаламрави ислом дошт ва метавонист бо баҳонаи дифоъ

аз насрониён ва яҳудиён ба мусалмонон ҳуҷум кунад, асос бигирем, дар мавриди истилои Осиёи Миёна –Мовароуннаҳр ҳеҷ асосу баҳонае набуд, чунки ин кишвар аз Нимҷазираи Араб фарсаххо дур буда, ҳеҷ хатаре барои араби мусалмон надошат. Аз ин рӯ равшан аст, ки истилои Осиёи Миёнаро ба ҷуз забткорӣ барои тороҷу ғорат ва ғанимати ҷангӣ ба даст овардан, бо дигар омиле наметавон тавзеҳ дод. Зеро ин ҷангҳо – ҷанг бо мушрикону бутпарастон набуд, чунки бештари аҳолии ин сарзамин ба дини зардуштӣ, ки соҳибкитоб буда, ба Худои ягона Аҳурамаздо (ҳамон Аллоҳ) ва рӯзи Растохез – ҳамон қиёмат ва ҳаёти пас аз марг ва ҳатто биҳишту дузах, ки халқҳои сомӣ, то ошноӣ бо эрониён ва шоҳаншоҳи маъруф Куруши Кабир хабар надоштанд, бовар доштанд. Ислом асосан барои аз байн бурдани бутпарастӣ ва бо Худо шарик гирифтан омада буд, на мубориза бо аҳли китоб.

Хулоса, давраи аввали истилои араб аз соли 644 то соли 704 тӯл мекашад. Дар ин байн мардуми бумии Осиёи Миёна дар чандин муҳорибаҳо қаҳрамонона ба муқобили араби истилогар ҷангида, ватани худро дифоъ карданд.



Давраи дуюми истилои ҳадафноки Осиёи Миёна аз давраи ҳоиммақоми Хуросон таъин шуддани Қутайба ибни

Муслим дар соли 705 оғоз мешавад. То ин давра ҷангҳои аъроб дар Осиёи Миёна хусусияти парокандаву номуназзам, бештар хусусияти тохтутозӣ ва тороҷгарӣ доштанд. Қутайба соли 705 ба Балх лашкар кашида, он маҳалҳоеро, ки аз итоати арабҳо сар кашида буданд, аз нав ба итоат даровард.

Дар соли 706 ҳуҷуми қатъии Қутайба ба хоки Мовароуннаҳр оғоз мешавад. Ӯ пас аз дарёи Омуро гузаштан ба шаҳри Пайканди Бухоро ҳуҷум овард. Муҳорибаи Пайканд дар таърихи халқи тоҷик аз бузургтарин муҳорибаҳои қаҳрамононаву ҳамосавии суғдиён мебошад. Ҳарчанд, дар ин муҳориба суғдиёни Пайканд бо ёрии ҳамсояҳои худ шуҷоатмандона ҷангида, сипоҳи Қутайбаро ба муҳосира гирифтанд, вале ба Қутайба муяссар шуд, ки бо макр байни ҳокимони маҳаллӣ нифоқ андозад ва бо ҳамин сабаб суғдиён шикаст хӯрданд. Аз рӯйи баъзе сарчашмаҳо Пайканд фақат баъди 10 моҳи муҳосира аз тарафи арабҳо фатҳ карда мешавад, вале бо вуҷуди ин, ҳанӯз Қутайба панҷ фарсах дур нарафта буд, ки аҳолии Пайканд шӯриш бардоштанд ва арабҳои дар он ҷо мондаро ба қатл расониданд. Қутайба дубора маҷбур шуд, ки ба Пайканд баргардад ва онро аз сари нав ишғол кунад.

Баъди пахши шӯриш дар Пайканд Қутайба ба Бухоро ҳуҷум карда, ба муқобилияти сахти суғдиён дар маҳалли Ромитан дучор шуд. Дар ин муҳорибаи шадид, ки суғдиён мардонавор меҷангиданд, қариб буд қушуни ба муҳосира афтодаи араб нобуд ва торумор шавад, вале боз ин даъфа ҳам Қутайба роҳи фиребро пеш гирифта, байни подшоҳи Суғд ва туркон нифоқу ихтилоф андохт. Дар натиҷа ин сабаб шуд, ки суғдиён фурсатро аз даст доданд. Чун онҳо қатъӣ ва сареъ амал накарданд, ба Қутайба қувваҳои иловагӣ расиданд ва ӯ аз муҳосира бадар омад. Вале чун дар ин ҷанг талафоти зиёде дода буд, аз нақшаи забти Мовароуннаҳр даст кашида, ба Марв баргашт.

Арабҳо аз ибтидои забткориҳояшон то ба ин давра дар ҳеҷ ҷой ба чунин муқовимати шадиде, чун дар Мовароуннаҳр,

дучор нашуда буданд. Ҳуҷуми дуюми Қутайба соли 706 низ ба шикасти сахт рӯ ба рӯ шуд. Ҳарчанд ӯ ин дафъа Ромитанро тасхир кард, дар ҷанг барои гирифтани Бухоро талафоти зиёде дода, ҳамон сол маҷбур мешавад, ки ба Хуросон ақибнишинӣ кунад. Муқовимати бухориён ҳокими Ироқ Ҳаҷҷоҷро, ки аз бераҳмтарин ҳокимони хилофат буд, ба ғазаб меорад ва ӯ фармони бетаъхири гирифтани Бухороро содир мекунад.



Соли 709 боз Қутайба бо лашкари пуршумор ба Бухоро ҳуҷум мекунад. Ин дафъа низ ҳокими Бухоро Варданхудот суғдиёни Самарқандро ба ёрӣ даъват карда, дар ин муҳорибаи хунин қаҳрамониҳо нишон дод. Дар натиҷаи ин кӯшиш арабҳо муваффақ ба ишғоли Бухоро мешаванд. Баъди ин соли 710 Қутайба Шумон (водии Ҳисор ва Сурхондарё)-ро ба итоати худ медарорад.

Дар таърихи халқи тоҷик мудофиаи Самарқанд аз ҳуҷуми арабҳо яке аз барҷастатарин саҳифаҳои қаҳрамонӣ ва корнамоиҳои таърихии суғдиён аст. Соли 711, ҳангоме ки Қутайба дар фикри забти Самарқанд буд, шоҳи Хоразм барои фурӯ нишондани исёни бародараш аз ӯ ёрӣ мепурсад. Баъди бо ёрии Қутайба фурӯ нишондани шӯриш, шоҳи Хоразм бо Қутайба аҳднома имзо намуда, ҳокимияти ӯро дар қаламрави давлати худ эътироф кард.

Қутайба баъд аз дастёбӣ ба ин муваффақияти сиёсӣ, соли 712 бо қувваи бузурги низомӣ, ки сипоҳи хоразмиёну бухориёнро низ дар бар дошт, ба Самарқанд ҳуҷум кард. Сокинони шаҳр бо шуҷоат қариб як моҳ тамоми шаҳрро мардонавор мудофиа мекарданд. Қутайба дар ин ҷанг ғайр аз қувваҳои ҳарбии чандин ҳазорнафара боз 300 манҷаниқ ба кор бурд. Ниҳоят дар ин муҳорибаи нобаробар, баъд аз тамом шудани захираҳои ҳарбӣ самарқандиён маҷбур шуданд, аҳдномаи Қутайбаро бо шарту шароити вазнин имзо кунанд.



Баъд аз ин ҳодиса солҳои 713-714 Қутайба ба Хуҷанд, Чоч ва Фарғона юриш карда, муваффақ шуд то сарҳади Кошғар пеш равад. Бо кушта шудани Қутайба марҳалаи дуюми истилои Осиёи Миёна ба поён мерасад.

Марҳалаи сеюми забткории арабҳо дар Осиёи Миёна марҳалаи пахши шӯришу исёнҳои зидди ҳокимияти онҳо ва задухӯрдҳо дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистони имрӯзаро дар бар мегирад.

Солҳои 720-722 шӯриши суғдиёни Самарқанд ва атрофи он рух дод. Ҳарчанд ин наҳзати зиддиарабӣ шикаст хӯрда бошад ҳам, мардум аз мубориза даст накашиданд. Фақат соли 725 дар давраи ҳокимияти волии араб Асад ибни

Абдуллоҳ забти Хатлон оғоз мешавад. Дар ҳуҷуми аввал Асад ибни Абдуллоҳ шармандавор шикаст хӯрда, ба Балх ақибнишинӣ мекунад. Нақл аст, ки мардуми Балх дар ҳаққи вай ин суруди тамасхуромезро месурудаанд:

Аз Хуталон омадия,
Ба рӯ табоҳ омадия,
Обор боз омадия,
Хашан низор омадия.




Баъд аз ин шикаст танҳо пас аз даҳ сол дар соли 737 Асад ибни Абдуллоҳ дубора ба Хатлон ҳуҷум мекунад. Бар асари иштибоҳи тактикии хатлониён арабҳо баъд аз талафоти зиёд аз торуморшавӣ наҷот ёфта, ин сарзаминро тасарруф карданд. Вале, ҳамзамон бо ин воқеа шӯришҳову наҳзатҳои зиддиарабӣ маҳз ҳамин давра дар солҳои 736-737 дар Тахористон, Суғд ва дигар минтақаҳо аз нав авҷ мегирифтанд. Инчунин солҳои 738-739 шӯришҳо дар Самарқанд, Чоч ва Фороб ба вуҷуд меомаданд. Ин сарзамин яке аз беэътимодтарин ва хавфноктарин гӯшаҳои хилофат барои арабҳо ба шумор мерафт.

Ҳамин тавр, паҳншавии ислом ҳамчун дини нав дар ин минтақа дар баробари забткориҳо ва тамаъхоҳиҳои иқтисодии арабҳо ҷараён мегирифт. Марҳалаи паҳншавии ислом дар ин сарзамин нисбати дигар минтақаҳо аз ҳама тӯлонитар ва душвортар гузашта буд. Агар арабҳо аз се ду ҳиссаи империяи Византия, чун сарзаминҳои Фаластин, Сурия, Байнаннаҳрайн ва Мисрро дар муддати 10 сол ва ҳудуди ғарбии империяи Эронро дар муддати 12 сол тасарруф ва дар он ҷо исломро паҳн карда бошанд, пас барои фатҳи Бохтар, Суғд ва Хатлон онҳо тақрибан 100 сол ҷанг кардаанд. Ҳамзамон, қайд намудан лозим аст, ки омилҳои қабули ислом аз тарафи мардум фақат воситаҳои ҷанг ва зӯрӣ набуданд, гарчи ин омилҳо яке аз усулҳои паҳншавии ислом дар минтақа дониста мешавад.

Вале омилҳои дигаре низ вуҷуд доштанд, аз қабили зарурати дини нав, ки тавонад талаботи маънавӣ ва иҷтимоии ҷомеаи тағйирёбандаро таъмин кунад ва ин хеле барвақт эҳсос мешуд. Динҳои пештара, аз ҷумла дини зардуштия, монавия ва ғайра ба буҳрони амиқи каставӣ ва маънавиву ахлоқӣ гирифтор шуда, ин рисолатро иҷро карда наметавонистанд. Ҷойи онҳоро ҳанӯз пеш аз ислом кайҳо динҳои насронӣ ва буддоия хеле танг карда буданд. Аз ин рӯ тибқи бисёр сарчашмаҳо дар тамоми муддати бо роҳи зӯрӣ ва бо шамшер паҳн намудани дини ислом дар байни мардумони Осиёи Миёна ин дин хусусияти оммавӣ ва густурдаро нагирифт ва мардумӣ нашуд. Фақат баъди ошно шудани намояндагони мардум ва фарҳангиёну рӯҳониёни маҳаллӣ бо асосҳои дини ислом ва пайдо намудани умумиятҳое бо зеҳнияти эътиқодияшон, қабули ин дин дар сарзаминҳои Осиёи Миёна хусусияти воқеиро пайдо кард.

Савол ва супориш

1. Истилои Осиёи Миёна аз тарафи арабҳо кай шурӯъ шуд?
2. Марҳалаҳои асосии ин истилоро бигӯед.
3. Дар бораи муборизаи озодихоҳонаи мардумони Бухоро, Пайканд, Самарқанд, Хатлон ва ғайра нақл кунед.

4. Дар бораи динҳои пеш азисломии мардуми ин сарзамин маълумот диҳед.
5. Хусусияти паҳншавии ислом ҳамчун дини нав дар ин минтақа аз чӣ иборат буд?

## §26. ҚУРЪОН, СУННАТ ВА ҲАДИС ҲАМЧУН САРЧАШМАҲОИ АСОСИИ ИСЛОМ

Сарчашмаҳои асосии хаттии ислом Қуръон, Суннат ва Ҳадис мебошанд, вале дар баробари ин сарчашмаҳои дигаре чун тафсирҳо ва таъвилҳо низ вуҷуд доранд, ки дар мартаба аз Қуръон, Суннат ва Ҳадис пойинтаранд. Дар заминаи ҳамаи инҳо донишҳои динии исломӣ ба вуҷуд омадаанд.

**Қуръон.** Қуръон, аз калимаи арабии "қараъа"–қироат, хондан ва хониш гирифта шуда, номи китоби муқаддаси мусалмонон мебошад. Онро инчунин «Каломи Шариф», «КаломулЛоҳ», «Мусҳаф», «Уммулкитоб», "Фурқон" (модари китобҳо) ва ғайра меноманд, ки дар худи Қуръон низ бо чунин номҳо ёд шудааст.



Қуръон, мувофиқи эътиқоди мусалмонон, ваҳӣ (суханон)-и илоҳӣ мебошад, ки Худо ба Муҳаммад (с) пайғамбари ислом ба воситаи «Рӯҳулқудс» (фариштa

Ҷабраил) қисм-қисм нозил кардааст, яъне фурӯ овардааст. Мувофиқи ақидаи аксари уламои ислом муъҷизаи асосии Муҳаммад (с) пайғамбари ислом – ҳамин Қуръон аст. Қуръон, дар баробари китоби муқаддаси ислом будан, як сарчашмаи таърихӣ, адабию бадеӣ, забонӣ ва умуман яке аз асарҳои нодири тамаддуни башар мебошад.

Сохтори Қуръон чунин аст: Вай аз 114 сура (боб) иборат буда, ҳар сура ба чандин оят (ҷумла ё порчаҳои хурд) тақсим мешавад. Сураҳо дар Қуръон аз рӯйи дарозии онҳо ҷой дода шудаанд. Сураҳое, ки дар шаҳри Макка баён (нозил) шудаанд маккӣ ва сураҳое, ки дар шаҳри Мадина баён шудаанд, сураҳои маданӣ номида мешаванд.

Ба Муҳаммад (с) пайғамбари ислом ваҳйи нахустин дар моҳи Рамазон соли 610 нозил шудааст, аз ин рӯ Рамазон барои мусалмонон моҳи муқаддас ба шумор рафта, дар он рӯза мегиранд. Қуръони Карим тибқи ахбори худи он аз ҳамон асле нозил шудааст, ки Таврот ва Инҷил сарчашма мегиранд.

Вақте ки Муҳаммад паёмбар (с) вафот кард, Қуръон ҳанӯз ба шакли китоб гирдоварӣ нашуда буд, вале қисмати зиёди оятҳои Қуръонро котибони Муҳаммад пайғамбар (с) дар рӯйи пӯсти дарахт, барги хурмо, сангҳо сабт ва ровиён дар хотир ҳифз карда буданд. Номи ровиён ва котибони Муҳаммад пайғамбар (с), ки то ба мо омада расидаанд, аз қабили Алӣ ибни Абӯтолиб, Убайа ибни Каъаб, Абдуллоҳ ибни Масъуд, Зайд ибни Собит, Абӯдардо ва Абӯмӯсои Ашъарӣ мебошанд. Дар солҳои 11-12-уми ҳиҷрӣ, дар давраи хилофати Абӯбакр бисёре аз саҳобаҳо ва донандагони Қуръон, дар ҷангҳо барои мустаҳкам кардани ислом кушта шуданд. Инчунин, ровиёни боқимонда чизеро фаромӯш карда, чизеро аз худ илова мекарданд, ки дар байни матнҳо ихтилофи мундариҷа ва мазмун пайдо мешуд. Ин ҳодиса Умар ибни Хаттобро водор кард, ки ба Абӯбакр маслиҳат диҳад, то ҷиҳати аз байн нарафтани оёти Қуръон ба ҷамъоварии он иқдом намоянд. Ин вазифаро ба уҳдаи Зайд

ибни Собит месупоранд. Маҷмӯаи аввалини тартибдодаи Қуръон аз тарафи ӯ номи «Суҳуф»-ро гирифта буд. Баъд, дар замони халифа Усмон, дар асоси ҳамаи ин матнҳо гирдоварӣ ва таҳрири охирин боз аз тарафи Зайд ибни Собит бо се нафари дигар ба анҷом расонида мешавад. Дигар нусхаҳо аз байн бурда мешаванд ва аз нусхаи аслӣ чанд нусха бардошта, ба шаҳрҳои дигари мусалмонӣ фиристода мешаванд.



Қайд кардан лозим аст, ки забони Қуръон чун асари динӣ қисман забони символӣ ва рамзӣ аст, ки хоси ҳама динҳои маъруф мебошад,яъне маъно ва ҳадаф дар он тавассути ташбеҳ ва рамз ифода меёбад. Дар худи Қуръони карим ояҳо ба ду навъ “муҳкамот” ва “муташобеҳот” тақсим шудааст. Муҳкамот оятҳое ҳастанд, ки бе ҳеҷ шарҳу баёни изофӣ равшану фаҳмо-бадеҳӣ мебошанд. Аммо “муташобиҳот”, яъне оятҳое, ки хусусияти рамзӣ, ташбеҳӣ доранд ва зоҳирашон аз ботинашон, яъне маънии аслиашон фарқ мекунад.

Мундариҷаи Қуръон, гуногунмазмун ва бою ғанӣ аст. Дар он масъа-лаҳои мухталифи динию мазҳабӣ ва маънавию ахлоқие чун худошиносӣ, пайғамбарӣ, ҳаёти пас аз марг, тасвири саҳнаи охират, масоили ҳуқуқӣ, оилавӣ ва ғайраҳо баён шудаанд.

Махсусан, масъала-ҳои инсондӯстӣ, бузургдошти инсон,

кароматли вай, ҳадафу мақсади зиндагии вай, адолатхоҳӣ, зулмситезӣ, маънавиёт ва ахлоқи ҳамида дар Қуръон ҷойи асосиро ташкил медиҳанд. Агар Қуръонро ба ду қутби доира тақсим кунем, дар қутби болои он Худошиносӣ, яъне шиносонидани ҳастӣ ва ягонагии Худо ва дар қутби пойин масъалаи инсон, пайдоиш – офариниш ва ҳадафи офариниш, мартабаи инсон дар ҳастӣ, ҳидояту роҳнамоии инсон, амру наҳйи он дар амалу рафтор, тарзи зиндагӣ дар ин дунё ва омодагӣ ба олами боқӣ – абадӣ, шариат – қонуни зиндагии иҷтимоӣ ва ғайра ташкил мекунад. Сураҳои давраи маккӣ бештар хусусияти ахлоқӣ ва даъвати тавҳидӣ доранд, сураҳои маданӣ низ дар асли тавҳидӣ аксаран хусусияти танзими зиндагӣ ва ҳаёти иҷтимоии мумулмононро доранд. Онҳо бештар ба муқобили ҳаёти иҷтимоӣ ва маънавию мазҳабии даврони ҷоҳилия ва расму русуми бутпарастон равона шудаанд. Ҳамчунин, ҳодисаҳои ҷараёни пайдоиши ислом ва муҳорибаҳои садри ислом дар онҳо инъикос ёфтааст.

Аз назари ниёзҳои башари имрӯза оятҳои зиёде дар Қуръон мавҷуданд, ки ба корбурди ақлу хирад, тафаккуру андешаи солим, сулҳу мудоро, иҷтиноб аз таассубу бадбинӣ даъват намуда, куштори ноҳақи инсонҳо, мушкилсозии зиндагии муминон, бандагони Худоро маҳкум мекунанд.

Омӯзиш ва шинохти Қуръон барои мардуми мусалмон, алалхусус, барои равшанфикрон, зиёиён ва ҳама аҳли қалам ҷиҳати шинохти фарҳанг ва тамаддуни гузаштаи худ хеле зарур аст.

**Дар баробари Қуръон Суннат ва ҳадис низ аз сарчашмаҳои муътамади исломӣ маҳсуб меёбанд, вале дар мартаба ва дар ҳалли масоили шаръию ҳуқуқӣ, тавре таъкид шуд, онҳо аз Қуръон поёнтаранд.** Суннат аз калимаи арабии «сунна» – одат, расм ва анъана гирифта шуда, муқарраротест, ки дар асоси гуфтор, рафтору кирдор ва тарзи зиндагии Паёмбари ислом (с) муайян шудаанд.

Дар ибтидо ҷомеаи исломӣ чун аз дохили Арабистон

берун нарафта буд, фақат як сарчашма ва манбаи динию ҳуқуқӣ – Қуръон мавриди истифода қарор дошт. Ҳамаи масоили пешомадаро дар асоси он ҳаллу фасл мекарданд. Вале дар баробари густариш ёфтани доманаи ҷуғрофии ислом, бар асари фатҳу забти кишварҳои ҳамсоя ва дурдаст, байни солҳои 632-751 милодӣ, алалхусус, кишварҳое, ки нисбат ба араб дорои тамаддуни пешрафта буданд ва бо пайдоиши масоили иҷтимоию сиёсӣ ва ҳуқуқие, ки пайдо кардани ҷавоб ба онҳо аз Қуръон мумкин набуд, зарурат ба сарчашмаи наве барои ҳалли онҳо ба миён омад. Дар асоси ҳамин заруратҳо Суннат ташаккул меёбад.

Арабҳо дар кишварҳои истилошудаи Осиёи Хурд, Осиёи Марказӣ ва Африқои Шимолӣ бо ҷомеаҳои пешрафта, дорои муносибатҳои хеле мураккаби иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва мадании нисбатан қадим ва мутараққӣ дучор шуданд. Дар ин кишварҳо, махсусан, дар Эрон, Сурия, Миср ва сарзаминҳои дигари тобеи императории Рим муносибатҳои заминдорӣ, кишоварзӣ, ҳаёти шаҳрӣ ва умуман қонуни молию иқтисодӣ ва ҳам ташкилоти давлатию сиёсӣ назар ба зиндагии содаю бадавии аъроб беандоза мураккаб ва пешрафта буданд. Хулоса, мусалмонон ба як қатор масъалаҳо ва мушкилоте дучор шуданд, ки айни онҳо дар Қуръон набуд ва ба онҳо ҷавоби равшан пайдо карда наметавонистанд. Ин аст, ки зарурат ба баррасии гуфтор ва рафтори Паёмбар, омӯзиши корномаи ӯ ба миён омад. Ҳамин тавр, тадриҷан зарурати ҳукму қазовати ин ё он масъалаи назарӣ ё амалӣ дар асоси муқоиса ва муқобила бо кору амали Паёмбар ва тариқаи ҳалли масоили шабеҳи он аз тарафи ӯ, яъне Суннати Пайғамбар (с) ривоҷ пайдо мекунад. Суннат дар заминаи ҳадисҳо вазъ ва ташаккул ёфтааст.

**Ҳадис** аз калимаи арабии ҳаддаса, яъне ҳикоят кардан, накл кардани ҳодиса ё воқеъае мебошад ва яке аз сарчашмаҳои хаттии ислом аст. Дар маънии махсуси истилоҳӣ ҳадис ривоят ё ахбори нақлшуда оид ба гуфтор, рафтор ва амали паёмбари ислом Муҳаммад аст. Ҳадисҳо

дорои мавзӯъҳои васеъ буда, аз онҳо аҳкоми мазҳабию ибодатӣ, худошиносӣ, аҳкоми ҳуқуқӣ, меъёрҳои маданию маишӣ ва муқаррароти ахлоқӣ ва тарзи зиндагиро метавон дарёфт. Баъзан ин ё он нишондодҳо ва ё аҳкоми қуръонӣ низ дар асоси ҳадисҳо аниқ карда мешаванд. Ҳадисҳое ҳастанд, ки хислати таърихӣ доранд, ё соф масоили қонуниро фаро мегиранд. Ҳадисҳои таърихӣ дар бораи ҷузъиёти ҳаёту зиндагии Паёмбар, саҳобаҳо, ҳаводиси садри ислом, шароити нузули ин ё он оёти қуръонӣ маълумот медиҳанд. Яке аз муҳимтарин мавзӯъҳои ҳадисҳои пайғамбарӣ масоили маънавию ахлоқӣ мебошанд. Метавон гуфт, ки дар онҳо беҳтарин дурдонаҳои маънавию ахлоқии инсоният аз забони паёмбари ислом баён шудаанд.

Дар заминаи зарурати гирдоварӣ ва шинохти воқеан ба паёмбар тааллуқ доштан ё надоштани ҳадисҳо **ҳадисшиносӣ** ба вуҷуд омад. Азбаски ҳадисҳои сохта бисёр шуданд ва фарқ кардани ҳадисҳои воқеӣ аз сохта хеле мушкил шуда буд, аз ин рӯ зарурати эҷоди ҳадисшиносӣ ба миён омад. Ҳадисшиносон ҳадисҳоро ба як чанд мартаба тақсим кардаанд ва боэътимоди онҳоро «с а ҳ е ҳ» номидаанд. Ин гуна ҳадисҳо аз сарчашма ё нақлкунандаи боэътимод, аз ҳамзамонҳо – аҳли хонавода, наздикон, саҳобаҳои паёмбар ва тамоми силсилаи нақлкунандагон низ шахсони маълум ва маъруф бояд бошанд.

Ба ҷамъоварии ҳадисҳо шахсиятҳои маъруфи зиёде машғул шудаанд. Маъруфтарин ҳадисшиносон ва китобҳои ҳадис инҳоянд:

1. Муҳаммад Исмоил Ҷаъфар-ал-Бухорӣ (810-870), ки маҷмӯаи ҳадисҳои гирдовардаи ӯро «ас-Саҳеҳи ал-Бухорӣ» меноманд.

2. Ибни Ҳаҷҷоҷи Қушайрии Нишопурӣ (817-875), ки маҷмӯи ҳадисҳои ӯ бо номи «Саҳеҳи Муслим» маъруф аст.

3. Ибни Ашъаси Аздии Сиистонӣ (817-889), ки маҷмӯаи ҳадисҳои ӯ бо номи «Сунани Абӯдовуд» маъруф аст.

4. Ибни Язиди Рабоъии Қазвинӣ, маҷмӯи саҳеҳи ҳадисҳое

бо номи «Сунани ибни Моҷа» гирдоварӣ кардааст.

5. Ибни Исо аз-Заҳҳок Тирмизӣ (824-893), бо номи «Ҷомеъи Тирмизӣ» (ё ал-»Ҷомеъ-ус-Саҳеҳ») маҷмӯаи аҳодисе гирдоварӣ кардааст.

6. Ибни Алӣ Насоӣ мебошад, ки маҷмӯае бо номи «Сунани Насоӣ» аз ӯ боқист.

Ҳамин тариқ, ҳадис ва ҳадисшиносӣ барои рушди фиқҳ, ахлоқ ва илоҳиёт нақши муассир бозидааст. Донистани ҳадис барои онҳое, ки исломро дуруст шинохтан мехоҳанд, ҳатмист. Дар асоси ҳадисҳо доираи суннати ислом муайян карда шудааст.

Савол ва супориш

1. Сарчашмаҳои асосии ислом кадомҳоянд?
2. Қуръон чӣ гуна сарчашмаи дини ислом мебошад?
3. Суннат ва ҳадис чӣ гуна сарчашмаи исломӣ мебошанд?
4. Чаро зарурати китобат ва саҳфабандии Қуръон пеш омад?
5. Суннат ва ҳадисҳо чӣ гуна пайдо шудаанд?
6. Чӣ гуна ҳадисҳоро ҳадисҳои саҳеҳ меноманд?

## §27. ШОХА ВА МАЗҲАБҲОИ ТАЪРИХИИ ДИНИ ИСЛОМ

Ислом ҳам монанди динҳои дигар ба шоха ва равияҳои мухталиф тақсим шудааст. Пас аз вафоти Паёмбари ислом чанде нагузашта буд, ки ихтилоф дар атрофи ҷонишинии ӯ, яъне дар масъалаи интихоби **халифа** – шахси ҷонишин, идомадиҳандаи кори паёмбар, пешво ва роҳбари сиёсӣ ва мазҳабии ҷомеаи исломӣ ба вуҷуд омад. Зиддият байни чанд гурӯҳ буд. Яке **муҳоҷирон**, онҳое ки аз Макка ба Мадина ҳиҷрат карда буданд, дигаре **ансор**, онҳое ки Муҳаммад (с) пайғамбарро ба Мадина даъват карда, ба ӯ пайвастанд ва барои дифоъ аз ҷону молаш паймон баста буданд, сеюм онҳое, ки тарафдории халифа аз хонадони Муҳаммад (с) пайғамбарро мекарданд, яъне тарафдорони Алӣ ибни Абӯтолиб - амакбача ва домоди Муҳаммад (с) буданд.

Худи паёмбар (с) бевосита ба тарзи равшану ошкоро пеш аз вафоташ, касеро ба ҷойи худ таъйин накарда буд, фақат дар чанд рӯзи бемории ӯ Абӯбакр вазифаи имоматии намозро дар масҷид ба уҳда дошт ва он ҳам ба ҳурмати калонсолиаш буд.

Ҳамин тариқ, аслан дар пайи масъалаи номбурда, ки як гурӯҳ ақида дошт, халифа метавонад, ҳар мусалмон аз ёрону ҳамсафони паёмбар интихоб шавад ва дигар гурӯҳ талаб мекарданд, ки чунин шахс танҳо аз авлоди паёмбар бошад ва ба ин Алӣ мувофиқ аст, ҷамоаи мусалмонон ба ду равияи калон тақсим шуд. Равия ё шохаи якум суннӣ, аҳли суннат ва ҷамоат, ки онҳоро гоҳе аҳли тасаннун меноманд ва шохаи дуюмро ш и а меноманд. Мафҳуми шиа маънои азони ман, аз ман ё бо манро дорад.

Аслан, ихтилофи онҳо ихтилофи эътиқодию шаръӣ набуда, як ихтилофи ночиз ва на он қадар муҳим аст. Ҳар ду шоха ба офаридгори ягона Аллоҳ, ба рисолати паёмбарии Муҳаммад (с) ва ба китоби осмонии ислом Қуръон эътиқоду имон доранд. Ихтилоф дар сари масъалаи имомат ва халифагии ҷомеаи мусалмонон баъди Муҳаммад (с) мебуд. Дар пайи ин аҳли шиа хилофати се халифаи аввалро эътироф накардааст ва аз ин баъд чанде фарқи ҷузъии дигар пайдо мешаванд, ки муҳим намебошанд.

Дар навбати худ шохаи суннӣ дар сари масоили шаръию ҳуқуқӣ ба чор мазҳаб, ё мактабҳои диниву ҳуқуқӣ ҷудо шуд. Инҳо мазҳабҳои ҳанафия, ҳанбалия, моликия ва шофеъия мебошанд, ки аз доираи исломи рошидӣ берун нарафтаанд.

**Ҳанафия,** ки мазҳаби пайравони имом Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит (вафоташ 767 милодӣ)-ро меноманд, яке аз мазҳабҳои калонтарини суннӣ мебошад. Нӯъмон писари Собит писари Марзбон ва кунияи вай Абӯҳанифа аст. Асли ӯ аз Кобул – пойтахти Афғонистони имрӯза мебошад. Бобояш Марзбон дар замони хилофати Умар исломро қабул карда, ба Куфа омадааст ва дар он ҷо иқомат кардааст.

Абӯҳанифа бар асари ошноӣ бо илми калом ва баҳсу

мунозира бо намояндагони мактабҳои гуногун маҳорати комил ёфта буд. Ӯ ин маҳоратро дар илми фиқҳ ба кор андохт ва ба мактаби фиқҳи Абуҳанифа асос гузошт.

Мазҳаби Абӯҳанифа таҳаммулпазиртарин мазҳаби ислом аст. Пайравони ҳанафия асосан дар Анатолия, Балкан, Қафқози Шимолӣ, Соҳили Баҳри Сиёҳ, Поволже, Осиёи Миёна, Афғонистон, Ҳиндустон, Россия, Хитой, Индонезия ва ғайра зиндагӣ мекунанд. Мардуми мусалмони Тоҷикистон низ аксар пайрави мазҳаби ҳанафӣ мебошанд ва ба намояндагони ҳама дину мазҳабҳои дигар ҳурмату эҳтиром доранд.

**Моликия**, ки пайравони имом Молик ибни Анас ал-Асбаҳӣ (732-795) мебошанд, дар нимҷазираи Арабистон ба вуҷуд омада, баъдан дар Миср, Африқои Шимолӣ ва Андалус интишор меёбад. Дар фиқҳ сарчашмаи асосии онҳо китобу суннат буда, дар якҷоягӣ дар истилоҳ «насс» номида мешавад. Фатвои саҳобаҳоро ҳамчун ҷузъи суннат медонанд. Яке аз хусусияти ин мазҳаб он аст, ки амали мардуми Мадинаро дар рӯзгори Имом Молик (садаи дувуми ҳиҷрӣ) низ ҳуҷҷат мешуморанд.

Мазҳаби моликия дар Марокаш, Алҷазоир, Тунис, Либия, Кувейт, Баҳрайн амал мекунад.

**Шофеъия** пайравони Имом Муҳаммад ибни Идриси Шофеъӣ (соли ҳаёташ 767-820 милодӣ) мебошанд, ки дар фиқҳ тибқи китоб, суннат, иҷмоъ, гуфтаҳо (aқвол)-и саҳоба ва қиёс амал мекунанд.

Дар ҳақиқат мазҳаби фиқҳии шофеъӣ ҳадди мобайниест, ки зери таъсири мазҳабҳои ҳанафӣ ва моликӣ ташаккул ёфтааст ва хусусияти онҳоро қабул кардааст. Дар амал он як мазҳабе аз усулҳои содашудаи ҳанафию моликӣ мебошад, аз ин рӯ хеле зуд дар Сурия, Ироқ ва Миср ин ду мазҳабро танг карда, интишор ёфт. Мазҳаби шофеъия дар Сурия, Лубнон, Фаластин ва Урдун мазҳаби асосӣ буда, дар Ироқ, Покистон, Ҳиндустон, Малайзия, Индонезия ва Эрону Яман пайравони зиёд дорад.

**Ҳанбалия** мазҳаби дигари аҳли суннат буда, пайравони имом Аҳмад ибни Ҳанбали Марвазӣ (вафоташ соли 856 милодӣ) мебошад. Ин мазҳаб дар асри IX нахуст ҳамчун ҳаракати динию сиёсӣ ба вуҷуд омада, баъдан ба мазҳаби фиқҳиву ақидавӣ табдил ёфтааст. Ҳанбалиён дар фиқҳ аслан аз рӯйи Қуръон ва суннат ҳукм мекунанд. Ҳарчанд ҳанбалия ҳамчун мазҳаби фиқҳӣ дар асри X ташаккул ёфт, адабиёту осори ҳанбалӣ баъдтар, дар асри X1 ба вуҷуд омаданд. Мазҳаби ҳанбалӣ байни табақоти поёнӣ ва миёнаи Ироқ, Хуросон, Сурия ва Ҳиҷоз таърихан таъсири зиёде доштааст ва ҳоло он мазҳаби расмии Арабистони Саудӣ мебошад.

Инҳоянд чор мазҳаби фиқҳии аҳли суннат ва ҷамоат, ки номбар шуданд.

Равияи шиа дар навбати худ дар натиҷаи ихтилофоти дохилӣ ба чандин фирқа тақсим шудааст. Фирқаҳои асосии он**: қайсония, зайдия, имомия, исноашария ва исмоилия** мебошанд.

Гурӯҳи асосии шиаёнро имомияи исноашарӣ (дувоздаҳимомӣ) ташкил мекунанд, ки аз шаҷараи имом Алӣ ибни Абӯтолиб (вафоташ соли 661 милодӣ) оғоз шуда, то имом Муҳаммад Маҳдии Мунтазирро (ғайбзаданаш соли 878 милодӣ) дар бар мегирад. Мувофиқи эътиқоди шиаён имоми дувоздаҳум Маҳдӣ намурдааст, балки ғайб задааст ва дар охирзамон бармегардад ва адолатро пойдор месозад.

Аз фирқаҳои дигари маъруфи шиа исмоилия мебошад, ки дар асри VIII милодӣ ба вуҷуд омада, дар таърихи мамолики Шарқи Наздик, Шимоли Африқо, Эрону Осиёи Миёна нақши муассире гузоштааст. Ин фирқа номи худро аз номи писари имоми шашуми шиаён Имом Ҷаъфари Содиқ – Исмоил гирифтааст. Исмоил, ки дар ибтидо вориси имомат буд, аммо бо кадом сабабе аз ин ҳуқуқ маҳрум шуда, Имом Ҷаъфари Содиқ ба ҷойи ӯ писари дигараш Мӯсо ал-Козимро ҷонишини худ таъйин мекунад. Вале тибқи манобеи ба ҳақиқат наздиктар сабаби ин дар он буд, ки Исмоил панҷ сол пеш аз падараш соли 760 вафот карда

буд. Пайравонаш бошанд, ба ӯ вафодор монда, имомати ӯро қабул доштанд ва бовар доштанд, ки ӯ вафот накарда, балки аз назарҳо ғоиб шудааст. Исмоилия ба тадриҷ аз як фирқаи динию сиёсӣ ба як ҷараён ё мактаби илоҳиётию фалсафӣ табдил меёбад. Дар Тоҷикистон пайравони исмоилия дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон зиндагӣ мекунанд, ки як ҷузъи бисёр муҳими фазои динӣ ва фарҳангии кишвари моро ташкил медиҳанд. Муносибати мусолиматомез ва таҳаммулпарваронаи мазҳабҳои ҳанафии аҳли суннат ва равияи исмоилия, ҳамчунин ҳурмату эҳтироми байниҳамдигарии онҳо ба дидгоҳҳои мазҳабии якдигар аз дастовардҳои назарраси мардум ва фарҳанги тоҷик мебошад.

Савол ва супориш

1. Равияҳои асосии ислом кадомҳоянд?
2. Сабабҳои пайдошавии равия ва шохаҳои исломӣ ва фирқаҳои онҳоро шарҳ диҳед.
3. Кадом мазҳабҳои аҳли суннат ва ҷамоатро медонед?
4. Фирқаҳои аҳли шиаро номбар кунед.
5. Таҳаммулпарварии диниро чӣ тавр мефаҳмед ва он барои ҷомеаи имрӯза чӣ аҳамият дорад?

## §28. ИСЛОМИ МУОСИР ВА ВАЗЪИЯТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ КИШВАРҲОИ ИСЛОМӢ

Ислом имрӯз яке аз се дини бонуфуз ва аз динҳои ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Пайравонаш мувофиқи оморҳои созмонҳои исломӣ ҳоло зиёда аз як миллиардро ташкил дода, дар 128 кишвари дунё сукунат доранд. Аз ҷумла дар зиёда аз 40 кишвар мусалмонон аксарияти аҳолӣ ва дар 18 кишвари дигар ақалиятро ташкил медиҳанд. Онҳо минтақаи васеъеро дар қитъаҳои Осиёву Африқо, чун Ховари Миёна ва Наздик, Осиёи Ҷанубу Ғарбӣ, Африқои Шимолию Марказӣ ва ғайраро дар ихтиёр доранд. Ақаллиятҳои исломӣ дар қитъаҳои Амрико ва Аврупо чун тозамуқимии

муҳоҷир зиндагӣ мекунанд.

Аз рӯйи афзоиши аҳолӣ низ кишвари исломӣ дар яке аз ҷойҳои аввал меистанд. Аз ҷиҳати сарватҳо ва захираҳои табиӣ минтақаҳои исломӣ аз мавзеъҳои ҷуғрофии хеле бойи олам ба шумор мераванд. Танҳо дар Халиҷи Форс, минтақаҳои наздибаҳрии кишварҳои Шарқи Наздик ва то ҳудудҳои баҳри Каспий 70% захираи нафти ҷаҳонӣ ва зиёдтар аз 40% захираи гази табии ҷаҳон ниҳон мебошанд. Аҳолии афзояндаи минтақа бошад, манбаи арзони қувваи корӣ ба шумор меравад. Диққати бисёр кишварҳои абарқудратро маҳз ҳамин сарватҳои табиӣ бештар ба худ ҷалб месозад.



Аммо бо вуҷуди ин ҳама сарватҳои фаровон ва мавқеи афзалиятноки ҷуғрофӣ имрӯз тараққиёти иқтисодию технологии кишварҳои исломӣ дар сатҳи пойин қарор дорад. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва истеҳсолии онҳо дар якҷоягӣ ночиз ва барои бозори рақобатноки имрӯза номуҳим ба назар мерасанд. Даромади умумии миллии кишварҳои исломӣ дар маҷмӯъ тибқи маълумотҳои Бонки ҷаҳонӣ дар бораи пешрафти иқтисоди ҷаҳон дар соли 2009-ум, тақрибан мувофиқи табодули асъор 2 трлн. доллари амрикоиро ташкил медод. Ин рақам аз нишондиҳандаи ҷаҳонӣ дар ин самт ҳамагӣ 5%-ро дарбар мегирад. Он дар

маҷмӯъ баробари даромади умумии миллии солонаи як кишвари Фаронса ва қариб ним милиард доллар камтар аз давлати Олмон мебошад. Ҳаҷми маҳсулоти миёнаи дохилии кишварҳои исломӣ бошад, боз ҳам аз ин камтар аст.

Сабаби ин қафомониро муҳаққиқон дар истифода нашудани технологияи нав дар истеҳсолот, набудани ихтироот, набудани навоварии илмӣ, пойбанди таълимоти куҳнаи асримиёнагии динӣ мондани ҷомеа, рушд накардани илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ дар ин кишварҳо ва ғайра медонанд. Кишварҳои исломиро лозим аст, ки дар ин самт чораҳои муҳим андешанд.

Маркази таърихии кишварҳои исломиро 23 давлати арабӣ ташкил медиҳад ва дар онҳо 320 млн аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Давлатҳои асосии ин минтақа аз рӯйи нуфуси аҳолӣ Миср ва аз ҷиҳати иқтисодӣ Арабистони Саудӣ мебошанд. Ба сифати минтақаи дуюми кишварҳои исломӣ бошад, қисмати осиёии онро ном бурдан мумкин аст, ки ба он 15 давлат аз Туркия то Бруней дохил мешаванд. Ин аз ҳама минтақаи сераҳолитарини кишварҳои исломӣ ба шумор меравад ва дар он қариб 770 млн. аҳолӣ зиндагӣ менамояд. Аз ҷиҳати иқтисодӣ ин минтақа аз кишварҳои арабӣ дида пешрафтатар аст, ба он 53% даромади миёнаи миллӣ ва 55% табодули молҳои тиҷоратии кишварҳои исломӣ рост меояд. Аз ҳама кишварҳои сераҳолитарини ин минтақа ва умуман олами ислом Индонезия, Покистон ва Бангладеш мебошанд. Кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта Туркия, Эрон ва Индонезия ба шумор меравindependent. Аз рӯйи табодули молу ашёи тиҷоратӣ бошад, дар байни кишварҳои исломӣ Малайзия дар ҷойи аввал меистад.

Қитъаи Африқо низ барои кишварҳои исломӣ минтақаи муҳим ба шумор меравад. Дар ин қитъа 20 кишвари исломӣ арзи ҳастӣ дорад. Дар онҳо тақрибан 330 млн аҳолӣ зиндагӣ мекунад, ки ин шумора аз шумораи кишварҳои арабӣ зиёдтар аст. Сатҳи тараққиёт ва пешрафти ин кишварҳо аз ҳама пойинтар буда, минтақаи нисбатан қафомондаи кишварҳои

исломӣ ба шумор мераванд. Дар байни кишварҳои мусалмонии Африқо Нигерия то андозае ҷойгоҳи муайян дорад. Дар дигар минтақаҳои боқимонда бошад Албанияро дар Аврупо ва ду кишвари дигар дар Амрикои Марказӣ – Суринам ва Таянаро ном бурдан мумкин аст, ки на он қадар аҳолии зиёди мусалмонро дар бар мегиранд.



Ҳамин тариқ, олами ислом ва кишварҳои исломӣ имрӯз таркиби бағоят гуногунранг дошта, муносибатҳои байниҳамдигарии онҳо низ ҳамин гуна мураккаб ва пуртазод мебошанд.

Дар кишварҳои мусалмонӣ, инчунин созмонҳои зерини байналмилалии исломӣ амал мекунанд:

1. Созмони Ҳамкории Исломӣ, қаблан – Созмони Конфронси Исломӣ, ин созмони байнидавлатии кишварҳои Осиёву Африқо соли 1969 ташкил шуда, 44 давлат ва Созмони озодибахши Фаластинро дарбар мегирад. Органи олии ин созмон Конфронси сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо мебошад.

2. Анҷумани Олами Исломӣ – ин созмон соли 1926 дар Макка ташкил шуда, дар 67 кишвар намояндагӣ дорад. Созмон мақоми созмони ғайриҳукуматии машваратӣ дар

назди Созмони Милали Муттаҳид ва мақоми нозирро дар Созмони Конфронси Исломӣ дорад.

3. Лигаи Олами Исломӣ – соли 1962 дар Макка ташкил ёфта, созмони ғайриҳукуматии байналмилалии исломӣ мебошад.

Дар шароити ҳозира ғайр аз ин се созмони муътабаре, ки ёд шуд, боз чандин созмону ташкилотҳои байнидавлатӣ, минтақавии иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию илмӣ, фарҳангӣ ва ғайра амал мекунанд. Ба ин қатор Бонки Исломии Рушд, Мухобироти Байналмилалии Исломӣ, Созмони исломӣ оид ба таълим ва маданият, Маҳкама (суд)-и адолати исломӣ ва ғайраро ном бурдан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, дар шароити ҳозира, бо вуҷуди мушкилоти зиёд ва ҳанӯз ҳам ба сатҳи имрӯзаи пешрафти илмию техникӣ нарасидани аксари кишварҳои мусалмонӣ, ислом яке аз динҳо ва идеологияҳои бонуфузи ҷаҳонӣ буда ва кишварҳои исломӣ дорои имконоти азими иқтисодӣ ва захираҳои табиӣ мебошанд. Рушди иқтисодию иҷтимоии як қатор кишварҳои исломӣ, аз қабили Туркия, Эрон, Аморати Муттаҳидаи Араб, Кувейт, Индонезия, Малайзия ва ғайраҳо далолат бар он мекунанд, ки аз лиҳози илмию фарҳангӣ ва ҳатто технологӣ, кишварҳои исломӣ имкони расидан ба сатҳи имрӯзаи тараққиётро низ доранд ва пайи он бояд кӯшиши пайваста намоянд.

**Ҳаракатҳо ва фирқаҳои навзуҳури исломӣ.** Тайи солҳои охир дар минтақаҳои гуногуни мусалмоннишин равияву ҳаракатҳои сиёсӣ ва иҷтимоие рӯйи кор омадаанд. Аз байни ин равияҳои динии исломӣ дар Осиёи Марказӣ, инчунин дар Тоҷикистон ва минтақаҳои дигари мусалмоннишини пасошӯравӣ **Ваҳҳобия, Равияи Салафия, Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон, Ҷамоати Таблиғ, Ҳизби таҳрир, Ансоруллоҳ, Ҳизбуллоҳ, Ҳаракати исломии Туркистон, Равияи Тоҷикистони озод, Давлати исломии Ироқу Шом (ДИИШ), «Ихвон-ул-муслимин» (бародарони мусалмон), ҳизби Ҷундуллоҳ** ва ғайраҳоро ном бурдан мумкин аст, ки

дар Тоҷикистон ба таври пинҳонӣ кору фаъолият мебаранд. Доираи асосии фаъолияти ин ҳаракатҳо бештар дар байни ҷавонон ва наврасон буда, аз эҳсоси эътиқодию маърифати сусти динии онҳо истифода мебаранд.

**Ваҳҳобия** дар Арабистони Саудӣ дар асри XVIII ба вуҷуд омад. Асосгузори ин наҳзат Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб (1703-1792), яке аз пешвоёни мазҳаби ҳанбалӣ буд. Сарчашмаи ғоявии ваҳҳобия барвақтар аз тарафи яке аз уламои машҳури ҳанбалӣ Ибни Таймия (1262-1328), *дар асри XIII таҳия шуда буд. Асли таълимоти* ваҳҳобияро поксозии ислом аз тариқи бозгашт ба исломи ибтидоии даврони паёмбари ислом Муҳаммад ташкил мекунад. Аз ин рӯ мубориза бо боқимондаҳои бутпарастию бисёрхудоӣ, ки баъдан ба ислом дар шакли парастиши ҷойҳои муқаддас, шайху эшону авлиё ва ғайра роҳ ёфта буданд, аз иқдомот ва таблиғоти аввалии ваҳҳобиён буд. Ваҳҳобиён талаб мекарданд, ки танҳо ба Қуръон эътиқод бояд кард, нисбат ба суннат фақат ба он ҳадисҳое эътимод қоил буданд, ки дар давраи чор халифи аввал –хулафои рошидин маълум ва эътироф шуда буданд. Баргашт ба тавҳиди беолоиш, ба қавли онҳо, асоси худошиносии ваҳҳобиёнро ташкил мекунад. Аз ин нуқтаи назар онҳо хеле ҷиддию қотеъона ба тасаввуф мухолифат ва мубориза бурданд. Нафрати эшон нисбат ба ақоиди суфия ба ҳадде расида буд, ки баъзе дуоҳо ва мунoҷoти онҳоро, ки дар рӯйи мақбараҳои авлиё хонда мешуд, бидъат шумориданд ва манъ карданд. Мегӯянд, ки парастиши авлиё ва гури эшон худ навъи дигаре аз ширк аст. Ба ҳамин сабаб нахустин бор, ки дар соли 1806 ба шаҳри Макка даст ёфтанд, мақбараҳои бузургон ва саҳобаҳоро, ки зиёратгоҳи ҳоҷиён буд, вайрон сохтанд. Чун дувумин бор дар соли 1924-1925 султони Ҳиҷозро мағлуб карда, давлати саудии арабӣ бо сардории Абдулазиз ибни Сауд барқарор карданд, ҳатто хонае, ки Муҳаммад пайғамбар (с) таваллуд шуда буд, вайрон карда, осору нишонаҳои хонадони саҳобаҳои Муҳаммадро (с) дар қабристони шаҳри Мадина

хароб карданд. Хулоса, назарашон бар он буд, ки ҳар ақида ва мабдае, ки дар ислом мутобиқи матни возеҳи Қуръон ва ҳадисҳои саҳеҳ набошад, ба фикри онҳо куфри маҳз аст.

Ваҳҳобия аз назари ичтимоию сиёсӣ идеологияе буд, ки чиҳати барқарор кардани ҳукумати хонадони Саудиён равона шуда буд. Муҳаммад ибни Абдулваҳҳоб аз дастгирии пешвои начдиён Муҳаммад ибни Сауд бархурдор буд. Ғояҳои ислоҳотии Абдулваҳҳоб нерӯи муҳаррики ҳадафҳои сиёсии хонадони Саудиён гардид. Солҳои баъдина иддае аз ҳаракатҳои навбаромади исломӣ ғояҳои ваҳҳобияро дар минтақаҳои берун аз кишварҳои арабӣ роҳандозӣ карданӣ мешаванд, ки он ба мухолифат бо мазҳабҳои анъанавӣ оварда мерасонад, зеро он чӣ ваҳҳобиён талаб мекунанд, фақат хоси фарҳанги арабист ва дар муҳити Арабистон вучуд дошт. Дар фарҳанг ва рӯзгори мардумони дигар бошад, чизҳое ҳастанд, ки айнияти онҳоро дар муҳити фарҳангии Арабистон пайдо кардан мумкин нест. Мусаллам аст, ки намунаи онҳо дар Қуръон ва Суннат низ вонамехӯранд ва роҳи ҳалли онҳоро тавассути муносибати таҳаммулпазирона пайдо кардан мумкин аст, ки уламои гузаштаи ҳанафӣ ин корро кардаанд.

**Равияи салафия**. Равия ё худ ҳаракати дигари навбаромад дар кишварҳои мусалмоннишини Осиёи Миёна ҳаракати салафия мебошад. Салафиҳо худро пайравони «салафи солеҳ» аз калимаи арабии «салафа» «гузаштагони накӯкор» муаррифӣ намуда, аслан ба исломи замони муҳаммадӣ ва давраи саҳобагон баргаштанро даъво доранд. Аслан ин ҳаракат аз рӯйи ғоя ва ақидааш идомаи ҳамон ваҳҳобия аст. Ҳадафашон барқарор кардани исломи аввал, яъне исломи бунёдӣ, фундаменталӣ аст. Онҳо дар ичрои баъзе фарзҳои динӣ бо исломи суннатӣ ихтилоф варзида, масоили дигаре, аз қабили зиёрат кардани мазорҳо, хондани оятҳои Қуръон дар сари қабрҳо, хайру садақа кардан ба арвоҳи гузаштагон ва ғайраҳоро инкор мекунанд.

**Ҳизб-ут-таҳрир.** Ҳаракати дигари мазҳабие, ки худро

ҷунбиши исломӣ медонад, ба фаъолияти ҳизби ифротию сиёсии динӣ – Ҳизби таҳрир тааллуқ дорад, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ хеле фаъол шудааст. Он ҳанӯз дар охирҳои замони Иттиҳоди Шӯравӣ ба минтақаҳои мусалмоннишини ин кишвар, махсусан ба Ӯзбекистон роҳ ёфта, баъдтар дар дигар ҳамсоякишварҳо низ паҳн шуда буд. Аз таърихи пайдоиши ин ҳизб маълум мешавад, ки он аз тарафи Тақийуддини Набҳонӣ (1909-1977) соли 1953 дар Урдун таъсис ёфтааст.

Аз аввали пайдоишаш ин ҳизб худро ташкилоти сиёсии аҳли суннат ва ҷамоат муаррифӣ намуда, баргаштан ба тарзи ҳаёти исломӣ дар асоси меъёрҳои шариатро ҳадафи худ қарор медиҳад. Барои ба ин ҳадаф расидан ташкили хилофати арабро, ки ҳамаи кишварҳои мусалмониро муттаҳид созад, пешаи худ қарор додаанд.

**Ҳизбуллоҳ** (аз арабӣ – ҳизби Худо) – ташкилоти ҳарбишуда ва ҳизби сиёсии шииёни Лубнон буда, дар ин кишвар дар соли 1982 бо мақсади барпо кардани давлати исломӣ дар мисоли Эрон таъсис шудааст. Сарварии ташкилотро Ҳасан Насруллоҳ ба уҳда дошт. Дар давлатҳои Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада, Исроил, Миср, Австралия, Британиё, давлатҳои арабии Халиҷи Форс ва ғайра ташкилоти террористӣ эълон шудааст. Аз ҷумла куштори яке аз сарвазирони собиқи Лубнон – Рафиқ Ҳарирӣ ба Ҳизбуллоҳ нисбат дода шудааст. Ҷонибдорони Ҳизбуллоҳ аз соли 2011 инҷониб дар Сурия ба тарафдории Башор Асад меҷанганд.

**Ҷундуллоҳ** (аз арабӣ – Ҷанговарони Худо) – ташкилоти террористии сунниёни Эрон ва Балуҷистони Покистон, дар соли 2003 ташкил шудааст. Тибқи баъзе маълумот бо ташкилоти «Алқоида» робитаи қавӣ дорад. Чандин амали террористиро дар Эрону Покистон ба анҷом расонидааст. Сарвари он Абдулмалик Ригӣ дар соли 2010 дар Эрон дастгир ва ба қатл расонида шуд. Аз ҷониби Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ташкилоти террористӣ эълон шудааст.

**Ихвонулмуслимин** (аз арабӣ – бародарони мусалмон) – ташкилоти байналмилалии динӣ-сиёсӣ буда, дар соли 1928 аз тарафи Ҳасан ал-Банна дар Миср ташкил шудааст. Баъдҳо сарварии онро Саид ал-Қутб ба уҳда дошт, ки дар соли 1966 ба қатл расидааст. Намояндагиҳои Ихвонулмуслимин дар Сурия, Фаластин, Ироқ, Тунис, Либия фаъолият мекунанд. Амалҳои зиёди террористӣ анҷом додааст, ки дар байни онҳо сӯиқасд ба ҷони собиқ призиденти Миср Ҷамол Абдул Носир дар соли 1954 хеле машҳур аст. Дар соли 2012 намояндаи Ихвонулмуслимин Муҳаммад Мурсӣ призиденти Миср интихоб шуд, вале аз ҷониби ҳарбиён дар соли 2013 бо сабаби исломгароию тундравӣ аз сари қудрат барканор карда шуд. Мақсади асосии ташкилоти Ихвонулмуслимин бунёди ҳокимияти исломӣ дар ҷаҳон бо номи Хилофати бузурги исломӣ аст. Аз ҷониби Русия, Миср, Арабистони Саудӣ ва давлатҳои дигар ташкилоти террористӣ эълон шудааст.

Фаъолияти ҳаракати динӣ-экстремистии Ҷамоати ансоруллоҳ мисли ҳаракатҳои Ҳизби таҳрир, Лашкари Тайиба, Ҷамъияти таблиғ, Ҷабҳат-ун-нусра ва ғайра дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2012 бо қарори Суди Олии кишвар чун ташкилоти террористӣ манъ карда шудааст. Ҷамоати ансоруллоҳ бо ташкилоти Алқоида иртиботи бевосита дошта, роҳбарони он Мулло Абдуллоҳ, Мулло Амриддин ва ғайра дар куштори одамон гунаҳкор дониста шудаанд. Марказҳои идораи ин ташкилот номаълум буда, фаъолияти террористии онро давлатҳои хориҷӣ маблағгузорӣ мекунанд.

**Давлати исломии Ироқу Шом (ДИИШ)** (ё Давлати Исломӣ) – ташкилоти байналмилалии террористии сунниён буда, аз соли 2013 дар марзҳои Сурия ва Ироқ фаъолият мекунад. Аз моҳи июни соли 2014 худро чун хилофати Давлати Исломӣ эълон кардааст. Асоси ин ташкилоти террористиро Давлати исломии Ироқ ташкил медиҳад, ки дар соли 2006 дар натиҷаи бо ҳам пайвастани ёздаҳ гурӯҳи

бо Алқоида иртиботдошта ба вуҷуд омада буд. Мақсади Давлати исломии Ироқу Шом бунёди давлати исломӣ дар марзҳои собиқ Хилофати усмонӣ ва дар тамоми давлатҳои исломӣ аст.

Ҷангиёни ДИИШ дар Афғонистон, Покистон, Либия, Миср, Яман, Нигерия, Филиппин ва дигарҳо амалиёти ҷангӣ иҷро мекунанд. Аз ҷониби аксарияти кишварҳо, аз ҷумла бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 2015 ҳамчун ташкилоти террористӣ шинохта шудааст.

**Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ** – ташкилоти ғайриқонунии ҳарбишудаи уйғурҳои Хитой буда, дар соли 1993 таъсис ёфтааст. Бо ҳаракати Толибон ва Алқоида иртиботи бевосита дорад. Зиёда аз дусад амалҳои террористиро бо куштори мардуми зиёд ба анҷом расонидааст. Аз ин рӯ аз ҷониби СММ, Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Қазоқистон, Қирғизистон, Афғонистон, ҳамчунин бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми марти соли 2006 ташкилоти террористӣ эълон шудааст.

Бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми марти соли 2006 ҳамчунин ташкилоти Тоҷикистони озод низ ҳаракати террористӣ шинохта шудааст. Ин ташкилот тоҷикон ва ӯзбеконеро, ки бар асари юриши Маҳмуд Худойбердиев аз марзи Тоҷикистон ба Ӯзбекистон фироркардаанд, муттаҳид карда, мунтазам бар зидди Тоҷикистон ва мардуми он амалҳои харобкорона ва душманона ташкил мекунад.

**Ҷамоати Таблиғ.** Ташкилот ё ҳаракати динии дигаре, ки дар ҷомеаҳои мусалмонӣ, махсусан дар кишварҳои Осиёи Марказӣ тайи солҳои охир хеле фаъол шудааст, Ҷамоати Таблиғ мебошад. Пайравони ин ҳаракат худро аз фаъолияти сиёсӣ канора гирифта, ҳадафашонро аз таблиғи исломи бунёдӣ, фундаменталӣ иборат медонанд. Маркази ин ҷамоат дар шаҳри Деҳлӣ қарор гирифтааст. Муассис ва бунёдгузори он Муҳаммад Илёси Кондеҳлавӣ (1886-1946) мебошад.

**Ҳаракати исломии Ӯзбекистон.** Ташкилоти дигаре, ки дар Осиёи Миёна баъд аз солҳои 90-уми қарни гузашта фаъолияти сиёсӣ мебарад, Ҳаракати исломии Ӯзбекистон мебошад. Ин ташкилоти исломӣ соли 1996 аз тарафи аъзоёни ҳизбҳои манъшудаи собиқи Ӯзбекистон, аз қабили Ҷамъияти адолат, Ҳизби исломии Туркистон, Лашкари ислом ва ғайраҳо таъсис ёфтааст.

Дар бисёр кишварҳо Ҳизби исломии Ӯзбекистон ҳамчун ташкилоти террористӣ шинохта шудааст. Дар худи Ӯзбекистон пайравон ва ҳаводорони ин ҳизб пайгирӣ ва бозҷӯии ҷиддӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ ҳамаи онҳо дар хориҷа буда, маркази идориашон то шурӯи амалиёти зиддитеррористӣ дар шаҳри Қандаҳори Афғонистон қарор дошт.

Дар Тоҷикистон ҳизбу ҳаракатҳои **Ваҳҳобия, Равияи Салафия, Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон, Ҷамоати Таблиғ, Ҳизби таҳрир, Ансоруллоҳ, Ҳизбуллоҳ, Ҳаракати исломии Туркистон, Тоҷикистони озод, Давлати исломии Ироқу Шом (ДИИШ), Ихвон-ул-муслимин (бародарони мусалмон) ва ҳизби Ҷундуллоҳ,** бинобар сабаби хатарнок ва хилофи мазҳаби ҳанафӣ буданашон, бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳизбу ҳаракатҳои экстремистиву ифротӣ фаъолияти онҳо манъ карда шудааст.

## Савол ва супориш

1. Пайравони ислом имрӯз дар кадом кишварҳо зиндагӣ мекунанд ва таносуби аҳолии онҳо чӣ гуна аст?
2. Дар бораи захираҳои табиӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ, сатҳи тараққиёти иқтисодию технологии кишварҳои исломӣ маълумот диҳед.
3. Кадом созмонҳои байналмилалӣ, ҳаракатҳо ва фирқаҳои навбаромади исломиро медонед?
4. Дар ҳудуди Тоҷикистон фаъолияти кадом ҳизбу ҳаракатҳо ва фирқаҳои навзуҳури исломӣ бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст?

## §29. ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ ДИНҲОИ ҒАЙРИСУННАТӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Муҳимтарин рӯйдоди таърихии давраи навтаринро дар соҳаи маънавият ва ҷойгоҳи дин дар ҷомеа пайдоиши падидаи нисбатан нави динҳои ғайрисуннатӣ ташкил мекунад.

**Динҳои ғайрисуннатӣ.** Аз нимаи дуюми асри XIX то имрӯз дар ҷаҳон чандин дини ба истилоҳ ғайрисуннатӣ ё ҳаракатҳои нави динӣ ба вуҷуд омаданд. Ин динҳоро барои он ғайрисуннатӣ меноманд, ки дар гузашта ҳамчун дини алоҳида вуҷуд надоштанд.

**Хусусиёт ва навъҳои динҳои ғайрисуннатӣ.** Мо дар бобҳои гузашта доир ба пайдоиши равияву фирқаҳо, ҷараёнҳо ва наҳзатҳо маълумот додем, вале бо вуҷуди ин ҳеҷ яке аз онҳо иддаои дини нав буданро накардаанд ва аксари таълимоти асосии он динеро, ки дар заминаи он ба вуҷуд омадаанд, қабул доранд. Аммо динҳои ғайрисуннатӣ, ҳарчанд дар заминаи динҳои суннатӣ ба вуҷуд омадаанд, даъвои дини нав будан, даъвои нубувват ва дарёфти ваҳйро доранд.

Пайдоиши динҳои ғайрисуннатӣ далолат бар он мекунанд, ки ҳанӯз майли ҳақиқатҷӯйӣ ва худоҷӯйии инсоният хотима наёфтааст, пешрафти илмию технологии асри XX ва ибтидои асри XXI то ҳанӯз натавонистааст, ки ниёзҳои равонию маънавии инсониятро қонеъ созад.

Динҳои ғайрисуннатиро мо шартан ба чаҳор гурӯҳ тақсим кардем:

1. Динҳои нави заминаи исломӣ дошта, чун дини баҳоия; 2. Динҳои нави заминаи шарқӣ дошта, чун: Ҷамъияти Шуури Кришна, Маркази дзен-буддизми уқёнуси оромӣ, Рисолати Нури Илоҳии Махарай Джи ва ғайра. Ин динҳо омехтае аз динҳои ҳиндуия, буддоия ва ислом мебошанд; 3. Динҳо ва мазҳабҳои навмасеҳӣ – Маҷмааи калисои Фарзандони Худо ва Калисои тани Масеҳо мебошанд. Таълимоти ин

мазҳабҳоро омехтае аз унсурҳои насронӣ ва динҳои шарқӣ ташкил мекунад; 4. Равияю мазҳабҳои дар замини илм ба вуҷуд омада чун Калисои саентологӣ, «динҳои кайҳонӣ», аз қабили Ҷамъияти Аэтариус, ки бар пояи эътиқод ба робитаи Замин бо қувваҳои олии кайҳонӣ ва ақли кайҳонӣ асос ёфтаанд.

Ҳоло аз байни динҳои ғайрисуннатӣ мо дар ҳаҷми китоби дарсӣ имкон дорем, танҳо дар бораи чанд дини маъруф маълумот бидиҳем.

**Дини баҳоия (баҳоизм).** Баҳоия яке аз ҷунбишҳои мазҳабии нимаи дуюми асри XIX дар Эрон аст, ки баъдан худро дини нав эълон кард. Ин дин низ дар заминаи фарҳанги эронӣ ба вуҷуд омада, даъвои дини ҷаҳониро дорад. Асосгузори ин дин **Мирзо Ҳусайн Алӣ Баҳоуллоҳ (1817-1892)** ба шумор рафта, дар ибтидо яке аз пайравону муридони **Мирзо Алӣ Муҳаммади Шерозӣ (1820-1850),** бо тахалус ё лақаби Боб буд. Мирзо Алӣ Муҳаммад дар 25-солагӣ худро имоми Маҳдӣ эълон кард. Мирзо Алӣ Муҳаммад худро ноиб ва муқаддимае барои зуҳури Маҳдӣ (яке аз боварҳои аҳли шиа –зуҳури Маҳдӣ дар охирзамон аст) эълон кард ва ба **«Боб» (арабӣ – дарвоза)** маъруф шуд ва мазҳаби вай ба номи «бобӣ» шинохта шуд. **Боб китобе навишт бо номи «Баён» ва онро ба ҷои Қуръон ва шариати ислом муарифӣ кард ва изҳор дошт, ки баъд аз китоби ӯ ин китобҳо бекор (мансух) шудаанд.** Ӯро бо фатво ва фишори рӯҳонияти шиа соли 1892 баъд аз муддате зиндонӣ ва ба дор овехтанд.

Пас аз кушта шудани Боб ду нафар аз шогирдони ӯро бо номи **Субҳи Азал ва Мирзо Ҳусайн Алӣ (Баҳоуллоҳ)** аз Эрон хориҷ карданд. Субҳи Азал ҳамон тариқаи Бобро идома дод ва пайравони вай «Бобия» ном гирифтанд. **Аммо Мирзо Ҳусайн Алӣ эълом дошт, ки Худо дар ӯ ҳулул кардааст ва китобе нигошт бо номи «Китоби Акдас» ва онро «Ваҳйи илоҳӣ» эълон кард.** Ҳамчунин **Баҳоуллоҳ** изҳор дошт: дине, ки вай ба итоати он даъват мекунад, ислом нест, балки дини навест, ғайр аз ислом.

**Асоси таълимоти баҳоияро** таркибе аз таълимоти ислом, насрония ва баъзе ақоиди зардуштия ташкил мекунад. Баҳоуллоҳ дар илоҳиёт чун ислом тавҳидист, вале худро баҳо – таҷаллии Худо, ё ки зуҳури Худоро, монанди Исои Масеҳ дар симои худаш эълом медорад.

**Мафҳуми охират ва растохез** ва ба ҳамин вобаста зуҳур ва бозгашти Исои Масеҳ низ назди Баҳоуллоҳ маънии дигар дорад. Баҳоиён абадияти рӯҳро эътироф намуда, эҳё ва растохез дар ҷаннатро, ба маънии эҳёи рӯҳонӣ медонад. Ба ибораи дигар, ҷаннат ҳамчун дарёфти наздикӣ бо Худованд ва дӯзах – ҳамчун дур шудан аз ӯ фаҳмида мешавад. Тибқи таълимоти баҳоия қиёмат ҳеҷ умумияте бо зинда шудани тани табиӣ надорад.

Дини баҳоия ваҳдати инсоният ва ваҳдати асли ғоявии динҳоро эътироф ва баробарии марду зан дар ҳама умурро тарғиб менамояд. Дар масъалаи таносуби илму дин тарғибгарони он чунин мегӯянд: дин бояд мутобиқи ақл ва илм бошад.

Дар баҳоия дастгоҳи рӯҳоният барҳам дода шудааст, аз ин рӯ вазифаи ҳар диндор интишори оини он мебошад. Хондани намоз дар аввали субҳ ва бегоҳ барои ҳар баҳоӣ ҳатмӣ аст, вале ба ғайр аз намози ҷаноза, ки инфиродӣ аст. Ҳамчунин доштани рӯза аз 2-юми март то 21-уми март –19 рӯз (тақвими баҳоия аз 19 моҳи 19-рӯзӣ иборат аст) барои онҳо фарз шудааст. Ҷашни Наврӯзро иди рӯза низ мегӯянд.

Ин дин зиёда аз 120 000 ҷамъият дар 177 кишвари ҷаҳон дорад. Каъбаи баҳоиён бо номи «Хонаи ҷаҳонии адл» (дар шаҳри Хайфаи Исроил) мебошад.

Ҳоло дар ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ҷамъиятҳои баҳоия расман фаъолият мекунанд. Дар Тоҷикистон низ зиёда аз 2000 нафар аз ин дин пайравӣ мекунанд.

**Ҷамъияти байналмилалии шуури кришна (iskcon).** Асосгузори Ҷамъияти байналмилалии Шуури Кришна (Ҳаре Кришна) Шри Шримад Абхай Чаран Де (1896-1977) мебошад, ки номи ифтихории Свама Прабхупадаро дорад.

Ӯ дар соли 1896 дар шаҳри Калкуттаи Ҳиндустон ба дунё омадааст. Ин ҷамъият заминаи ҳиндӣ дошта, дар Амрико ба вуҷуд омадааст.

Соли 1965 Прабхупада бо киштии борӣ ба Ню-Йорк меравад. Ҳангоми вуруд ба ин шаҳр ӯ ҳеҷ сармояе барои зиндагӣ надошт ва пас аз як соли мушкилӣ моҳи июли соли 1966 Ҷамъияти байналмилалии Шуури Кришнаро таъсис дод. Ин Ҷамъият, ки ӯ поя гузошту раҳбарӣ кард, ҳангоми **маргаш – 14 Ноябри соли 1977** чун конфедерацияи ҷаҳонӣ эътироф шуда буд.

Таълимоти ин мазҳаб дар заминаи таълимоти ҳиндуия ташаккул ёфтааст. Китоби «Бҳагава-гита» қисме аз «Маҳабхарата» буда, таълимоти кришнаитҳо бар асоси тафсири он аст. Ҷамъияти Кришна вуҷуди Худои ягонаро эътироф дорад. Ҳақиқати олӣ – Худои ягонаи мутаол Шри Кришна се ном дорад: Кришна, Браҳман ва Параматма.

Ба бовари онҳо мавҷудот дар муносибат ба Худои таоло ҳолати пайвандро доранд ва ҳеҷ амале бе огаҳӣ ва назорати вай ба вуқӯъ намепайвандад.

Мувофиқи суннатҳои ведоӣ пайравони Кришна ба таносух эътиқод доранд, тибқи он **рӯҳ метавонад 8 400000 қолаби нави ҳаёт иваз кунад,** яъне пас аз марги ҳар қолаби пешина ба худ мувофиқи карма қолаби нав гирад ё ба қолаби нав интиқол ёбад. Ин таносух мувофиқи қонуни карма метавонад беохир бошад. Вале рӯҳ метавонад ба асли аввалаи худ Кришна бипайвандад.

Ибодат ва шариати кришнапарастон, ки асоси онро ***бхакта-йога*** ташкил мекунад, аҳамияти зиёд ба **медитатсия ва зикр (мантр** – поксозии ақл) аз тариқи хондани номҳои муқаддаси Худо **«Ҳаре Кришна, Кришна Ҳаре, Ҳаре, Ҳаре Рама, Рама Ҳаре, Ҳаре Рама Рама, Рама Ҳаре, Ҳаре»** медиҳанд. Ин дуоро пайравони Кришна дар тули рӯз бояд 1728 бор зикр кунанд. Тарҷумаи он чунин аст: «Эй Худои ҳамаҷаззоб ва эй Худои ҳамашодгар, эй нерӯи Илоҳӣ бигузор содиқона ба Ту адои хизмат кунам».

Маркази мазҳабию фарҳангии пайравони Кришна маъбад-ибодатгоҳи онҳост. Пайравони Ҷамъияти байналмилалии Шуури Кришна дар солҳои баъд аз суқути давлати Шӯравӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, алалхусус дар Қазоқистон ва Қирғизистон зиёд шудаанд.

**Калисои иттиҳоди сан мян мун.** Ҷамъияти рӯҳи муқаддас оид ба иттиҳоди насрониёни ҷаҳон соли 1954 дар Куриё (Корея) аз тарафи Сан Мян Мун (таваллудаш 6.01.1920) ташкил шудааст. Мувофиқи иддаои Сан Мян Мун ӯ дар 16-солагӣ ваҳй дарёфта, ки хабар медиҳад, Исои Масеҳ рисолати наҷотбахши худро натавонистааст иҷро кунад ва ин рисолат ба дигар кас, яъне ба ӯ – Сан Мян Мун ҳавола шудааст. Сан Мян Мун даъвии нубувват дорад, худро арзандатарин инсон ва динашро муоситртарин медонад. Сухани ӯст: **"Ман пешопеши ҳамаи оламам. Ман фикр мекунам, ки аз ҳама муваффақтарин мубаллиғон ва муқаддасони фиристодаи Худоям"**. Сан Мян Мун муддаӣ аст, ки бо Яҳёи таъмидгар ва Исои Масеҳ мулоқот карда ва таъкид низ мекунад, ки ӯ аз онҳо ҳеҷ камӣ надорад.

Муҳтавои таълимоти Калисои Иттиҳодро омехтае аз таълимоти ба ном насронӣ, унсурҳое аз зуҳд (мистика), фалсафа ва унсурҳои суннатии динҳои шарқӣ дорад. Пайравони Мун ақида доранд, ки Инҷил (Библия) асли ҳақиқат нест.

Тафсири Мун аз чигунагии нахуст гуноҳ нисбати назарияи динҳои сомӣ фарқ мекунад. Мувофиқи ақидаи ӯ Одам ва Ҳаво мебоистанд аз тариқи насли худ ҳукмронӣ ё Ҳукумати Илоҳиро дар рӯйи замин барқарор кунанд. Вале Ҳаво ба фиреби Шайтон дода шуда, бо вай даромехт, яъне зино кард, ки аз он Қобил ба дунё омад. Пас аз он бо Одам ҷуфт ва Ҳобилро таваллуд кард. Дар натиҷа Одаму Ҳаво ҷисману рӯҳан гунаҳгор шуданд ва нақшаву барномаи Худо вайрон шуд.

Мун Худо будани Исои Масеҳро инкор мекунад, ӯро инсоне мешуморад, ки омодааст, то зан бигирад ва фарзанд

ба дунё биёрад, вале пеш аз анҷоми ин кор кушта шуд. Мун зарурати зуҳури “Одами сеюм”-ро барои иҷрои барномаи Илоҳӣ наҷоти ҷисмонии инсон, аз тариқи издивоҷ ва эҷоди нажоди инсонҳои бегуноҳ тарғиб мекунад. Зимнан Мун амалан худро он “Инсони Сеюм” мешуморад.

Ин аст, ки тибқи ақидаи Мун таърихи инсоният аз се марҳала ташаккул ёфтааст. Марҳалаи “асри Аҳди Қадим”, “асри Аҳди Ҷадид” ва “асри Аҳди Хотима”.

Калисои Иттиҳод дар тамоми олам чун як “оила” амал мекунад. Мақсади асосии аъзоёни калисо дарёфти “таваллуди нав” ва иштироки бунёди Ҳукумати Илоҳӣ мебошад.

Мун бо мақсади бунёди одамони бегуноҳ “маросими издивоҷ”-ро кор кардааст.

Ҳамчунин онҳо “Қонуни ҷуброн”-ро тарғиб мекунанд, ки мувофиқи он муъминон пеш аз он, ки Худо онҳоро бахшад, ақаллан қисмате аз қарзи гуноҳи худро бояд бипардозанд. Наҷотро аз тариқи рӯзадорӣ, ҷамъоварии маблағ барои калисо, ҷалби аъзои нав ба калисо ва дигар корҳо метавонанд касб кунанд.

**Дини саентология (дониши дониш).** Калисои дониши дониш **(саентология) соли 1954** дар ИМА арзи вуҷуд кардааст. Калимаи саентология (аз калимаи лотинии ***scio*** – дониш ва калимаи юнонӣ ***logos*** – таълимот таркиб ёфта), дар тарҷумаи таҳтуллафз *“дониш дар бораи он, ки чи* гуна донӣ” аст. Асосгузори ин дин файласуф ва нависандаи амрикоӣ Лафайет Рон Ҳаббард (1911-1986) мебошад, ки бисёриҳо ӯро бо осори оммавии адабиаш мешиносанд.

Саентология чунин мешуморад, ки инсон чизе бештар аз ақлу ҷисм аст. Вай худ рӯҳ аст, ки метавонад ҳам ақлу ҳам ҷисмро назорат кунад. Рӯҳ аз назари Ҳаббард – сарчашмаи ҳама хубиҳо, асли ростӣ ва эҷодииолам аст.

Дар саентология мафҳуми Худо ҳамчун Вуҷуди Олӣ, Холиқи ҷаҳон мавҷудият дорад. Мафҳуми Худо дар ин дин ба дараҷаи олии бақои ҳастии олам аст. Чунонки Л.Рон

Ҳаббард дар "Илми бақо" навиштааст: "Ҳар як тамаддун дар таърихи ҷаҳон, ба истисноти тамаддунҳои комилан фосид ва пӯсида, ҳастии Вуҷуди Олӣ (Худо)-ро эътироф кардаанд. Дар таҷриба исбот шудааст, ки одамон бидуни эътиқоди мустаҳкам ҳам барои худ ва ҳам барои ҷомиа бар вуҷуди Олитарин Вуҷуд – Худо камқобилият, каммаънавият ва камарзиш ба бор меоянд." Саентологҳо эътиқод доранд, ки ҳар инсон дар натиҷаи гузаштан аз ҳашт зинаи худсозӣ (динамика) худаш ба фаҳмиши беохир ва Худо мерасад.

Аввалин ва асоситарин сарчашмаи дониши дониш китоби **"Дианетика"-**и Ҳаббард мебошад, ки соли 1950 ба табъ расидааст.

Асоси таълимоти саентологияро омехтае аз ғояҳои буддизм ва кашфиёти наздик ба равон пизишкии Ҳаббард ташкил мекунад. Л. Рон Ҳаббард ба таносухи арвоҳ эътиқод дорад.

Мувофиқи маълумоти саентологҳо зиёда аз 3 ҳазор калисо, марказҳои таблиғӣ (миссияҳо) ва ташкилотҳои фаръии он дар 107 кишвари ҷаҳон ва зиёда аз сӣ забон пайравӣ аз ин дин карда ва машғули паҳн кардани он мебошанд. Дар баъзе ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ калисоҳои ин дин амал мекунанд, вале дар Тоҷикистон ҳанӯз пайравони ин дин нестанд ё ҳадиақал ба қайд гирифта нашудаанд.

Дар мисоли ҳамин чаҳор дину калисои нав ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки аксари ин динҳо дар заминаи ин ё он дини суннатӣ рӯидаанд ва аксар хусусияти омехта (эклектикӣ) ва даъвии ҷаҳонӣ шуданро доранд. Омили пайдоиши чунин динҳо аз як сӯ ин қирози маънавию ахлоқӣ ва иҷтимоии ҷомеа бошад, аз тарафи дигар, ба сатҳи шуур, ниёзҳои имрӯзаи қисмате аз афроди ҷомеа ҷавобгӯ набудани динҳои суннатӣ аст.

Савол ва супориш

1. Заминаҳои пайдоиши динҳои ғайрисуннатӣ ва моҳияти онҳоро шарҳ диҳед.
2. Кадом динҳои навбаромад ва ғайрисуннатиро медонед?

## §30. ДИН ВА МУНОСИБАТҲОИ ДИНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**Хонандаи гиромӣ!** Ҳоло бо саъю кӯшиш хондану омӯхтани ин китобро ба поён расондӣ, ки ин зафар муборакат бод! Ин имконияти нодир ба шарофати татбиқи сиёсати дурусту илмии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, алахусус Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фанни «Таърихи дин»-ро ба қатори фанҳои таълимӣ ворид кардааст, муяссар гардид. Кишвари мо батадриҷ ба сӯйи сохтмони ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ қадам мегузорад, то ҷавононро барои раҳёбӣ дар шароитҳои печидаю мураккаби ҷомеаи имрӯза омода созад. Муносибат бо дин, шинохти моҳият ва вазифаҳои иҷтимоии он дар ҷомеа яке аз чунин соҳаҳои мушкили зиндагӣ мебошад.

Пеш аз ҳама бояд бидонӣ, ки дар Модаи 1 Конститутсияи кишвар омадааст: **«Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад».** Яъне дар кишвари соҳибистиқлоли мо ҳокимият бар асоси ҳокимияти халқ ва қонун, на ҳокимияти ҳизбе ё шахсе ё гурӯҳе бунёд шудааст. Ҳамчунин муҳим он аст, ки ҳеҷ ташкилоти диние дар он дахолат надорад. Чун ки дар модаи 8-и Конститутсия омадааст: **«...Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад...**

**Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд».** Ҷудо будани ташкилотҳои динӣ аз давлатро набояд душманони мо ба маънии бединатеистӣ будани давлат маънидод кунанд.

Дар ин маврид Президенти кишвар мефармояд: **«Вақте мо дар бораи ҷудо кардани давлат аз ташкилотҳои динӣ сухан меронем, дар амал пиёда кардани принсипи муҳими демократӣ, озодии виҷдон, озодии гуногунандешии идеологӣ, маънавӣ ва сиёсиро дар назар дорем. Ҳамаи ин дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, ҳуҷҷатҳои Созмони амнияту**

**ҳамкории Аврупо ифода ёфтаанд, ки Тоҷикистон низ онҳоро имзо кардааст. Ба истилоҳи дигар, давлат ва ҳукумат набояд идеология ё дини алоҳидаро ба сари ҳокимият биёрад. Дар акси ин ҳол ҳокимияти мутлақ, яъне ҳокимияти тоталитарӣ ва теократӣ ба миён меояд, ки ба озодии андеша, сухан ва виҷдон имкон намедиҳад».**

Принсипҳои асосии озодии виҷдонро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» муайян кардааст. Дар мавриди бедин ё атеистӣ набудани сиёсати динии давлати мо преамбулаи ин Қонун гувоҳӣ медиҳад, дар он омадааст: **«Бо эътироф ва тасдиқи ҳуқуқи ҳар як кас ба озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин, инчунин баробарии ҳама дар назди қонун, новобаста аз муносибат ба дин ва эътиқод, дар асоси он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати дунявӣ аст, бо арзи эҳтиром ва таҳаммул ба тамоми дину мазҳаб, бо эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон, қонуни мазкур қабул карда мешавад».**

Бо дин зиддият надоштани ин сиёсат аз он бармеояд, ки дар ин матн «эҳтиром ва таҳаммул ба тамоми дину мазҳабҳо» изҳор шуда ва махсусан ба **«эътирофи нақши махсуси мазҳаби ҳанафии дини ислом дар инкишофи фарҳанги миллӣ ва ҳаёти маънавии халқи Тоҷикистон»** таъкид гардидааст, ки яке аз нишонаҳои модели миллии дунявият дар Тоҷикистон аст.

Инсоният асрҳо орзу мекард, ки дар интихоби дин, диндор будан ё набудан озод бошад, чунки таърихан дар бисёр кишварҳо чунин озодӣ набуд.

Ҳоло озодии виҷдон ба таври хеле умумӣ маънои эътирофи ҳуқуқи инсон-шаҳрванд дар интихоби мустақили эътиқод кардан ба ин ё он дин ва имкони иҷрои маросимҳои он бидуни зарар расонидан ба шахси дигар ё умуман ба ҷамъиятро дорад.

Дар модаи 18-и «Эъломияи умумии ҳуқуқи башар» омадааст: «Ҳар инсон ба озодии фикр, виҷдон ва дин ҳақ дорад. Ҳамчунин ин ҳуқуқ озодии тағйири дин ё эътиқод,

ба таври алоҳида ва ё якҷоя бо дигарон пайравӣ кардан аз дини худ, омӯзиши расмӣ (умумӣ) ва ё хусусӣ, худопарастӣ ва иҷрои маросимҳои мазҳабию хосро дар бар мегирад».

**Озодии виҷдон бебаҳс яке аз ормонҳо ва дастовардҳои хеле арзандаи инсоният ва аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ аст.**

Сабабу иллати ин ҳама фоҷиаҳои хунин дар олами ислом он аст, ки кувваҳои сиёсӣ динро ба сиёсат мекашанд. Онро ба корҳое, ки вазифааш нест, ворид сохтан мехоҳанд. Дин ниҳоди сиёсӣ нест. **Вазифаи асосии дин, чунон ки аз шиносоӣ бо таълимоти онҳо бармеояд, пайванд додани инсонҳо бо идеали олӣ – Худо ва барқарорсозии муносибати бандагон ва Парвардигор, шиносондан бо ибодат, тазкияю поксозии нафс, тарбияи маънавию ахлоқии инсонҳо мебошад, на сиёсату ҳокимиятронии гурӯҳе аз номи дин** алайҳи инсонҳо.

Хушбахтона, дар кишвари мо яке аз принсипҳои муносибати идеалӣ бо ниҳодҳои динӣ ҳамин принсипи озодии виҷдон интихоб шудааст, ки тибқи он эътиқоди динӣ вобаста ба интихоби озодонаи виҷдони ҳар як инсон аст.

Ҳарчанд усулан дунявият дар таърихи навини Аврупо ба вуҷуд омадааст, вале иқдомҳои амалӣ ва назарии аввалро дар таърихи кишвардории Шарқ метавон пайдо кард. Яке аз аввалин ахбори маъруф дар ин мавзӯъ ба таърихи сиёсии сулолаи Ҳахоманишҳо тааллуқ дорад.

Асосгузори ин сулола Куруши Кабир (асри VI пеш аз милод), ки нисбат ба дину оини халқҳои зери салтанати худ бо эҳтирому ғамхорӣ муносибат мекард, мебошад. Дар қаламрави императории ӯ ҳама ҷо озодии ақида ҳукмрон ва ҳама динҳо аз ҳимояи давлат бархӯрдор будаанд.

Намунаи дигар вазъияти динҳо дар Осиёи Марказӣ пеш аз истилои араб мисол шуда метавонад. Баръакси Эрони ҷанубу ғарбӣ, дар Осиёи Марказӣ, сарзамини аҷдодии тоҷикон намояндагони динҳои гуногун: зардуштия, насрония, буддоия, яҳудия, монавия, маздакия ва ғайра озодона амал мекарданд. Бояд гуфт, ки ин суннати таҳаммулгароӣ пас аз ислом низ дар ин сарзамин идома дошт. Дар аҳди Сомониён

низ мувофиқи ахбори сарчашмаҳо, пайравони динҳои гуногун, аз ҷумла зардуштиён, монавиён, насрониён ва ҳатто яҳудиён то асри X-XI, то замоне ки сулолаҳои турку муғул ба сари ҳокимият омаданд, озодона дар канори якдигар кору зиндагӣ мекарданд.

Гузашта аз ин мо мардуми тоҷик дар тӯли садсолаҳо бо вуҷуди ба ду мазҳаб: суннии ҳанафӣ ва шиии исмоилия тааллуқ доштан, бе ягон зиддият, низову ҷангу хунрезӣ зиндагӣ карда ва ибодатҳои диниро ба ҷо меорем. Оё ин беҳтарин ва арзандатарин намунаи ҳамзистӣ, бидуни мудохилаи дину эътиқоди динӣ ба умури сиёсӣ нест?

Ҳангоме ки сухан аз муносибати динҳо ба озодии виҷдон меравад, дар марҳилаи аввал, чунин фикр пеши назар меояд, ки ҳеҷ дине наметавонад, ки инро қабул дошта бошад. Вале омӯзиши сарчашмаҳои динӣ, алалхусус китобҳои муқаддас ба чунин гуфта асос шуда метавонад. Зеро аксари динҳои тавҳидӣ озод халқ шудани инсон ва озодии вайро дар касби роҳу равиши худ эътироф кардаанд ва сониян, даъвати ҳамаи динҳо, дар ибтидо барои қабули таълимоташон ихтиёрӣ дар асоси боварию имони қалбӣ на иҷборию зӯрӣ будааст.

Ҳамчунин, усули асосии озодии виҷдон бо таълимот ва нишондодҳои асосии ислом, дар Қуръон мухолифат намекунад. Дар оёти Қуръон фармоишҳои хеле возеҳу равшан оид ба озодии ақидаю виҷдон ва мадорову таҳаммул нисбат ба динҳои дигарро пайдо мекунем. Аз ҷумла омадааст: **«Дар дин маҷбурият нест, ҳамоно роҳи рост\ роҳи саодат\ аз залолат\ гумроҳӣ\ боз шинохта шудааст»**. Яъне дар кори қабули дин аз рӯи кароҳат (ки ба маънии бар хилофи хосту хоҳиш аст) рафтор кардан раво нест, ҳар роҳи рост худ дар охир шинохта хоҳад шуд. Дар Қуръон ин маънӣ боз ҳам равшантар зимни хитобе ба Пайғамбар чунин омадааст: **«Агар парвардигорат бихоҳад, ҳамагӣ мардуми рӯи Замин имон меоварданд. Оё ту барои он, ки мардум имон биоваранд, мехоҳӣ бар хилофи хосташон маҷбур кунӣ.»** Ё ҳамчунин фармудааст: **«Бигӯ, ин ҳақ(қ) аз парвардигори шумост, ҳар ки хоҳад имон биоварад ва ҳар, ки хоҳад мункир шавад,**

**яъне бовар накунад – куфр варзад.\”**

Агар дар Қуръон ба ин маънӣ як ё ду оят мешуд, метавон гуфт, ки он тасодуфӣ ё ягон мазмуни зимнии дигар дорад, вале хушбахтона маънии маҷбурӣ набудани дину диёнат дар Қуръон ва ҳадисҳо ба такрор дар робитаҳои гуногун омадааст.

Дар тамоми давраи хилофати исломӣ пайравони динҳои дигар, алалхусус насрониёну яҳудиён, дар кишварҳои исломӣ, ба шарти риояи муқаррароти қонун, озод зиндагӣ мекардаанд ва аз пуштибонии давлат бархӯрдор буданд.

Бо вуҷуди ин ки дар давраҳои алоҳида вайрон кардани қонун ва усули озодии ақида низ рух медод ва дар муқоиса бо фаҳмиши имрӯзаи озодии виҷдон, дар муносибати ҳуқуқӣ бо ақаллиятҳои мазҳабӣ маҳдудиятҳои зиёде низ ба вуҷуд омада буд. Аммо ба ҳар сурат, қадамҳои аввалин ва нукоти муҳимми озодии ақида ва виҷдон дар доираи афкори сиёсии исломӣ низ гузошта шудаанд.

Гузашта аз ин мутафаккирони пешини мо низ ба навъе ошкоро зарурати аз диёнат вобаста набудани ҳукму қазовати ҳокимро таъйиду таблиғ кардаанд. Аз ҷумла Аҳмади Дониш, яке аз алломаҳои охири асри XIX-и тоҷик дар ибтидои «Рисолаи сиёсӣ» масъулиятнок будани кори ҳукмронӣ ва ҳукумат ва риояи адолатро таъкид карда, мефармояд:

*«(Подшоҳ) ҳеҷ ҳукме ҷуз ба адолат нафармояд, ки салтанат ба куфр муҷомаат дорад, аммо бо зулм не, (ки) султон ҳамчу богбон аст дар мулки ҷаҳон. Ҷаҳондори Таоло боғи ҷаҳон (яъне кишвар)-ро ба касе медиҳад, ки ҷаҳонро обод дорад. Ва куфру имон дар он шарт нест, балки шарт он бувад, ки богбон марде донишманд бувад, то маслиҳати ободии боғро бидонад ва...»* Аҳмади Дониш инҷо умури сиёсиро аз умури мазҳабӣ ҷудо ва афзалтар ва адолатро гарави асосии бақои мулк ва ободии он мешуморад.

**Ин аст, ки заминаи дунявияти давлат ва собиқаи он дар худи олами исломи аҳли суннат ва ҷамоат гузошта шудааст ва он аз хориҷ наомадааст, танҳо ин замина бо вазъияти имрӯза бо он фарқ мекунад, ки чун дар гузашта дар соҳаи**

**идеологӣ ва қонунгузорӣ, ягона ниҳоди фаъол дин будааст, бо вуҷуди дунявӣ будани давлат аз дин дар умури идеологӣ, аз ҷумла ҷаҳонбинӣ ва қонунгузорӣ васеъ истифода мешудааст, ки ин худ як типи муайяни давлати дунявӣ аст, ки имрӯз низ вуҷуд дорад.**

Умуман, давлатҳо аз нигоҳи ҷойгоҳи дин дар онҳо ду навъанд: *давлатҳое, ки дар онҳо дин қонунан ҳамчун ниҳоди давлатӣ ба расмият шинохта шудааст ва давлатҳое, ки дар онҳо дин (калисо) ё иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо мебошанд* ва ба истилоҳ хусусияти дунявӣ доранд.

Дар навбати худ давлатҳои дунявӣ, ҳадиақал се тип ҳастанд: **типи якум, кишварҳое, ки бо вуҷуди эътирофи дини расмии давлатӣ,** асосан **қонунияти дунявӣ** дар он кишварҳо амал мекунад. Ба ин навъ кишварҳо Британияи Кабир, Италия, Испания, Полша ва ғайра дохиланд; **типи дувум, он кишварҳое мебошанд, ки дар онҳо бо вуҷуди аз давлат ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ, байни дину давлат ҳамкориву ҳамоҳангӣ,** алахусус дар умури тарбияи маънавию ахлоқӣ ва барангехтани рӯҳия миллӣ-ватанхоҳӣ ҳукмрон аст. Мактабҳо расман аз муассисоти динӣ ҷудоянд. Ин типи дунявият дар Фаронса, Олмон, ИМА, Русия, Туркия, Ҳиндустон амал мекунад. Дар ин кишварҳо дунявият ба маънии бединӣ ё атеистӣ будан нест ва сарварони ин кишварҳо низ диндории худ ва эҳтироми худро ба дини кишварашон пинҳон намекунанд; **типии севум – типи собиқ давлати Шӯравӣ мебошад,** ки дар кишвари мо то истиқлолият ҳамин навъ муносибат амал мекард. Агар мо вазъияти имрӯзаро бо он давра муқоиса кунем, аз замин то осмон фарқ дорад. Аз ҷумла дар он:

1. Дин ҳамчун муҳити муносибатҳои шахсию хусусӣ аз давлат ҷудо буд. Байни дин ва давлат, ки бар пояи идеологияи моҳиятан материалистию атеистӣ устувор буд, ҳеҷ гуна муносибати созандае вуҷуд надошт ва бо идеологияи динӣ, ҳамчун мухолифи дараҷаи аввали ҷаҳонбинӣ ва идеологияи коммунистӣ муборизаву зиддияти оштинопазир вуҷуд дошт;

2. Дар он воқеан дин комилан аз давлат ҷудо буда,

ҳукумат дар ҳеҷ умури давлатдорӣ бо дин ҳамкорӣ надошт ва танҳо ҳамчун боқимондаи даврони гузаштаи ба идеалҳои ҷомеаи коммунистӣ бегона ба шумор мерафт;

3. Барои аз байн бурдани дин давлат ниҳодҳои гуногуни идеологӣ, сиёсӣ: «Иттиҳоди атеистони ҷанговар», нашрияи «Бехудоён», «Илм ва дин», «Ҷамъияти дониш», «Хонаҳои атеизм», шуъбаҳои идеология ва таблиғоти Кумитаи ҳизби комунистӣ ва ғайра ташкил дода буд;

4. Дин ҳамчун боқимондаи даврони феодалӣ мебоист ба таври худноогоҳ ва ҳамчунин аз тариқи таблиғоти зиддидинии атеистӣ аз байн мерафт;

5. Калисо ва ташкилотҳои динӣ ба ҳеҷ умури давлатӣ ва кишвар, ҳатто дар тарбияи маънавию ахлоқии шаҳрвандон ҷалб карда намешуданд;

6. Ҳуқуқи юридикии фаъолиятҳои иқтисодӣ, соҳибият ва доштани моликиятро надоштанд;

7. Аз ҳуқуқи чопу интишори китобу нашрияҳои динӣ маҳрум буданд; ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои динӣ ҳуқуқи таблиғу ташвиқи диниро берун аз калисо надоштанд;

8. Ҳуқуқи бунёди масҷидҳои нав, мадрасаю донишкадаҳои динӣ, ҳатто доштани китобхона низ аз ташкилотҳои динӣ гирифта шуда буд ва ғайра;

Агар мо баъдисуқути давлаи Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолият дигаргуниҳои дар соҳаи муносибати дин бо давлат ба вуҷуд омадаро баршуморем, ниҳоят зиёданд. Мо метавонем танҳо сархати баъзеи онҳоро номбар кунем:

– озодии диндорӣ ва ибодат барои ҳама;

– озодии таълиму тарбияи динӣ;

– озодии муносибати динию сиёсӣ бо кишварҳои исломӣ;

– озодии омӯзиш ва бузургдошти бузургони дину мазҳаб;

– озодии зиёрати Хонаи Худо ва сол аз сол афзудани шумори зоирон;

– озодии баргузории маросимҳо ва идҳои динӣ ва таъйини рӯзи истироҳати расмӣ;

– озодии нашрияҳои динӣ;

– чопи озод ва интишори Қуръони карим ва тарҷумаи

он, осори динӣ;

– бунёди мадорис ва Донишкадаи исломӣ;

– эътирофи нақши ислом ҳамчун яке аз рукнҳои фарҳангу маънавияти миллӣ;

– дифоъи ислом аз минбарҳои баланди байналмилалӣ аз ҷониби Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Модели дунявият дар кишвари мо дорои хусусияти миллӣ мебошад ва он пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки раҳбарияти давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳамеша пайванди таърихию фарҳангии миллати моро бо ислом қабул доранд ва дар ҳама маврид дастгирӣ мекунанд.

**Дувумин принсипи дунявият**– *дахолат накардани пешвоёни дин ба корҳои давлат ва роҳ надодан ба тақсими мардум ба мусулмону ғайридин ва низоъ ангехтан махсус баён шудааст ва* таъкид мешавад, ки *«Эътиқод кори шахсии ҳар як инсон аст».* Вале ин маънои тамоман дар канор гузоштаи рӯҳоният аз умури иҷтимоиро надорад, чунки ҳамоно Президент рӯҳониятро «*ба ҳамкорӣ ҷиҳати дар партави қонун танзим намудaниумури динӣ ва ҳамкорию иштирок ба рушди ҷомеа аз тариқи рушди маънавии мардум даъват мекунад».*

**Ин севумин принсипи дунявияти типи миллии мо аст,** ки маънии ҳамкорӣ дар умури маънавию ҳифзи оромии ҷомеа ва рушди иҷтимоии онро дорад.

Президенти ҷумҳурӣ 8-уми сентябри соли 1996 дар маҷлиси ботантанаи бахшида ба Рӯзи истиқлолият чунин ибрози ақида намуд: *«Мо ба дини мубини ислом, чун ба як сарчашмаи покизаи маънавӣ, рӯҳонӣ ва ахлоқӣ эҳтиром мегузорем»* ва зимни баршуморидани нақши гузаштагони баруманди тоҷик дар ривоҷу густариши дини мубини ислом меафзояд: *«ислом рукни муҳими ҷаҳонбинӣ, маънавиёт ва ахлоқи ҷомеаи мост».*

Аз ҳама муҳим, дар сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **динситезию исломситезӣ ҷой надоранд, балки корбурди дин дар умури дастёбӣ ба ормонҳову ҳадафҳои давлат эътироф мешавад.**

Фарқи асосии сиёсати дунявияти кишвари мо аз кишварҳои дигар дар он аст, ки давлат ба чигунагии шуури динии шаҳрвандон бетараф нест. Ин аст ки Президенти ҷумҳурӣ 19-уми марти соли 1997 зимни мулоқот бо зиёиёни кишварамон чунин изҳор намуд: «**...дин ва аҳкоми динӣ бояд барои амалӣ шудани ормонҳои наҷиби миллӣ, тарбияи ахлоқию маънавии ҷомеа, инчунин донишу фазилати башардӯстонаи ҷавонон ба давлат мадад расонад. Ҳам давлат ва ҳам аҳкоми дин барои тезтар барҳам додани рӯҳияи ҷаҳолат, ҳаромхӯрӣ, авомфиребӣ, бадахлоқӣ дар ин марҳалаи ҳассос бояд мубориза баранд**».

Яке аз усули бунёдии ҷомеаи дунявӣ гуногунандешӣ аст.

*Эътирофи нақши бунёдии ислом, ҳамчун яке аз аслпояҳои фарҳанги миллии тоҷикон аз тариқи паиҳам баргузор намудани маъракаҳои таҷлили пешвоёни фарҳангу дин,чун таҷлили солгарди Имоми Аъзам –пешвои мазҳаби ҳанафия ва уламои маъруфи миллат ва ислом чун: Абӯҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Ҳаким Носири Хусрав, Мавлонои Ҷалолуддини Балхӣ ва дигарон мисоли шуда метавонад.*

Таълиму таҳсилоти динӣ дар кишвари мо комилан ихтиёрӣ буда, ҷузъи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва дар маҷмӯъ озодии эътиқоду виҷдонро ташкил мекунад. Ҳарчанд ки тибқи қонун мактабу мадрасаҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, мустақилона фаъолият мекунанд, **вале давлат иброз медорад, ки «нисбат ба тақдири ҳазорон нафар ҷавонони наврасе, ки дар Донишкадаи исломӣ ва беш аз бист мадрасаҳои миёна таҳсил мекунанд, бетараф буда наметавонем».**

Ин яке аз муҳимтарин хусусияти дунявият дар кишвари мо – бетараф набудани давлат ба тақдири маорифи динӣ ва чигунагии шуури динӣ аст. Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳатто таъмини эҳтиёҷоти Донишкадаи исломиро ба уҳдаи худ гирифтааст. Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти ҷумҳуриро бунёд намуда, ба чигунагии таълими динӣ гирифтани ҷавонони кишварамон дар хориҷ аз кишвар таваҷҷуҳ дорад.

Дин ҳамеша поку беолоиш, шаффофу зулол, муқаддасу

муназзаҳ бояд бошад, то одамон бидуни ҳеҷ шакку шубҳае ба он бигаро259 Инчунин ҳолатро дар ин асри пурталотум, танҳо бо тақво ва парҳезгорӣ, дурӣ аз ҷаззобиятҳои сиёсат ва қудратталабӣ будан метавон ҳифз кард. Дар чунин шароит пойи динро ба сиёсат кашидан, дар ниҳоят бадном ва беэътибор кардани онро дорад ва маҳбубияташро ҳаргиз зиёд намкунад. Дин муносибати якхелаю бетабъиз барои ҳама инсонҳост, вале сиёсату ҳокимият наметавонад барои ҳама яксон бошад. Қувваҳои сиёсӣ, аҳзобу ниҳодҳои дигари дунявӣ, аксаран манофеи гурӯҳию ҳизбӣ, синфию табақотиро доранд. Дар ин талошҳою муборизаҳои сиёсӣ олуда кардани дини мубини ислом бар зарари он хоҳад буд.

Аз ин рӯ ҳидояти Президенти бар он аст, ки исломро аз ин хатар нигоҳ дорад: **«Дини мубини ислом чун ҳама динҳои дигар инсониятро ба таҳаммул, тараҳҳум ва тавозӯъ ҳидоят намуда, ҳар гуна зӯроварӣ ва кушторро маҳкум месозад. Бинобар ин терроризм ва экстремизмро бо ислом пайванд додан хатои маҳз аст. Терроризм ба ягон дин, мазҳаб ва миллат хос нест».**

Хулоса, дунявияте, ки дар кишвари мо пиёда шуда ва такмилу тақвият меёбад, бо **вуҷуди аз давлат ҷудо будани иттиҳодияҳои динӣ, байни дину давлат ҳамкорию ҳамоҳангӣ,** алалхусус дар он муҳите, ки доираи вазифаҳои дин аст, аз ҷумла дар умури одамият-инсонсозӣ инсонпарварӣ, эҳсону мурувват, саховату каромат, парваридани раҳму шафқат, тарбияи маънавию ахлоқӣ ва эҷоди рӯҳияи миллӣ-ватанхоҳӣ ҳукмрон аст.

## Савол ва супориш

1. Озодии виҷдон чист?
2. Принсипҳои асосии озодии виҷдон кадоманд?
3.Оё диндорӣ тибқи таълимоти динҳо маҷбурӣ аст?
4. Фарқи дунявият дар Тоҷикистон аз дунявияти давлатҳои дигар дар чист?
5. Муҳимтарин хусусиятҳои модели нави дунявиятро дар Тоҷикистон номбар кунед.

## МУНДАРИҶА


Муқаддима ........................................................3

§1. Фанни «Таърихи дин» ва вазифаҳои он ...............5

§2. Дин ҳамчун падидаи таърихиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ........................................................8

§3. Динҳои ибтидоӣ ..........................................13

§4. Парастишҳои қадимаи мардумони эронӣ. Оини меҳрпарастӣ (митраизм) ...................................18

§5. Дини мисриёни қадим ..................................23

§6. Дини бобулиёни қадим ..................................28

§7. Дини юнониёни қадим ..................................32

§8. Дини римиёни қадим ....................................37

§9. Дину оинҳои бостонии эронӣ-ориёӣ ..................42

§10. Дини зардуштия. «Авесто» – китоби муқаддаси зардуштиён ..................................................48

§11. Маросими зардуштия ....................................54

§12. Дини монавия ...........................................57

§13. Ҳаракати динӣ-иҷтимоии маздакия ................61

§14. Динҳои қадими Ҳиндустон. Ведҳо – китобҳои муқаддаси ориёиёни ҳинд. Дини браҳмания ..........65

§15. Динҳои ҷайния ва сикхия ..............................71

§16. Буддоия ....................................................75

§17. Динҳо дар Чин ...........................................80

§18. Динҳои сомӣ. Дини яҳудия ............................86

§19. Дини насронӣ (масеҳӣ ё христианӣ) ................91

§20. Таълимот ва китобҳои муқаддаси дини насронӣ ........................................................99

§21. Пайдоиши равия ва шохаҳои дини насронӣ ...105
§22. Дини ислом. Вазъияти иҷтимоӣ-фарҳангии нимҷазираи Арабистон дар арафаи пайдоиши ислом ....................................................................111
§23. Пайдоиши дини ислом ва густариши он дар нимҷазираи Арабистон ......................................117
§24. Паҳншавии ислом берун аз Арабистон .........125
§25. Истилои Осиёи Миёна ва паҳншавии Ислом дар ин минтақа ..................................................129
§26. Қуръон, Суннат ва Ҳадис ҳамчун сарчашмаҳои асосии ислом ..................................................136
§27. Шоха ва мазҳабҳои таърихии дини ислом ....142
§28. Исломи муосир ва вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии кишварҳои исломӣ ..............................................146
§29. Пайдоиш ва ташаккули динҳои ғайрисуннатӣ дар замони муосир ..............................................157
§30. Дин ва муносибатҳои динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони Истиқлолият .............164

**Ш. АБДУЛЛОЕВ, Ғ. МИРЗОЕВ, М. МУЗАФФАРӢ**

# ТАЪРИХИ ДИН

**КИТОБИ ДАРСӢ БАРОИ СИНФИ**

**9**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Аҳмадшоҳ Комилзода |
| Муҳаррири техникӣ | Қобилҷон Саъдуллоев |
| Саҳифабанд | Фирдавс Давлатбеков |

Ба матбаа 16.07.2015 супорида шуд.
Ба чопаш 12.08.2015 имзо шуд. Формати 60х90 1/16.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 11,0
Адади нашр 180 000 нусха. Супориши № 161/2015.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш,50.
Тел.: 222-14-66. E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбаа КВД КТН «Шарқи озод» бо супориши № 00
чоп шудааст

МОЛИКИЯТИ ДАВЛАТ

9 789994 713486